ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК:340.111(575.3)

ББК:67.3(2Т)

Ф –17

ФАЙЗАЛИЗОДА БАХТИЁР ФАЙЗАЛӢ

ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ПАЖӮҲИШИ ТАЪРИХӢ-НАЗАРИЯВӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

РОҲБАРИ ИЛМӢ:

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

профессор **РАҲМОН Д.С.**

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИҶА

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО..... 3

МУҚАДДИМА 4

БОБИ I. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ ДАР ТОҶИКИСТОН..... 24

1.1. Ташаккули ҳуқуқ ба таҳсил ва раванди таълим дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ 24

1.2. Инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва давраи амали он дар сарзамини таърихии тоҷикон..... 36

1.3. Инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар қонунгузории ҶШС Тоҷикистон 54

1.4. Инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи он дар даврони Истиқлолият..... 70

БОБИ II. ТАКМИЛИ НАЗАРӢ ВА АМАЛИИ ФАҲМИШ, МОҲИЯТ ВА ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 108

2.1. Фаҳмиш, моҳият ва аломатҳои асосии ҳуқуқ ба таҳсил..... 108

2.2. Принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил..... 126

2.3. Мавқеи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд 141

2.4. Омилҳои ҳуқуқӣ-идории таъсиррасон ба инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 158

ХУЛОСА 181

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚИҚОТ.....185

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ 193

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..... 213

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

КИМ – Кумитаи иҷроияи марказӣ

КМ ҲКИШ – Кумитаи Марказии Ҳизби Комунистии Иттиҳоди Шуравӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ҲКИШ – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

ҶБВ – Ҷанги Бузурги Ватанӣ

ҶМШС – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ЮНЕСКО – Мақомоти махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг

ЮНИСЕФ – Фонди байналмилалии кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии бунёди давлати демократии ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва иҷрои ухдадориҳои инсон ва шаҳрвандро, ки яке аз онҳо ҳуқуқ ба таҳсил мебошад, муқаррар кардааст. Моддаи 41-уми он на танҳо таълими умумии асосиро ҳатмӣ ва ройгон медонад, балки ҳуқуқи шаҳрвандонро ба таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ба таври ройгон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ дар доираи муқаррарнамудаи қонун таъмин менамояд. Аз ин бармеояд, ки ҳуқуқ ба таҳсил қисми таркибии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарин, омили муайянкунандаи воқеии татбиқи ҳуқуқу озодиҳои фардӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад. Конституцсияро дар асоси доктринаи волоияти қонун метавон ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ арзёбӣ кард, ки дар асоси он механизм ва стратегияҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян гардидааст. Ба ибораи дигар, ҳуқуқ ба таҳсил падидаи ҳуқуқиест, ки дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шуда, тавассути он давлат сиёсати худро дар самти маориф ва илм роҳандозӣ мекунад, барои дастрасӣ ба таҳсил шароити баробар фароҳам меорад ва нишон медиҳад, ки ҳеҷ кас наметавонад аз ҳуқуқи гирифтани таҳсилот маҳрум карда шавад.

Ғайр аз Конституцсия ҳуқуқ ба таҳсил ва роҳҳои ҳифзи он дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос ёфтааст. Масалан, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар моддаи 26-ум ҳуқуқ ба таҳсилро ҷузъи ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд эълон кардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо узви санадҳои муҳимми байналмилалӣ, аз ҷумла дар соҳаи маориф аст, инчунин бо ҷорӣ намудани системаи рейтинги умумӣ ба раванди Болония, ки ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат медиҳад, ҳамроҳ шудааст. Бо назардошти тамоюлҳои асосӣ метавон гуфт, ки ҳоло ҳамгироии таҳсилот дар ҷаҳон суръат гирифтааст, ки таҳияи тадбирҳо оид ба таъсиси стандарти ягонаи байналмилалии таҳсилотро дар назар дорад.

Ҳуқуқ ба таҳсил дар шароити муосири таҷдиди соҳаи маориф омили асосии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, аввалин зинаи дарку татбиқи тамоми доираи ҳуқуқҳои инсон ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳар кас азхудкунии дониш, маҳорат, рушди қобилиятҳои эҷодӣ, фаъолияти пурсамари ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ ва амнияти миллиро кафолат дода, суботи ҷомеаро барқарор намуда, ба рушди давлати демократӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Дар замони фанновариҳои нав маориф на танҳо як соҳаи иҷтимоӣ, балки сармоягузорӣ ба ояндаи кишвар аст, ки дар он бояд давлат, ҷомеа, корхонаҳо, ташкилотҳо, шаҳрвандон иштирок кунанд, зеро ҳама ба таҳсилоти босифат манфиатдоранд.

Яке аз масъалаҳои ҳуқуқ ба таҳсил аз нигоҳи татбиқи он ин нигаронӣ дар бораи сифати таъмини таҳсилот дар шароити оммавӣ ё ҳамаҷонибаи таҳсилот мебошад. Ислоҳоти солҳои охир дар соҳаи таҳсилот, аз қабили татбиқи таълими фосилавӣ ва онлайнии таҳсилоти олӣ, ба роҳ мондани низомҳои нави таҳсилот дар зинаҳои гуногун, танзими муносибатҳои таълимӣ бо низомномаи донишгоҳ дар бораи раванди таълим, дастгирии вижаи давлатии қишрҳои алоҳидаи аҳолӣ барои дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ, таъмини фарогир будани таҳсилоти олӣ, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳуқуқ ба таҳсил дар сиёсати давлатӣ беш аз пеш аҳаммият пайдо мекунад, ки албатта, ҷавобгӯйи манфиатҳои миллии рушди ҳамаҷонибаи кишвар аст.

Қабули чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» аз 8 августи соли 2015, Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16 апрели соли 2012, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», Консепсияи миллии маълумот дар ҶТ соли 2006, Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҶТ барои солҳои 2011-2015, “Низомноаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 29 майи соли 2017 таҳти № 7/35 ва Барномаи системаи давлатии омӯзиши соҳаи ҳуқуқи инсон дар ҶТ ва ғайра бевосита аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуқуқ ба таҳсил на танҳо ҷузъи асосӣ ва имтиёздоштаи сиёсати давлатии кишвар дониста

мешаванд, балки зарурати дар сатҳи зарурӣ ва мутобиқ ба воқеиятҳои дунёи муосир ба роҳ мондани раванди дастрасии шаҳрвандон ба ҳуқуқ ба таҳсил дарк карда шудааст.

Масъалаҳои моҳият ва мазмуни ҳуқуқ ба таҳсил ва мавқеи он дар низоми ҳуқуқҳои инсон вобаста ба тағйир додани системаи таҳсилот умумияти назариявиро талаб мекунанд. Татбиқи самараноки ҳуқуқ ба таҳсил ва тадричан густариши мундаричаи он дар шароити татбиқи барномаву дурнамоҳои давлатӣ дар ин самт аз рушди ниҳодҳои демократӣ, ҳуқуқӣ ва инноватсионӣ дар ҶТ гувоҳӣ медиҳад. Мубрамии мавзуъро метавон бо дараҷаи аҳаммияти иҷтимоии масъалаи такмили заминаҳои қонунгузории амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил, сифат ва дастрасии таҳсилот ҳамчун кафолати таъмини ҳуқуқ ба таҳсил, мутобиқсозии қонунгузориҳои ҷории миллии маориф ба меъёрҳо ва воқеиятҳои навини ҷаҳони имрӯз шарҳ дод. Дар чунин шароит раванди ташаккули таҳсилоти муосир ҳамчун заминаи бунёдии рушди давлат ва омода намудани сармояи инсонии рақобатпазир аҳаммияти калон дорад.

Агарчи аз ҷониби олимони кишвар дар робита ба дигар масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳуқуқ ба таҳсил ҳам ба таври зимнӣ ва ишоравӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта бошад ҳам, асосҳои ҳуқуқии амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил мавзуи таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илми ҳуқуқи ватанӣ нагардидаанд. Ба назар мерасад, ки асосҳои қонунгузории мавҷуда талаботи ҷомеаи имрӯзаро, ки метавон ҷомеаи иттилоотӣ унвон кард, пурра қонеъ карда наметавонад, аз ин рӯ, зарурати пажӯҳиши ҷанбаҳои алоҳидаи ҳуқуқ ба таҳсил ва пайдо кардани роҳу равишҳои такмилсозии асосҳои қонунии ҳуқуқ ба таҳсил возеҳ ба назар мерасад. Агар маҷмуи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти таълимӣ таҳия ва ба санадҳои мавҷуда замима карда шаванд (яъне ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, ки барои таҳсилот ҷудо карда мешавад, стандартҳои давлатии бакалавр, мутахассис, магистратура, таносуби корҳои тарбиявӣ, илмӣ, таълимӣ, сатҳи музди меҳнат, маблағи стипендияи донишҷӯён ва аспирантҳо, ҳамаи унсурҳое, ки мақоми муассисаҳои таълимии ҳама зинаҳоро ташкил медиҳад ва барои иҷрои вазифаҳои касбии онҳо шароит фароҳам меорад), пас тавассути

мушаххас кардани чунин мушкилот, метавон дараҷаи мувофиқати навовариҳои қабулшударо ба вазифаҳое, ки дар назди низоми маорифи ҶТ гузошта шудаанд, арзёбӣ кард. Бартараф намудани ихтилофҳо ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо назардошти мушкилоти иловагии таҳияшуда имкон медиҳад, ки таълими инноватсионӣ самаранок инкишоф ёбад. Тамоми нукоти зикршуда бар ин далолат мекунанд, ки интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мубрам ва саривақтӣ аст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Пажӯҳиши мавзуи ҳуқуқ ба таҳсил – масъалаҳои таърихӣ-назариявӣ дар марҳилаи кунунии пешрафти ҶТ яке аз масъалаҳои бунёдии ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Аз омӯзиши сарчашма ва адабиёти илмии ҳуқуқшиносӣ бармеояд, ки то кунун вобаста ба мавзуи матраҳшуда дар ҳавзаи ҳуқуқшиносии кишварамон таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ё монографӣ ба ҳадди ангуштшумор анҷом гирифтааст. Аз ҷумла, Н.И. Муминзода дар мавзуи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар робита ба таҳсилоти олии касбӣ мақолаҳои алоҳида ва ҳамчунин таҳти унвони «Танзими ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ» рисолаи номзадӣ ҳимоя кардааст, аммо масъалаҳои назариявӣ ва таърихии ҳуқуқ ба таҳсилро мавриди баррасӣ қарор надодааст[1]. Ф.С. Мирзозода дар силсиламақолот ва ҳамчунин дар рисолаи номзадии худ зери унвони «Танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ: таҳқиқи умуминазариявӣ» масъалаҳои назариявии мафҳумҳои танзими ҳуқуқӣ ва ҳуқуқ ба таҳсил, роҳҳо ва усулҳои қонунии амалӣ кардани он, низом ва намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти ҶТ ва монанди инҳоро баррасӣ ва таҳқиқ намудааст[2]. Ягона монографияе, ки метавон ба ин мавзуъ рабт дод, аз

[1] Муминзода Н.И. Танзими ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 178 с.; Муминзода Н.И. Ҳуқуқи истеъмолкунанда дар раванди хидматрасонии таълимӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 7. – С. 206-215; Муминзода Н.И. Сифати хизматрасонӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 9. – С. 371-376; Муминзода Н.И. Защита прав потребителей в части платных образовательных услуг // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 6. – С. 202-205.

[2] Мирзозода Ф.С. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ: таҳқиқи умуминазариявӣ: дисс. ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 184 с; Шарофзода Р.Ш., Мирзозода Ф.С. Мафҳуми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 5. – С. 262-268;

ҷониби Р. Юсуфбеков бо унвони «Конституцияи СССР дар бораи ҳуқуқ ба таҳсил ва истифодаи комёбиҳои маданият» навишта шудааст, ки бо вуҷуди баррасии баъзе паҳлуҳои мавзуъ ба далели ҷавобгӯ набуданаш ба шароити ҳозираи таърихиву ҳуқуқӣ наметавонад қобили истифодаи васеъ бошад.

Чанде дигар аз ҳуқуқшиносон дар мақолаҳои алоҳида ба таври мухтасар ба масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил пардохтаанд, ки инҳо Ҳ.Ш. Имомов[3], Ҷ.У. Ҳомидов[4], Ш.Ш. Мизробов[5] мебошанд. Чунон ки дида мешавад, коркард ва ҳалли ҳамаҷониба ва бонизоми масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалиявӣ дорад, мавриди тадқиқоти илмии ҳеҷ яке аз олимони ватанӣ қарор дода нашудааст.

Ҳамин тавр, дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи инсон ба таҳсил, принсипҳои ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва мавқеи он дар низоми ҳуқуқҳои инсон танҳо дар ду сарчашма – китоби «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»-и профессор Р.Ш. Шарофзода[6] барои мактабҳои олӣ ва рисолаи дар боло зикршудаи Ф.С. Мирзозода шарҳи илмӣ дода шудааст, ки ин ҳолат бо назардошти сиёсати пешгирифтаи давлат дар роҳи баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо бояд ҳамчун камбудии ҷиддии ҳуқуқшиносии ватанӣ пазируфта шавад.

Ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти ҳуқуқӣ масъалаҳои ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби доираи васеи олимони рус дар қаринаи мавзуъҳои мушаххаси ҳуқуқӣ пажӯҳиш шудаанд.

Мирзозода Ф.С. Масъалаҳои назариявии мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 4-1. – С. 217-221; Мирзозода Ф.С. Ҳуқуқ ба таҳсил ва роҳҳои амалӣ кардани он // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – № 2 (18). – С. 14-26; Мирзозода Ф.С. Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилот // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 4. – С. 251-257.

[3] Имомов Ҳ.Ш. Роҷеъ ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – № 3(15). – С. 94-101.

[4] Хомидов Дж.У. Изучение теоретических аспектов права на образование как научно-исследовательская задача // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – № 10-1. – С. 272-276.

[5] Мизробов Ш.Ш., Ф.А. Бобохонов Ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2017. – № 4 (8). – С. 117-123.

[6] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат (китоби дарсӣ). – Душанбе: “Сино”, 2018. – С. 774 с.

Рушди таърихии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро дар кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла Русия Н.И. Никитина,[7] Р.Ш. Мешеров[8] ва дигарон омӯхтаанд. Масъалаҳои вазъи ҳуқуқии шахсро А.В. Богданов[9], Н.П. Демидова[10], К.Н. Гусейнова[11], О.Н. Столбушинская[12] ва дигарон мавриди пажӯҳиш қарор додаанд.

Асосҳои конституцсионии ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар корҳои диссертатсионии Н.С. Голубкова[13], В.В. Рибакова[14], М.В. Смирнова[15], О.В. Стулникова[16], О.А. Теплякова[17] Т.С. Румянтсева[18], О.А. Теплякова, И.В. Тяпкина[19] ва дигарон баррасӣ шудаанд. Баррасии корҳои олимони рус гувоҳи он аст, ки онҳо бештар диққати худро ба масъалаи хусусияти конституцсионӣ доштани ҳуқуқи инсон ба таҳсил дода, мавқеи онро дар низоми қонунгузорӣ бозҷӯӣ кардаанд.

Д.Б. Бердникова[20], С.А. Мишенко [21] ва дигарон дар пажӯҳишоти худ бештар ба таҳлили муқоисавии ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқии кишварҳои гуногун ва ҳамчунин паҳлуҳои байналмилалии таъмини ҳуқуқ ба таҳсил пардохтаанд.

---

[7] Никитина Н.В. Развитие идеи права на образование в педагогических теориях Западной Европы XVII-XIX века: дис. ... канд. пед. наук. – СПб., 1997. – 160 с.

[8] Мещеров Р.Ш. Право на образование в дореволюционной России в конце XIX – начале XX в.в.: историко-правовой аспект: автореф. дис... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2010. – 25 с.

[9] Богданов А.В. Полномочия органов государственной власти субъектов Российской Федерации по обеспечению конституционного права на образование: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Тюмень, 2008. – 25 с.

[10] Демидова Н.П. Право на образование в Российской Федерации в условиях глобализации: (теоретико-правовое исследование): автореф. Дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2013. – 28 с.

[11] Гусейнова К.Н. Право человека на высшее образование по международному праву и проблемы его обеспечения в условиях глобализации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2015. – 210 с.

[12] Столбушинская О.Н. Защита права на образование по гражданскому законодательству Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2005. – 187 с.

[13] Голубкова Н.С. Особенности реализации конституционного права на образование в негосударственном образовательном учреждении в России: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2002. – 152 с.

[14] Рыбакова В.В. Конституционное право на общее образование в Российской Федерации (Проблемы теории и практики): дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2005. – 218 с.

[15] Смирнова М.В. Конституционное право на образование и гарантии его реализации в негосударственных общеобразовательных учреждениях: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – 201 с.

[16] Стульникова О.В. Конституционное право граждан на образование и проблемы его реализации в субъектах Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Пенза, 2008. – 225 с.

[17] Теплякова О.А. Конституционное право на образование и его обеспечение в деятельности органов государственной власти субъектов Российской Федерации и органов местного самоуправления: дис. ... канд. юрид. наук. – Тюмень, 2005. –200 с.

[18] Румянцева Т. С. Конституционное право на образование в социалистических странах: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1984. – 20 с.

[19] Тяпкина И.В. Правовой механизм реализации конституционного права на образование в средних и высших профессиональных учебных заведениях в России: автореф. дис... канд. юрид. наук. – М., 2009. – 22 с.

[20] Бердникова Д.Б. Международно-правовой механизм обеспечения реализации права на образование: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2019. – 194 с.

[21] Мышенко С.А. Право на высшее образование в России и Германии (сравнительно-правовое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Тюмень, 2015. – 180 с.

Чунонки ба назар мерасад, масъалаҳои назариявии марбут ба ҳуқуқ ба таҳсил дар илми ҳуқуқи муосири Русия то ба имрӯз мавзуи таҳқиқоти бисёрҷанба будаанд. Омӯзиши ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар корҳои олимони рус одатан баррасии масъалаҳои татбиқи он ҳамчун хидмати давлатӣ дар муассисаҳои таълимии намудҳои гуногун ва ҳифзи он аз ҷониби мақомоти давлатиро дар бар мегирад. Албатта, бо назардошти ин ки вижагиҳои қонунгузорӣ, низоми ҳокимияти давлатӣ, фазои сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳамчунин хусусияҳои хоси миллии раванди таҳсилот дар ҳар ду кишвар аз ҳам фарқ мекунанд, вуҷуди фаровони корҳои таҳқиқоти олимони рус бо вуҷуди манфиати ғайри қобили инкор доштанашон наметавонанд, барои такмил ва тавсеаи низоми ҳуқуқии падидаи ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ кофӣ бошанд.

Бо назардошти ҳамин нукот, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун ҳуқуқи ҷудонашавандаи ҳар як шахс ва унсури зарурии институти ҳуқуқи инсон дар маҷмуъ баррасӣ намуда, мазмун ва моҳияти онро тавассути таҳлили қонунҳои амалкунандаи ҶТ, кишварҳои дар ин самт пешрафта ва санадҳои байналмилалӣ ошкор хоҳад кард. Дар рисола фикру ақидаҳои ҳуқуқшиносон, иқтисоддонҳо ва ҷомеашиносон дар бораи ҳуқуқ ба таҳсил ба низоми мушаххас ва қобили истифодаи ҳуқуқӣ дароварда шудааст. Тадқиқоти диссертатсионӣ анъанаи дарки ҳуқуқи инсон ба таҳсилотро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ давом ва такмил медиҳад.

Робитаи таҳқиқот ба барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ барои солҳои таҳсили 2016-2020 дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир» ва нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ» дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ» иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти мазкур муайян намудани масъалаҳо ва мушкилоти бунёдии назариявӣ ва амалии кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил, дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо, инчунин, таҳияи пешниҳодот дар робита ба бартараф сохтани камбудиҳо дар сатҳи қонунгузории ҷумҳурӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба мақсадҳои зикршуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур дониста мешавад:

– омӯзиши заминаҳои таърихӣ-назариявӣ ва усулии пайдоиш ва инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар таърихи халқи тоҷик;

– ошкор сохтани мушкилоти асосии мафҳуми назариявӣ, муайян намудани таснифот, вазифаҳо ва роҳу усулҳое, ки имкон медиҳанд таҳлили илмии ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар ҶТ ба амал бароварда шавад;

– таҳлили нақши ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар таъмин ва барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ташкили давлатдории имрӯзаи тоҷикон;

– омӯзиши хусусиятҳои фарққунандаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар алоқамандӣ бо ҳуқуқҳои дигари инсон дар марҳилаҳои инкишофи давлатдории тоҷикон;

– муайян кардани даврaҳои таърихи инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва пайдоиши он дар Тоҷикистони имрӯза;

– муайян намудани омилҳое, ки ба инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон таъсир мерасонанд;

– омӯзиши сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва нақши он дар инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил;

– муайян намудани нақши таълим дар инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил;

– таҳлили стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳуқуқи инсон ба таҳсил;

– коркарди пешниҳодҳо вобаста ба шаклҳои нави таҳсил, фаъолияти мақомотҳои давлатӣ дар раванди танзими муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқот заминаҳои ташаккул, масъалаҳои фарогирӣ ва натиҷаҳои кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар ҶТ мебошад.

Мавзуи таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқотро масъалаҳои механизми татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил, коркарди назариявӣ ва мулоҳизаҳои муҳаққиқон оид ба амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил, рушди таърихии қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқ ба таҳсил, мафҳум, моҳият, хусусиятҳо ва принсипҳои он ташкил медиҳанд.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Диссертатсияи мазкур фарогири ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҶТ дар робита ба ҳамаи зинаҳои таҳсил дар давоми амал кардани ҳуқуқи зардуштӣ то 31 соли охири соҳибистиқлолӣ буда, бо назардошти раванди шаклгирии асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба таҳсилот 4 марҳиларо дар бар мегирад: 1) ҳуқуқи давраи зардуштӣ; 2) ҳуқуқи давраи ислом; 3) ҳуқуқи давраи шуравӣ; 4) ҳуқуқи давраи соҳибистиқлолӣ.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккул ва инкишофи заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ баррасӣ гардидааст. Инчунин, таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ ва амалияи кишварҳои Тоҷикистон, Русия ва Британия оид ба татбиқи ҳуқуқи инсон ба таҳсил анҷом дода шудааст, ки мазмуну моҳияти рисоларо такмил медиҳад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асоси назариявии диссертатсияро корҳои илмию назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқ ба таҳсил ташкил медиҳад. Дар таҳияи рисола муаллиф ба осори Н.И. Муминзода, Ф.С. Мирзозода, Р.Ш. Шарофзода, Ф.Т. Тоҳиров, М.А. Маҳмудзода, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ш. Шарофзода, Э.С. Насриддинзода, А.Ғ. Холиқзода, Ҷ.З. Маҷидзода, Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон, С.С. Алексеев, Р.С., Гринберг, В.С. Нерсесянс, В.М. Сирих, В.Е. Чиркина, В.И. Шкатулла ва дигарон такя кардааст.

Ҳангоми навиштани рисола асарҳои мутахассисони хориҷӣ, аз қабили Р. Алекси, Э. Аннерс, И. Берлин, К.Д. Битер, Д. Спринг, Ҷ. Кармел, М. Новак, К. Васак ва дигарон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд.

Дар рисола аз осори классикони фалсафаи ҳуқуқ, ба монанди Г.В. Ф. Гегел, Т. Гоббс, Г. Йеллинек, И. Кант, Д. Локк, Т. Мор, Т. Пейн, Афлотун, Ҷ. Руссо ва дигар файласуфони аҳди антиқа, асрҳои миёна ва замони муосир истифода шудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, диалектикӣ, мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо ташкил медиҳанд. Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар баррасии мавзуи таҳлилшаванда аз назари хронологӣ ва таърихӣ дар ҳамбастагӣ бо қонуниятҳои диалектикии рушди ҳодисаҳои иҷтимоӣ ба маврид ва мақсаднок истифода гардида, сифати хулосаҳои илмиро ғанӣ намудааст.

Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият додааст, то пайдоиш ва ташаккули заминаҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҳуқуқи халқи тоҷик пажӯҳиш гардида, монандӣ ва тафовути мазмуни рушди сифатӣ ва амалии дастрасии тамоми қишрҳои ҷомеа ба ҳуқуқ ба таҳсил дар даврaҳои мазкур муайян карда шавад. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил дар қонунгузории ҶТ ва санадҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Тавассути усули диалектикӣ сабаб ва шароитҳои пайдоиши заминаҳои қонунгузории ҳуқуқ ба таҳсил, зарурат ва аҳаммияти он барои рушди ҷомеа ва давлат аз аҳди қадим то замони муосири таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик муайян карда шудааст. Бо истифода аз усули мантиқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ маводи амалии дар истифодаи муаллифбуда, вобаста ба мавзуи баррасишаванда пурра таҳқиқ шуда, пешниҳодҳо ҷиҳати таҷдиди назар намудани баъзе аз паҳлуҳои асосҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил манзур карда шудаанд. Дар заминаи усули мантиқӣ-забонӣ истилоҳ ва ибораҳои мавҷуда оид ба муқаррарнамоии мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил таҳлил гардида, истифодаи истилоҳи ягона, ҷойгиршавии бамавқеи мафҳуму ҳукмҳои ҳуқуқӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст пешниҳод карда шудааст. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ таҳлили шакл ва намои санадҳои қонунгузорӣ мутобиқ ба расмиёти ҳуқуқӣ мавриди таҳлил ва пешниҳод қарор гирифтааст. Усулҳои ишорашуда дар

якҷоягӣ имконият фароҳам овардаанд, то мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

Заминаҳои эмпирикӣ. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Конституцсияи ҶТ, қонунҳои конституцсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, барнома ва стратегияҳои давлатӣ истифода шудаанд. Дар баробари санадҳои миллӣ, инчунин, санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида оид ба ҳуқуқ ба таҳсил мавриди истифода қарор гирифтаанд. Муҳимтарин замина ва роҳнамои таҳқиқот Паёмҳои ҳарсолаи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб мераванд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои назарӣ ва амалии кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ бо назардошти давраҳои таърихии рушди ҳуқуқ ба таҳсил дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои илмию амалии ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос мекунанд. Пешниҳод ва хулосаҳо оид ба тағйири баъзе аз паҳлуҳои қонунгузории ҳуқуқ ба таҳсил ва маориф дар ҶТ равона гардида, мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсилро такмил медиҳад. Ҳамин тавр, навгонии таҳқиқот бо ҳалли масъалаҳои зерин муайян мегардад:

1. Ошкор гардидани асосҳои назариявию методологии омӯзиши масъалаҳои кафолати ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил.

2. Таҳқиқ гардидани заминаҳои ташаккули таърихии ҳуқуқ ба таҳсил ва нақши ҳуқуқи зардуштӣ ва исломӣ дар шакл гирифтани муносибатҳои ҳуқуқӣ дар робита ба таҳсилот ва маориф.

3. Таҳлили мақоми ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми дигар ҳуқуқҳои инсон, баррасӣ гардидани омилҳое, ки ба самаранокии низоми маориф ва амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил таъсир мерасонанд.

4. Дақиқ сохтани маъноҳои субъективӣ ва объективии ҳуқуқ ба таҳсил;

5. Муайян гардидани махсусияти кафолатҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар қаринаи тамоюлҳои инкишофи ҷомеаи муосир, ошкор гардидани омилҳои таъсиррасон ба сатҳу сифати дастрасии ҳуқуқ ба таҳсил дар таҷрибаи кишварҳои муосир, таҳлили сабабҳои асосии рух додани камбудиҳо дар раванди амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил, ошкор намудани роҳҳо, воситаҳо ва чораҳои самаранок баҳри баланд бардоштани ҷанбаҳои ҳуқуқии хидматрасониҳо дар соҳаи таҳсилот.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Таҳқиқоти илмии анҷомёфта имкон медиҳад, ки чунин **нуктаҳои илмии назарӣ** ба ҳимоя пешниҳод карда шаванд:

1. Пайдоиши асосҳои моҳиятии ҳуқуқ ба таҳсил дар афкори ҳуқуқии тоҷикон дар чор давра ба амал омад: 1) давраи фаҳмишу дарки худи мафҳум ва истилоҳи ҳуқуқ; 2) ташаккули ғояи ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун ҳуқуқи табиӣ, ки барои қонеъ гардондани талаботи инфиродии шахс ва манфиатҳои давлат равона шудааст; 3) пазируфтани ғояи илмпарваронаи дини Ислом дар мавриди зарурати илмомӯзӣ ва касби дониш кардан ҳамчун воситаи муҳимми такмил додани ҳар як шахс ва ҷомеа дар маҷмуъ; 4) таҳияи идеяи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ҳуқуқ ба таҳсил дар мафҳуму истилоҳоти муқарраршудаи фаҳмиши ҳуқуқӣ.

2. Ташаккул ва инкишофи ғояҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ марҳалаҳои зеринро тай кардааст: 1) пайдоиши идеяи ҳуқуқ ба таҳсил дар таълимоти илмии исломии асрҳои IX-XIX; 2) Тасдиқи идеяи ҳуқуқ ба таҳсил дар назарияҳои маорифпарваронаи фаҳмиши ҳуқуқии ибтидои асри XX; 3) ташаккули ғояи ҳуқуқ ба таҳсил дар замони шуравӣ (солҳои 20-уми асри XX – то соли 1991); 4) ташаккул ва инкишофи равишҳои гуногунандешии назариявӣ ва методологии омӯзиши ҳуқуқ ба таҳсил (аз соли 1991).

3. Таҳаввули мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ дар робита бо парадигмаи Аврупои Ғарбии ин ҳуқуқ, ки тавассути низоми шуравӣ ворид шудааст, дорои хусусиятҳои муайян аст: пайдоиши идеяи ҳуқуқ ба таҳсил тавассути шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ дар афкори ҳуқуқии тоҷикон дар давраи баъдӣ ба амал омад; асосҳои динии ҳуқуқ ба таҳсил дар

назарияи олимони ҶТ то ҳанӯз устувор боқӣ мондаанд; мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил дар натиҷаи ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар давраҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо асосҳои демократӣ-миллӣ ғанӣ гардид. Дар замони шуравӣ ҳуқуқ ба таҳсил дар заминаи интиқод аз таълимоти илмии ғарбӣ ва демократӣ-миллатгароӣ аз ҷониби давлат рӯйи кор омода буд. Аз соли 1991 инҷониб эҳёи равишҳои гуногунандешии назариявӣ ва методологӣ барои фаҳмидани ҳуқуқ ба таҳсил ба амал омад.

4. Мафҳуми «ҳуқуқ ба таҳсил» ба маънои субъективӣ бояд ҳамчун имконияти ҳар як шахс маънидод карда шавад, ки дар Конституцсия ва қонунҳо ифода ёфта, ба инкишофи зеҳнӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ, фарҳангӣ, иҷтимоишавии бомуваффақ ва расидан ба шароити сазовори иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Ба таври объективӣ бошад, ҳуқуқ ба таҳсил бояд ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие шинохта шавад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи маориф танзим намуда, ҳадафҳо, мазмун, ҳудуди фазоиву замонӣ, тартиби амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсилотро муайян мекунанд, инчунин ташкили мудирияти раванди таҳсилот, намуд ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро, ки дар соҳаи маориф амал мекунанд, танзим менамояд, вазъи ҳуқуқуии онҳо, тартиби амалӣ намуданӣ фаъолияти таҳсилотро муқаррар месозад.

5. Принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил принсипҳои бунёдӣ, идеяҳое мебошанд, ки моҳият ва самти умумии рушди онро муайян мекунанд. Принсипҳои мазкур ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) дастрасии умумии таҳсилот ва таъмини ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсил, озодии интихоби намудҳои таълим ва ҳуқуқи афзалиятноки волидони кӯдакони хурдсол дар интихоби таҳсил; 2) хусусияти инсондӯстона, демократии ҳуқуқ ба таҳсил ва кафолат додани истифодаи ҳуқуқ ба таҳсил дар тамоми умр.

6. Ҳуқуқ ба таҳсил дар ҳолате самаранок ва ба таври комил амалӣ мегардад, ки давлат ва ҷомеа ба дарки ин нукоти асосӣ бирасанд: а) ҳуқуқ ба таҳсил асоси рушди дигар ҳуқуқҳо мебошад; б) табъиз дар соҳаи маориф бо

ҳама гуна асос қобили қабул нест; в) ҳуқуқ ба таҳсил дастрасӣ ба муассисаҳои таълимӣ, таҳсилоти босифат ва расман эътироф шудани таҳсилоти гирифтаро таъмин менамояд; г) гуногунандешӣ дар соҳаи маориф таъмин карда шавад; г) ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсил дар робитаи мунтазам бо дигар ҳуқуқҳои бунёдӣ сурат мегирад; ғ) ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба масъалаҳои таҳсилот хусусияти танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вазъи ба вуҷудомада дар ҳолати мушаххас ба инобат гирифта мешавад.

Дар баробари таклифҳои назариявӣ пешниҳоди чунин **таклифҳои амалиро** зарур мешуморем:

1. Пӯшида нест, ки ҶТ дар бахши ҳуқуқ ба таҳсил доираи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро қабул намудааст, ки аз як тараф дар рушду такомули ҳуқуқ ба таҳсил заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда, ба пешрафти соҳаи маориф ва баланд бурдани сифати таҳсилот дар ҷумҳурӣ мусоидати амалӣ карда бошанд, аз тарафи дигар фаҳмиши ягонаи баъзе унсурҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида бинобар зиёд будани шумораи санадҳо мушкил буда, дар баъзе ҳолат шарҳу тафсири онҳо духӯрагиро ба миён меоранд. Ба андешаи мо, бинобар сабаби васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва инкишофи қонунгузории соҳаи таҳсилот хуб мешуд, ки ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардидаро якҷоя намуда, бо назардошти талаботҳои қонунгузорӣ як механизми ягонаи амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил дар шакли пурра ва оммафаҳм бо номи Кодекси таҳсилоти ҶТ қабул карда мешуд.

2. Ҳамчунон ки аз муқаррароти банди 3-юми қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ аз 25 майи соли 2018 № 12/28 «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои қабул ба магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҶТ» ба назар мерасад, барои дохил шудани шаҳрвандон ба магистратура ва таҳсил намудани онҳо маҳдудияти синнусолӣ ҷорӣ карда шудааст. Банди сеюми ин қарор эълом мекунад, ки «ба зинаи магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ мувофиқи шартномаву созишномаҳои байнидавлатӣ ва шахсони бетабаои муқими ҶТ, ки

зинаҳои бакалавр ва ё мутахассисро хатм намудаанд, қабул карда мешаванд. Қабули довталабон дар зинаи магистратура то сини 35-солагӣ ба амал бароварда мешавад». Ин дар ҳолест, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» дар пайравӣ аз муқаррароти моддаи 41-уми Конституцияи ҶТ дар моддаи 4 «баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат» ва ҳамчунин «дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун»-ро кафолат медиҳад. Ҳамин тавр, вуҷуд надоштани табақабандии қонунгузориҳо дар соҳаи маориф, ки мо дар боло ишора кардем, сабаби номувофиқатӣ ва мухолифатҳои ҳуқуқӣ гаштааст. Бо назардошти ин ки маҳдудияти синнусолӣ дар робита ба таҳсил дар зинаи магистратура асоси ҳуқуқӣ, педагогӣ ва илмӣ надорад, пешниҳод мегардад, ки ин маҳдудият аз қонунгузориҳои ҶТ бардошта шавад.

3. Ҳарчанд қонунгузории соҳаи таҳсилот дар ҶТ таҳсилоти ройгонро кафолат дода бошад ҳам, дар раванди гирифтани таҳсилоти олӣ ба назар мерасад, ки шумораи ҷойҳои буҷавӣ дар ихтисосҳое, ки кадрҳои рақобатпазир ва ба талаботи бозори корӣ дар замони муосир ҷавобгӯ омода мекунанд, бисёр кам ҷудо карда шудааст. Ин ҳолат сабаб мешавад, ки қишри аз назари иқтисодӣ осебпазир наметавонанд ба таҳсилоти босифат ва рақопатпазир дастрасӣ пайдо кунанд. Хуб мешуд, ки агар ҶТ чораҳоеро меандешид, ки ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандонро дар бештари ин гуна мавридҳо дар шакли ройгон таъмин менамуд, ки албатта, ин иқдом ба манфиати давлат ва шаҳрвандон анҷом хоҳад гирифт.

4. Дар замони муосир таҳсилоти фосилавӣ яке аз шаклҳои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил мебошад, ки заминаҳои қонунгузорӣ ва танзими ҳуқуқии он ҳанӯз ба шакли комил ва мутобиқ ба шароити муосир анҷом нагирифтааст. Мувофиқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» «таҳсилоти фосилавӣ – ин тарзи амалисозии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекомуникатсионӣ мебошад, ки таълимро дар масофа, бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад». Бо вуҷуди ин ки аллакай дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ин намуди таҳсил ҷорӣ карда шуда, бо муваффақият амал мекунад, вале ҳанӯз ҳам ба ғайр аз Низомномаи

таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» санади меъёрӣ ҳуқуқии дигаре ҷой надорад, ки тартиби амалисозӣ, принсип ва усулҳои танзими раванди таҳсили фосилавро ба танзим дарорад. Аз ин рӯ зарур мешуморем, ки бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи ҶТ заминаҳои ҳуқуқии таҳсилоти фосилавӣ муайян карда шуда, тартиби амалисозии он муқаррар гардад.

5. Пешниҳод мешавад, ки дар Тоҷикистон мақоми Ваколатдор оид ба ҳуқуқ ба таҳсил таъсис дода шавад, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ӯ, тартиби ба даст овардан ва қатъ намудани Ваколат, кафолатҳои фаъолияти ин мақом (таҷрибаи Ҷумҳурии Австрия, Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Федератсияи Русия ва дигар давлатҳо) муайян ва муқаррар карда шаванд. Вазифаи Ваколатдор оид оид ба ҳуқуқ ба таҳсил бо мақсади таҳвияти кафолатҳои конституцсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқ ба таҳсил таъсис дода мешавад ва вазифаҳои асосии ӯ мусоидат намудан ба:

– риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии хонандагон, донишҷӯён омӯзгорон ва волидон дар раванди дастрасӣ ба таҳсил;

– барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи иштирокчиёни раванди таҳсил;

– такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил;

– баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил;

– пешгирии вайрон кардани ҳуқуқҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди таҳсил мебошад.

Самти афзалиятноки фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна бояд муқаррар карда шавад.

6. Дар шароити имрӯза маълум аст, ки омодасозии хонанандагони мактабҳои миёна ва ҳамчунин дигар шаҳрвандон ба имтиҳоноти марказонидаи дохилшавӣ бештар вақт дар муассисаҳои ғайридавлатии таҳсилоти иловагӣ, марказҳои

омӯзишӣ-омодасозии хусусӣ, ки ба муштариёни худ мувофиқи ихтисосҳои интихобнамудаашон машғулиятҳо мегузаронанд, ҷараён мегирад. Ин муассисаву марказҳо аксаран ба таҳияи барномаҳои инноватсионии илмӣ-таълимӣ ҳам таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо ин роҳ машғулиятҳои омӯзишии худро муассиртар месозанд. Махсусан дар шаҳрҳо, аксар вақт маҳз ин муассисаҳо сабаб мешаванд, ки довталабон дар имтиҳоноти дохилшавӣ муваффақ гардида, ба зинаи таҳсилоти олӣ қадам гузоранд. Аммо то кунун қонунгузории кишвар ва соҳаи маориф ба ин марказҳои омӯзишӣ-омодасозӣ ва муассисаҳои ғайридавлатии таълимӣ ҳамчун як навъи тиҷорат муносибат карда, саҳму тавонмандиҳои онҳоро дар роҳи рушди маориф нодида мегиранд. Аз ҳамин сабаб, бо мақсади таъмини беҳтари ҳуқуқ ба таҳсили олии босифати қишри бештари аҳолӣ, ки аз сабаби гаронии хидматрасониҳои чунин марказҳо, аз истифодаи он маҳрум мемонанд, пешниҳод карда мешавад, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва қонунгузориҳои дахлдори соҳаи андоз барои чунин муассисаҳо ва марказҳо чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва сабукиҳои махсус ҷорӣ карда шаванд.

7. Маълум аст, ки кӯдакони синни томактабӣ дар ду марҳила ба таҳсил фаро гирифта мешаванд: марҳили аввал, ки то 4-5 солагӣ ва марҳилаи дувум, ки то 7 солагиро дар бар мегирад. Агар дар марҳилаи аввал кӯдакон асосан ба тарбия фаро гирифта шаванд, дар марҳилаи дувум чун қоида таълими донишҳои аввалия, ба монанди хониш, ҳисоб ва ғ. ба роҳ монда мешаванд. Аммо аз сабаби ҳатмӣ набудани таҳсилоти томактабӣ ҳанӯз аз оғози таҳсилоти ибтидоӣ дар мактаб кӯдаконе, ки таҳсилоти томактабии давраи дувум фаро гирифта нашудаанд, аллакай аз ҳамсолони худ қафо монда, аз ин сабаб ба душвориҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва фишорҳои равонӣ дучор мешаванд. Барои рафъи ин ҳолат дар танзими ҳуқуқии таҳсилоти кӯдакони синни томактабӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 41-и Конституцсияи ҶТ бо мазмуни зерин: «Тарбияи томактабии кӯдакони синни томактабӣ ҳатмӣ аст» илова дохил карда шавад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври маҷмуӣ бо назардошти вазъи кунунии рушди низоми маориф

ва вазъи дастрасии ҳуқуқ ба таҳсил ҳақиқатнигорона дар доираи манфиатҳои давлати миллӣ ва рушди фаъолияти қонунгузории парлумони касбӣ баррасӣ намудааст. Хулоса ва пешниҳодҳои дар рисола ифодаёфтаро метавон дар ҳолатҳои зерин истифода бурд: дар кори тадқиқотӣ барои омӯзиши минбаъдаи таъмини ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ; дар раванди қонунгузорӣ – ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои марбутаи ҶТ, инчунин таҳия намудани қонунгузории ҶТ дар бораи таъмини ҳуқуқ ба таҳсил; дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – такмил додани амалияи татбиқи меъёрҳои қонунгузории дохилии танзимкунандаи ҳуқуқ ба таҳсил; дар раванди таълим – барои омода намудани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои оид ба ҳуқуқи конституцсионӣ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ, таълими фанҳои дахлдори таълимӣ; дар кори тарбиявӣ – баланд бардоштани дараҷаи фарҳанг ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ ва махсусан хонандагон ва донишҷӯён; дар танзими босалоҳият ва самараноки ҳуқуқии фаъолияти омӯзгорон ва дигар иштирокчиёни раванди таҳсил идораи марбутаи мақомоти давлатӣ.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба дурустии маълумот, мувофиқати маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми нашрияҳо, усулҳои гузаронидани таҳқиқоти диссертатсия вобаста аст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт ва таҳлилнамоию масъалагузорӣ дар раванди таҳқиқ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Инчунин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил додани қонунгузории ҶТ оид ба ҳуқуқ ба таҳсил дар Тоҷикистон ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил ва фаъолияти давлат дар самти таъмин намудани шароити мусоид барои амалигардонии ҳуқуқ ба таҳсил ироа гардидаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

– дар конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил дар даврони Истиқлолияти давлатӣ: дастовардҳо ва мушкилот» (Душанбе, 2018);

– дар конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Нақши мақомоти прокуратура дар таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил» (Душанбе, 2019);

– дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба монеъ шудан барои гирифтани таҳсилоти ҳатмӣ» (Душанбе, 2020);

– дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ» – маъруза дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил – ҷавҳари ҳуқуқу озодиҳои фарҳангии инсон» (Душанбе, 2021);

– дар конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» – маъруза дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии рушди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ» (Душанбе, 2022).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Муҳтавои диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст. Аз ин шумораи мақолаҳо 7 номгӯй дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба нашр расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсияи мазкур аз 214 саҳифа иборат мебошад.

БОБИ I. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ ДАР ТОҶИКИСТОН

1.1. Ташаккули ҳуқуқ ба таҳсил ва раванди таълим дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ

Таҳсил намуда донишманд шудан, тавассути такмили маърифат дар ҷомеа ба шахсият табдил ёфтан дар марҳилаҳои мухталифи таърихи башарият аз ҷумлаи масъалаҳои умда арзёбӣ мешуд. Махсусан, дар таърихи ниёгони мо – тоҷикон, ба ин гуна арзишу ченакҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардид. Воқеан, тоҷикон таърихи беш аз панҷҳазорсолаи фарҳангиро паси сар карда, садҳо бузургони оламшумули илму донишро таълиму тарбия кардаанд. Дар масири таърих осори илмӣ-фарҳангиии халқи тоҷик ба бедавлатон давлатдорӣ ёд дода, ба ҷоҳилон илму дониш омӯхта, академияи илмии Гунди Шопуру ҳалқаҳои дарсии файласуфону мутакаллимону фақеҳонаш мушкилкушои бузургтарин монеаҳои илмӣ ва иҷтимоии тамаддунҳои ҷаҳонӣ будааст.

Пайдоиши дини зардуштӣ ва ҷамъияти авастоӣ ба марҳилаи гузариш ба сохтори давлатдорӣ рост омада, дар давоми зиёда аз се ҳазорсола ҳамроҳ бо давлати тоҷикон ҳамчун дин, андешаи миллӣ, идеологияи давлатӣ ва сарчашмаи ҳуқуқӣ такмилу рушд ёфтааст[22].

Ҳуқуқу озодиҳои инсон дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ ташаккул ёфта, даврахои гуногуни инкишофро паси сар кардааст[23]. Ҳуқуқ ба таҳсил низ аз ҷумлаи ин ҳуқуқҳост. Ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ тартиб ва низоми махсуси амалисозии худро дорад. Таърихи халқи тоҷик гувоҳӣ аз он медиҳад, ки маърифату дониш ва хирад дар ҷамъият яке аз унсурҳои асосии низоми зардуштӣ ба ҳисоб мерафт, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи Авастоӣ ва сарчашмаҳои дигари ҳуқуқи зардуштӣ ба танзим дароварда мешуд.

---

[22] Буриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Кисми аввал / Таҳти назари академик Ф.Т. Тоҳиров. – Душанбе, 2014. – С.58.

[23] Сафаров Д.С. Парва человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры: история и современность: дис. … конд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – С. 184.

Таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ – Авасто ва дигар осорҳои таърихии мардуми ниёгонамон аз ҷумла «Ардавирознома», «Минуи хирад», «Вандидод», «Бундаҳишин», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Шояст-нашояст», «Хвешкорди редагон», ки то замони мо боқӣ мондаанд, имконият медиҳад, ки ба ақидаҳои онҳо оид ба ҳуқуқ ба таҳсил ва таълиму тарбия, донишомӯзӣ ва ҷараёни таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ ва низоми таҳсилот ошно шуда, дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои толибилмон ва омӯзгорон ва қоидаҳои таълимдиҳӣ дар аҳди зардуштия маълумот пайдо намоем.

Зикр кардан бамаврид аст, ки доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ – профессор А.Ғ. Холиқзода дар китоби худ бо номи «Низоми ҳуқуқии зардуштӣ (ҳуқуқи қадим)» таҳлили амиқи маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии таълимоти зардуштиро ба роҳ монда, чунин қайд мекунад, ки онҳоро шартан ба гурӯҳҳо ва соҳаҳои зерини ҳуқуқ тақсим кардан мумкин аст[24]:

1. Меъёрҳои ҳуқуқии сиёсии хусусияти давлатӣ-ҳуқуқидошта;
2. Меъёрҳои ҳуқуқии мансуби ҳуқуқи граждани;
3. Меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ;
4. Меъёрҳои ҳуқуқи экологӣ;
5. Меъёрҳои ҳуқуқии ба ҷиноят ва ҷазо бахшидашуда;
6. Меъёрҳои ҳуқуқии ба ҳифзи табиат нигаронидашуда;
7. Меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибати инсон бо ҳайвонот;

А.Ғ. Холиқзода оид ба марҳилаҳои пайдоиши низоми ҳуқуқи зардуштӣ тадқиқот бурда, якчанд марҳилаҳои ташаккули онро ҷудо месозад. Ба андешаи муҳаққиқ «марҳилаи аввал замонест, ки инсон аз манфиатҳои худ дифоъ карданро омӯхт ва барои ҳимояи онҳо кӯшиш кард»[25]. Муҳаққиқ ба ин марҳила намудҳои ҳуқуқ ба ашёҳои шахсӣ, шаъну шараф, бастани ақди никоҳ, ҳуқуқ ба ҳимояи олоти меҳнат ва ҳимоя аз таҷовузҳои беруна ва монанди инҳоро шомил медонад. Ба андешаи Холиқзода А.Ғ. «марҳилаи дуюм – замонест, ки инсон ба дарки тафаккур ва тафсири муҳити атроф шуруъ намуд». Ин марҳила замоне оғоз

[24] Холиқзода А.Ғ. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) китоби 1. – Душанбе: ЭР – граф, 2016. – С. 41.
[25] Холиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право) / А.Г. Холиков. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. – С. 104.

меёбад, ки инсонҳо аз ҳуқуқ ба таҳсил намудан огоҳӣ ёфта, бо воситаи амалӣ намудани ин ҳуқуқ дорои дониш ва шууру малака гардиданд, ки боиси инкишоф ёфтани мафкураи онҳо гардид.

Муҳаққиқи тоҷик, профессор А.М. Диноршоҳ бар он ақида аст, ки дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқи бастани ақди никоҳ, ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳуқуқ барои шароити беҳтари ҳаёт барои зиндагӣ инъикос ёфтааст[26].

Дар Авасто дар масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил андешаҳои ҷолиб баён шудааст. Масалан, мо дар Авасто мехонем: «Агар туро фарзанди хурдсол аст, ӯро ба дабистон бифирист, зеро ки дабистон фурӯғи дониш, чашми равшан ва биност».[27] Чунин баёни матлаб дар омӯзаҳои зардуштӣ фаровон буда, то чи андоза рушду инкишоф ёфтани ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқии онро сароҳатан равшан месозад.

Дар фасли чоруми Вандидод, дар банди 44 омадааст, ки «Агар марди ҳамдин ё бародар ё дӯсте, ки ба шумо хоҳиши ёрӣ оид ба талаби илм намуд, хоҳиши ӯро иҷро намоед, то ки хушнудии Худовандро ба ҷо оварда бошед»[28].

Аз 22 фаргардҳои Вандидод 16 фаргарди он (3 – 18) масъалаҳои сирф ҳуқуқиро дар бар мегиранд ва 6 фаргарди дигари он дар шакли зимнӣ арзиши ҳуқуқиро доранд. Масалан, дар фаргарди ҳафтум дар банди 36 то 44 роҷеъ ба таҳсили илми пизишкӣ ва гузаронидани давраи тахассусии ҷарроҳӣ сухан меравад[29]. Ҳамчунин, фаргарди 4-уми бахши дуюм шахси донишмандро водор месозад, ки ҳангоми дар сурати дархости илм омӯхтан аз тарафи шахси дигар, бояд ӯро дониш биомӯзад, то ки он шахс ҳам битавонад соҳиби хирад гардад.

Ҳамчунин, дар Авасто номгӯи зиёди гуноҳҳо зикр шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо: беиффатӣ, бахилӣ, худписандӣ, тамаъ ва исёнкорӣ, беадолатӣ, бутпарастӣ, бисёрзанӣ, худкушӣ, гиряву зорӣ барои мурда ва аз ҳама муҳиммаш дониста ва қасдан рӯй тофтан аз гирифтани дониш мебошад[30].

---

[26] Диноршоев А.М. права человека в истории общественной мысли. – Душанбе, 2013. – С. 79.
[27] Авасто: Куҳантарин сурудаҳои Эрони бостон / Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ.– Душанбе, 2001. – С. 75.
[28] Авасто: Куҳнатарин сурудаҳои Эрони бостон / Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. – Душанбе, 2001. – С. 445.
[29] Холиқзода А.Ғ. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) китоби 1. – Душанбе: ЭР – граф, 2016. – С. 302-304.
[30] Каримов О.Қ. Андешаҳои Миллии Тоҷикон (марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушд). – Хуҷанд, 2011. – С. 40.

Аз ин нуқтаи назар маълум мегардад, ки шахсоне, ки дониста ва қасдан аз гирифтани дониш рӯй мегардонанд, дар дини зардуштӣ ба содир кардани гуноҳи бузурге муртакиб мешаванд ва ин ақида аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ аз ҷумлаи ҳуқуқҳои ҳатмӣ будааст.

Аҷдодони мо дониш ва хирадро хеле ситоиш мекарданд. Илму хирад Худои ба худ хос бо номи Чисто дошт. Онҳо аз Худо илтиҷо мекарданд, ки барои онҳо фарзандони донишвар ва хирадманд ато фармояд. Аҳурамаздо сарчашмаи фазлу дониш, Аҳриман сарчашмаи ҷаҳлу нодонӣ буд. Ҳамин тавр, тарафдорони Аҳурамаздо тарафдори илму дониш буданд. Аз ин рӯ, тарафдорони Аҳурамаздо вазифадор буданд, ки ба ҳар касе, ки дар ҷустуҷӯи донишанд, ёрӣ расонанд. Дониш мувофиқи нишондоди Авасто ду навъ буд, яке ирсӣ, дигаре андӯхтанӣ. Дар ин бора дар Ясно омадааст: «Эй Аҳурамаздо, ба ман фарзанде ато фармо, ки аз ухдаи анҷоми вазифа нисбат ба хонаи ман, шаҳри ман ва мамлакати ман барояд ва подшоҳи додгари маро ёрӣ кунад». Ё ки дар Авасто чунин зикр ёфтааст: «...Эй Аҳурамаздо, ба ман фарзанд ато фармо, ки бохирад ва доно буда, дар ҳайати ҷомеа дохил шуда, ба вазифаи худ масъулона рафтор намояд, фарзанди рашид ва муҳтараме, ки хоҷати дигаронро барорад, фарзанде, ки битавонад дар пешрафт ва саодати хонавода, шаҳр ва кишвари худ бикӯшад»[31].

Дар ҷои дигари Авасто ба зардуштиён муроҷиат шудааст, ки нисбат ба омӯзиши илм, анҷоми вазифа ҳисси масъулият нишон дода, аз кори беҷо ва нобаҳангом худдорӣ намоянд, ба некӯкорӣ, дастгирии бечорагон ва бенавоён сайъ намоянд.

Дар маҷмуъ, мақсади асосии таълиму тарбия дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ аз он иборат буд, ки ҳар як зардуштӣ дар рӯҳи покдоманӣ, фалсафаи накӯкорӣ, ростқавлӣ, ростгӯӣ, далерию ҷасурӣ, ватандӯстӣ ва ғайра тарибия карда шавад.

То давраи поёнёбии ҳокимияти Сосониён таҳсил барои ҳама дастрас буд ва он дар хонаи устодон, хонаҳои махсуси таълимӣ, дар оташкадаҳо ва дарбори шоҳон сурат мегирифт. Мактабҳои дарборӣ барои аъёну ашроф буд ва барои

[31] Авасто: Куҳнатарин сурудаҳои Эрони бостон / Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. – Душанбе, 2001. – С. 181.

давлат мутахассисон ва хидматчиён тайёр менамуданд. Мактабҳо дар қаср ташкил ва ба чаҳор қисм тақсим мешуд: барои кӯдакон, ҷавонон, мардон ва солхӯрдагон.

Таҳсили ибтидоии зардуштиҳо, ки зинаи асосии таҳсилотро ташкил медиҳад, аз синни 7-солагӣ то 15-солагиро дар бар мегирад. То ҳафтсолагӣ ба онҳо муносибатҳои инсондӯстӣ дар доираи қонунҳои Аҳура Маздо омӯзонида мешуд. Вақте ки ба синни ҳафтсолагӣ мерасиданд, ба онҳо либоси махсус бо нишонаҳои муайян пӯшонида мешуд. Ин ба он сабаб буд, ки кӯдак акнун ба синни ҳафтсолагӣ расидааст ва ӯ амали хубро аз амали бад фарқ карда метавонад[32].

Таълиму тарбияи дабиристонии тифл аз ҳафтсолагӣ сар мешуд. Ҳеродот ва Страбон ин синро аз панҷсолагӣ гуфтаанд, вале Афлотун ва Фирдавсӣ ҳафтсолагиро зикр намудаанд. Бачагон то синни ҳафтсолагӣ бо роҳбарии падару модар дар хона таълиму тарбия мегирифтанд. Аз синни ҳафтсолагӣ то понздаҳсолагӣ дар мактаб таҳсил мекарданд. Баъди понздаҳсолагӣ таҳсили ӯ ба охир мерасид ва ӯ аъзои ҳақиқии ҷамъият мегашт.

Дарсҳо пагоҳирӯзӣ ва бегоҳӣ мегузаштанд. Вале самараноктарин вақти хониш пагоҳирӯзӣ ба шумор мерафт ва чӣ тавре ки дар Авасто омадааст: «Рӯзе Зардушт аз Аҳурамаздо мепурсад, ки фармонбардори Яздон кист? Ӯ ҷавоб мегӯяд: он хурӯсест, ки аз тулуъ хабар медиҳад, ки «эй мардум, бархезед ва ростию дурустиро биситоед, деви танбалиро аз худ дур кунед, он деве, ки мехоҳад шуморо ба хоб бибарад»[33]. Ин ақидаро муаррихи юнонӣ Страбон низ тасдиқ намудааст, ки «эрониёни қадим кӯдаконро пеш аз тулуи офтоб бедор мекунанд».

Барномаи таълиму тарбияи насли наврас аз ин қисматҳо иборат буд: таълиму тарбияи ахлоқӣ, динӣ, ҷисмонӣ, хондан, навиштан ва ҳисоб кардан.

Таълиму тарбияи ахлоқӣ яке аз намудҳои асосии тарбияи атфол ба шумор мерафт ва ниёгони мо ба он аҳаммияти зиёд медоданд. Дар он вақт мардум ба фарзандони худ се чиз – ростгӯӣ, аспсаворӣ ва тирандозиро меомӯзониданд.

[32] Абдуллаев К. Истоки Зороастризма: Особенности воспитания и образования у зороастрийцев. – Челябинск, 2017. – С. 27.
[33] Авасто: Куҳнатарин сурудаҳои Эрони бостон / Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. – Душанбе, 2001. – С. 521-522.

Ростгӯй, адолат, фармонбардорӣ, покӣ ва дигар хусусиятҳои ахлоқӣ, махсусан ба таври ғайримустақим ба атфол омӯхта мешуд[34].

Ниёгони мо дини худро оини ростӣ меномиданд. Бинобар ин, ҳар яке орзу дошт, ки ростгӯй ва пок бошад ва фарзандони худро дар ин руҳия таълиму тарбия намояд, чунон ки дар «Ясно» омадааст: «Эй Аҳурамаздо, бо андешаи нек ва кирдори рост ва имони комил мо мехоҳем ба ту пайвандем ва ба ту бирасем». Дар дунёи онвақта ростгӯии аҷдодони мо дар байни ҳамаи оламиён шуҳратёр буд ва инро Ҳеродот низ чандин маротиба ситоиш кардааст.

Таҳсили динӣ хусусиятҳо ва қоидаҳои махсуси худро дошт. Ҳар як фарди пойбанд ба ақоиди авастоӣ бояд худро барои иҷрои як силсила маросими мазҳабӣ омода месохт. Донистани ин маросимҳо ҳатмӣ ва маҷбурӣ буд. Аввалин дарс бо тифл бо номи Худо сар мешуд. Вақте ки тифл ҳафтсола мешуд, ӯро ба назди мубад (омӯзгори дин) барои фаро гирифтани таълимоти динӣ мефиристоданд. Мубадон бо он гунае ки таъкид шуд, дар баробари таблиғи арзишҳои Авастоӣ ба кори таълиму тарбия низ машғул буданд. Мубад ба бачагон ниёишҳо, қироаткунӣ ва покизагиҳои ахлоқро меомӯзонид. Маъмулан, дар байни ҳафт то понздаҳсолагӣ рӯзеро барои бастани пироҳан ва камарбанди муқаддаси зардуштӣ барои писарбача интихоб мекарданд. Ба ин маросим хешу ақрабо, ёру дӯстони хонавода даъват мешуданд. Пеш аз саршавии маросим волидайн бачагонро шустушӯй карда, онҳоро пок менамуданд. Писар бо дастури мубад дар ҳузури ҳама калимаи муқаддасро ба забон гирифта, такрор менамуд. Мубад дуоеро хонда ба писар пироҳанро мепӯшонд. Пас аз ин писар дар пеш ва мубад дар паси ӯ рӯ ба хуршед оварда, дуоеро аз китоби Авасто мехонданд. Мубад камарбанди муқаддасро, ки куштӣ ном дошт, се давр, яъне ба аломати се асли асосӣ: пиндор, гуфтор ва кирдори нек ба миёни ӯ мебаст. Баъд аз ин писар дуои зеринро аз «Ясно» мехонд: «Ман иқрор дорам, ки маздопарасти зардушти боимонам. Ман ба пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек имон дорам...». Дар ин ҳангом мубад ба ӯ офарин мегуфт ва маросими расмӣ ба охир мерасид[35].

---

[34] Абдуллаев К. Истоки Зороастризма: Особенности воспитания и образования у зороастрийцев. – Челябинск, 2017. – С. 29.
[35] Ганбаров С.Т. Политические и правовые идеи в Авесте. – Баку, 1992. – С. 11.

Куштиро ба рӯйи судра (судра ин пироҳани диниест, ки дар вақти ҷашни куштибандӣ бар тани лухт мепӯшанд) мебанданд. Ҳар кӯдаки зардуштӣ бояд дар синни понздаҳсолагӣ ба нишонаи оғози балоғат ва даромадан ба ҷиргаи маздопарастон судра бипӯшад ва куштӣ бибандад ва маросими куштибандӣ яке аз бузургтарин рӯйдодҳои зиндагии ҳар зардуштӣ аст. Аз ин рӯз сар карда ӯ узви ҷамъият мегардид ва барои ӯ зиндагии нав сар мешуд. Аз синни понздаҳсолагӣ ва минбаъд ҳам ҳар як зардуштӣ бояд бо худ ин пираҳан ва камарбандро дошта бошад. Бача ҳар рӯз панҷ бор дар вақти намоз, ҳангоми хӯрок хӯрдан ва гармоба рафтан бояд камарбанди муқаддасро кушояд ва аз нав бандад. Ҳангоми ин амалиёт Аҳурамаздоро ёд карда, ба Аҳриман нафрин гуфта, дуоеро аз «Ясно» такрор кунад. Аз синни понздаҳсолагӣ сар карда минбаъд таълиму тарбияи динии бача бештар дар оташкада анҷом меёфт. Ҳар зардуштӣ чун ба синни балоғат мерасид, вазифадор буд, ки ба оташкада равад ва дуои оташро таҳти роҳбарии мубад аз китоби муқаддаси Авасто хонад. Ин амалиёт ба таълиму тарбияи ахлоқии наврасон бисёр муассир буд[36].

Анҷоми таҳсилоти ибтидоӣ дар муасисаҳои таҳсилотии зардуштӣ, ки мадрасаву оташкадаҳо ба ҳисоб мерафтанд, бо супоридани имтиҳон аз 7 намуди истеъдод ба анҷом мерасид. Инҳо хондан, навиштан, ҳисоб кардан, тирпаронӣ аз найза, аспсаворӣ, қонунҳои мазҳабӣ, кироат дар шакли махсус ва сурудхонӣ мебошанд. Навиштан ва ҳисоб зинаи поёнии таҳсилоти ибтидоӣ буд. Дар таҳсилоти ибтидоӣ санъати наттоқӣ яъне сухандонию суханшиносӣ нақши муҳимро мебозид. Наттоқон нисбат ба муншиҳо ва хаттотон мақоми олиро дар ҷамъият ишғол намуда буданд[37]. Мувофиқи Авасто ҳар пайрави зардуштӣ 3 вазифа дошт, ки яке аз онҳо ба шахси нодону танбал илм омӯхтан буд.

Омӯзгоронро аисропоити, яъне донишманд меномиданд. Омӯзгор аз табақаҳои коҳинон, руҳониён ва ашрофон интихоб мешуд. Омӯзгор шахси донишманд, покахлоқ ва заҳматкаш буд. Ба ин маънӣ дар «Ясно» дар бораи омӯзгор омадааст: “Бишнавӣ он некмарде, ки роҳи ростӣ ва дурустиро ба мо

[36] Холиқзода А.Ғ. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Китоби 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 186-187.
[37] Абдуллаев К. Истоки Зороастризма: Особенности воспитания и образования у зороастрийцев. – Челябинск, 2017. – С. 28.

нишон дод ва дар ҳар ду ҷаҳон подоши нек ёбад”[38]. Омӯзгор ба шахсияти ҳар донишомӯз эҳтироми зиёд дошт ва ба бачагон таълими динӣ медод ва ҳунару ҳунармандиро меомӯзонид. Ҳамчунин, Зардушт дар Авасто, дар қисмати Ясно фасли якуми Готҳо мегӯяд: «Эй касоне, ки аз дуру наздик омада, хостагори омӯхтани илм ва таҳсил намуданро доред, ҳамаи шумо гӯш фаро диҳед ва суханони равшани маро бишнавед ва хуб ба ёд бигиред. Мабодо, ки омӯзгорони бад дигарбора зиндагии шуморо табоҳ кунанд ва ба гумроҳӣ баранд»[39]. Аз ин суханони Зардушт бармеояд, ки нақши омӯзгори доно ва оқил дар таълиму тарбияи кӯдакон ва умуман, ҷомеа бениҳоят муҳим буда, яке аз унсурҳои асосии инкишофи равади таълим дар ин замон мебошад. Омӯзгорони асосӣ коҳинон буданд, ки яке аз табақаҳои фаъол дар ҷамъияти зардуштӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар қатори дигар вазифаҳояшон яке аз вазифаи асосии онҳо таълим додан ба толибилмон буд.

Дигар барномаи муҳимми таълимӣ, ки дар асоси он шаҳзодагон ва ашрофзодагон таҳсил менамуданд, ин хондан, навиштан ва ҳисоб кардан буд. Дар нимаи асри VII пеш аз милод ниёгони мо 39 ҳарфи хатти мехиро ихтироъ карданд, ки ин ба таҳсил намудани донишомӯзон, ҳамчунин, барои хондан ва навиштан шароити хуберо фароҳам овард. Бо ин роҳ дар давраи мазкур се усули таълим вусъат меёфт.

Аввал, таълими хонаводагӣ, таълими мубадӣ ва таълими шаҳриёрӣ (барои фарзандони шоҳон).

Дувум, таълими варзишӣ ва ҳунармандӣ. Ҳамон гунае ки аз сарчашмаҳо маълум мешавад, аҷдодони мо ба варзиш эътибори махсус медодаанд. Дар мактабҳо барои аз худ кардани ҳунарҳои паҳлавонӣ, чавгонбозӣ, аспсаворӣ, найзазанӣ онҳо аз синни хурдӣ (6-7-солагӣ) то 17-солагӣ ба таълим фаро гирифта мешуданд. Барномаи таҳсиле, ки Ксенофонт дар робита ба таълиму тарбияи

[38] Авасто: Куҳантарин сурудаҳои Эрони бостон / Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ.– Душанбе, 2001. – С. 300.
[39] Авасто: Куҳантарин сурудаҳои Эрони бостон / Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ.– Душанбе, 2001. – С. 69.

Куруш нақл кардааст, метавонад ба сифати намунаи хуби ин раванд ба сифати далел оварда шавад[40].

Сеюм, мактаби тарбиявӣ ва ростгуфторӣ. Ин навъи мактабҳо аз хонавода оғоз меёфт ва дар оташкадаҳо шакл мегирифт.

Баъдтар хондану навиштан, дарси ҳисоб барои шуморидани рӯзҳо ва чорво, ҷуғрофия ба бачаҳо меомӯзониданд. Равиши таълим аз сабаби душвории хатти мехӣ барои бачагон бо мушкилӣ мегузашт. Донишомӯзон маҷбур буданд, ки порчаҳои зиёди Авасторо ҳифз намоянд ва дар ин роҳ қобилияти баланди ақлӣ нишон медоданд. Омӯзгорон дар ҷараёни таълим ба бачагон афсона ва ҳикояҳо нақл мекарданд. Усули асосии таълим шифоҳӣ ва амалӣ буд. Аз таълимгирандагон устодон ҳар рӯз иҷрои вазифаи хонагиро мепурсиданд.

Дар синни таҳсили 15-солагӣ барномаи таълимии хонандагон аз омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ, қонунҳои асосии фалсафӣ, иҷтимоию ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ иборат буд. Аз синни 17-солагӣ ба онҳо санъати ҳарбиро меомӯзонданд ва вақте ки шоҳ шикоргоҳ мерафт, ӯро ҳамкорӣ мекарданд. Илова бар ин, ба ҳар як донишомӯз санъати суханвариро низ меомӯзониданд. Бояд қайд намуд, ки хондан ва навиштан ва илм омӯхтан барои халқи авом ҳатмӣ набуд. Таълиму тарбияи фарзандони аҳли меҳнат дар ҷараёни меҳнати ҳаррӯзаи падару модарон мегузашт.

Дар ин давра дар байни ниёгони мо донишгоҳи Гунди Шопур, ки асосашро Шопури аввал гузошта буд, шуҳрати зиёд пайдо кард. Ин донишгоҳ соли 550 ифтитоҳ ёфтааст. Дар ин ҷо корҳои тадқиқотии илмӣ доир ба фалсафа ва илми тиб сурат мегирифтанд. Анӯшервон пайваста дар фикри васеъ намудани ин донишгоҳ буд ва бо ин мақсад табиби шахсиаш Барзуяро ба Ҳиндустон барои омӯхтани илми тиб фиристода буд. Барзуя аз Ҳиндустон китобҳои тиббӣ, бадеӣ, аз ҷумла «Калила ва Димна», шоҳмот ва духтурони ҳиндиро овард[41].

Дар ин давра низ як гурӯҳ олимони юнонӣ барои кори доимӣ ба донишгоҳи Гунди Шопур омаданд. Ҷамъ шудани олимони юнонӣ ва ҳинду ба ҷараёни таълим ва тарҷумаи китобҳо ба забони форсии тоҷикӣ таъсири зиёд расонид. Дар

[40] Ксенофонт. Киропедия / Отв. редактор: С. Л. Утченко. – М.: Наука, 1976. – С. 4.
[41] Э.Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ.Китоби 1. – Душанбе, 2014. – С. 27-32

Донишгоҳи тиббии Гунди Шопур илмҳои адабиёт, фанҳои сиёсӣ, иқтисодиёт, математика, астрономия, мантиқ, тиб, дорусозӣ, илоҳиёт, гиёҳшиносӣ, мусиқӣ, ҳайвоншиносӣ ва ғайра таълим дода мешуданд. Китобхонаи донишгоҳ бо китобҳои илмӣ ва бадеӣ муҷаҳҳаз буд. Дар донишгоҳ маҷлисҳои илмӣ ва имтиҳон гузаронида мешуд. Худи Анӯшервон дар маҷлису имтиҳонҳо иштирок меварзид. Донишгоҳ баъд аз истилои арабҳо низ дар тули чанд асри дигар ба аҷдодони мо хизмати босазое кард. Дар донишгоҳ на танҳо аҷдодони мо, балки ҳиндую арабҳо, туркҳо ва юнониҳо низ таҳсили илми тиб мекарданд[42].

Тараққиёти илм ва таҳсилоти олӣ барои ниёгони мо аз давраи Сосониён оғоз шудааст. Дар ин давра дар байни арбобону руҳониён гирифтани таҳсилоти олӣ ва мазҳабӣ, омӯзиши илми ҳикмат, табиат ва тиб анъана гашта буд. Дар даврахои охири ҳукмронии давлати Ашкониён ва ибтидои ҳокимияти Сосониён дар ин сарзамин илму ирфони юнониҳо ва ҳиндуҳо паҳн гардид. Махсусан, дар давраи Хусрави Сосонӣ (531-579 милодӣ) китобҳои илмӣ ва бадеӣ аз забонҳои юнонӣ ва ҳиндуӣ ба забони форсии тоҷикӣ тарҷума гардиданд. Агар то ин давра таълим бо роҳи қабилавӣ ташаккул меёфта бошад, пас бо пайдо шудани хат низоми таълим таҳаввул ва ташаккул ёфта, мактабҳое арзи ҳастӣ намуданд, ки дар онҳо хат ва алифбо таълим дода мешуд. Мактабҳои инфиродӣ, мактабҳои ашрофзодагон ва коҳинон ташаккул меёфт. Китобҳои таълимӣ тасниф мегардид. Навъҳои ҳунар дар баробари хонишу савод ба кӯдакон ва навҷавонон омӯхта мешуд. Дар баробари ин, шаклҳои нави зинаҳои таълим омӯзонида шуда, дар кишвар амалӣ мегардид.

Яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ ин Хвешкори редагон мебошад. Хвешкори редагон муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдакон ба таҳсил ва уҳдадориҳои томактабию мактабии онҳоро ба танзим медаровард[43].

Сарчашмаи дигари ҳуқуқи зардуштӣ ҳамчун осори таърихии мардуми ниёгонамон, ки то замони мо боқӣ мондааст, ин Ардавирознома мебошад. Дар

[42] Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии ҶТ). – Душанбе, 2011. – С. 50.
[43] Холиқзода А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон.– Душанбе: “Маориф ва фарҳанг”, 2007. – С. 74.

Ардавирознома сухан дар бораи имтиҳон гирифтани Вироз аз ҷониби мубадон рафта, ба олами минуӣ рафтани ӯ нишон дода шудааст. Дар Фаранбаг диндорон аз вазъи таълими динӣ дар қаламрав сахт андуҳгин буданд ва дар он ҷо шахсони донишманду бомаърифатро ҷамъ намуда, анҷуман оростанд ва бояд як нафарро интихоб намуда, ӯро имтиҳон мегирифтанд ва ҳамчун раҳбари ҷамъияти идоракунандагони дин эътироф намуда, бо роҳбарии ӯ мардумони сарзаминашонро ба таълимоти минуӣ ошно бояд мекарданд. Ва дар байни ин донишмандон Вироз ном шахс интихоб гардид. Ӯ шахси донишманд ва сухандон ва ҳамчуни яке аз ашхоси пешқадами он қавм ба шумор мерафт[44].

Достони «Минуи хирад» низ аз ҷумлаи осори ҳуқуқии даврони зардуштӣ ба шумор меравад. Достони мазкур ҳосили шароитест, ки буҳрони маънавӣ ва фарҳангӣ кеши масдоясноиро фаро мегирад ва ғояву принсипҳои ҳуқуқӣ ва бунёди ҷомеа ба ихтилофу тазод гирифтор мешавад. Донишмандону равшанфикрон аз байни андешаю равияҳо ва кешҳои мухталиф ба дарёфти роҳи ҳақ ва ростӣ талош мекунанд.[45] Минуи хирад натиҷаи чунин пажӯҳишест, ки дар ҷустуҷӯи роҳи ростин ва адл ногузирии такя ба хиради хотиро пайдо менамояд. Тавассути хирад кшҳо, қонунҳо ва гаравишҳои мухолифи манфиати умум ва ба кори эзидон зиёнкору нохубро инкор менамояд.

Яке аз сарчашмаҳои дигари даврони низоми ҳуқуқи зардуштӣ, ки дар инкишофи ҳуқуқи инсон ҳамчун нахустин сарчашмаи ҳуқуқии таърихӣ нақши муассир гузоштааст, ин Эъломияи Куруши Кабир мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳсили аҷдодони мо дар тули асрҳо аз унсурҳои одии ин санъат оғоз шуда, бо мурури замон аз зинаи пасттарин то зинаи барои он давра зарурӣ тараққӣ ва такмил ёфта буд. Исботи ин ҳама гуфтаҳо сохтмонҳое мебошанд, ки то ҳол осори онҳо дар Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ва дигар қаламрави тоҷику форснишин вуҷуд доранд. Исботи дигар ин аст, ки олимони Юнони қадим Ҳеродот, Сатрабон ва дигарон бо чашми худ таълиму тарбияи аҷдодони моро дида, бартарии ин низомро нисбат ба низомҳои дигар борҳо ҳамду сано гуфтаанд.

---

[44] Холиқзода А.Ғ. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Китоби 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 100-111

[45] Холиқзода А.Ғ. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Китоби 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 144-150.

Бартарии низоми таълиму тарбияи ин давраро олимони дунёи нав ба мисли Шарден ва Летурно низ дар асарҳои худ таърифу тавсиф намудаанд.

Низоми таҳсил ва ҷараёни амалисозии он дар муассисаҳои таълимии аҷдодони мо яке аз муҳаққиқони бузурги Юнони қадим Ксенофонт (445 – 155 пеш аз мелод)-ро ба ҳайрат овардааст, ки ӯ дар асари таърихии худ «Киропедия» ба тартиби муайян ҷараёни таълиму тарбияи аҷдодони мо, аниқтараш дар бораи таҳсил ва таълиму тарбияи Куруши Кабир рӯйи варақ овардааст[46].

Таълиму тарбияи Куруши Кабир дар доираи ростии фалсафаи Зардушт сурат гирифта, худи ӯ дар домони ростӣ парвариш ёфта, аз расму одатҳои хоси бузургони кишвар хуб огоҳ буд. Куруш аз Авастои Зардушт, ки дар партави маниши нек мардумро ба роҳи хирад раҳнамун месозад, таълим гирифта, дар баробари ҳамватанони худ қавмиятҳои дигари зери тасарруфи салтанаташ бударо барои омӯзишу парвариш таълиму тарбия мекард[47].

Дар охир метавонем ба чунин хулосае биоем, ки дар натиҷаи таҳлили илмӣ-таърихии ин давраи инкишофи таърихии аҷдодони тоҷик маълум гардид, ки ҳуқуқ ба таҳсили ибтидоӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ ҳатмӣ буда, таҳсили ибтидоӣ аз синни 7-солагӣ оғоз мегаштааст. Синни ба балоғат расиданашон дар синни 17-солагӣ будааст.

Ксенофонт қайд менамояд, ки толибилмон то синни 17-солагӣ дар мактабҳо таҳсил менамуданд[48]. Ҳуқуқ ба таҳсил ба зумраи ҳуқуқҳои шахсии зардуштӣ дохил мешавад ва он бо сарчашмаҳои махсуси меъёри ҳуқуқии худ дар ҷамъияти авастоӣ дар баробари дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба танзим дароварда мешуд.

Падид омадани китоби Авастои зардуштӣ ҳамчун нахустин осори таърихии ориёиҳо ва дастури ахлоқии инсоният, худ далели он аст, ки илму фарҳанг ва маорифи халқи тоҷик ва тамоми халқияту қавмиятҳои эронитабор то истилои араб ба дараҷаи баланд инкишоф ёфта будааст.

Тамаддуни ориёӣ бо арзишҳои фарҳангиву ахлоқии хеш дар ташаккули тамаддуни башарӣ ва робитаи байни тамаддунҳо ва фарҳангҳо нақши бисёр

[46] Ксенофонт. Киропедия / Отв. редактор: С. Л. Утченко. – М.: Наука, 1976. – С. 126.
[47] Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 88-90.
[48] Ксенофонт. Киропедия / Отв. редактор: С. Л. Утченко. – М.: Наука, 1976. – С. 4.

муҳим бозидааст, ки осори таърихии бадастомада дар сарзаминҳои зисти мардумони ориёӣ ва дигар кишварҳо далели он мебошад. Арзишҳои илмӣ ва фарҳангии ориёиҳо на танҳо ифтихори ворисони он, балки ифтихори тамоми башарият ва мероси таърихии башарӣ маҳсуб мегардад.

1.2. Инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ва давраи амали он дар сарзамини таърихии тоҷикон

Дар фасли мазкур мавқеъ ва манзалати ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи мусалмонӣ ва ҳамчунин, инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар давраи амали ҳуқуқи мусалмонӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон (низоми давлатдории тоҷикон) таҳлил карда мешавад.

Бояд қайд намоем, ки ибораҳои «ҳуқуқи мусулмонӣ» ва «ҳуқуқи исломӣ», ки дар ҷараёни таҳлил зиёд ба чашм хоҳанд расид, як маъноро ифода намуда, аз ҷониби ҳуқуқшиносон ба таври васеъ корбурд доранд[49].

Ҳуқуқи мусулмонӣ (исломӣ) маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ аст, ки дар асоси омӯзаҳои исломӣ, пеш аз ҳама, Қуръону суннат (ҳадисҳои паёмбар) ва дидгоҳи фақеҳон амал карда, рафтор ва муносибатҳои мусалмононро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ба танзим медарорад.

Бояд қайд кард, ки ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар меъёрҳои сарчашмҳои ҳуқуқи мусалмонӣ дар шаклҳои гуногун инъикос ёфтаанд.

Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи мусалмонӣ (исломӣ) Қуръон ва суннат (ҳадис) буда, иҷмоъ, иҷтиҳод, фатво ва қиёс сарчашмаҳои дуюминдараҷаи он ба ҳисоб меравад[50]. Дар китоби муқаддаси Қуръон бештари ҳуқуқу озодиҳои инсон аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба саломатӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба озодии афкор, ҳуқуқ ба бастани ақди никоҳ, ҳуқуқ ба бастани шартнома, ҳуқуқ ба мерос, ҳуқуқ ба илм (дар ин ҷо ҳуқуқ ба таҳсил дар назар дошта

[49] Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – С. 76.
[50] Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. – С. 109.

шудааст) ва ҳуқуқҳои дигари инсон кафолат дода шудааст, низоми ҳуқуқи мусулмониро ташкил менамоянд[51].

Талаби илму дониш дар ҳуқуқи мусулмонӣ аз фарзиёти исломӣ ба ҳисоб меравад. Зеро илму дониш неъмати бузурге аз неъматҳои худовандист ва мусаллаҳ шудан ба он боиси боло рафтани дараҷаи инсон ҳам дар ин дунё ва ҳам дар охират мебошад.

Профессор А.М.Диноршоҳ чунин ақида дорад, ки «Ислом ҳамчун низоми идеологӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии нав дар меъёрҳои худ бевосита ё бавосита ҳуқуқу озодиҳои инсонро муқаррар ва танзим менамуд. Махсусан, дар таълимоти исломи ибтидоӣ яке аз ҷойҳои муҳимро ҳуқуқу озодиҳои инсон ишғол мекунад ва ин омил барои ташаккули босуръати падидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии сифатан нав дар назарияи идоракунии исломи ибтидоӣ бевосита мусоидат намудааст»[52].

Сафаров Б.А. қайд менамояд, ки «агар таҷрибаи ташаккули давлатдории исломӣ, меъёрҳои дахлдори Қуръон ва ҳадисҳо, ҳамчунин таълимоти донишмандони исломиро таҳлил намоем, ба хулосае меоем, ки дар ҳуқуқи исломӣ меъёрҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ҳуқуқи инсонро ҳамчун арзиши асосӣ дар таърихи тамаддуни инсонӣ эътироф менамояд»[53].

Ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи мусалмонӣ мавқеъ ва мақоми махсусро дорад ва шахсе, ки пайваста дар пайи ҷӯстани илм аст, дар оятҳои Қуръони карим аз беҳтарин инсонҳо муаррифӣ шудааст ва ҳамчунин ин китоби илоҳӣ ба шахси донишманду олим аҷри бузургро мужда медиҳад.

Тамоми донишмандони исломӣ ҳамеша ин қисмат аз аввалин лаҳзаҳои оғози нашри дини Исломро нақл мекунанд, ки аввалин сураи нозилшуда ба паёмбар маҳз даъват ба хондан будааст ва инро яке аз бузургтарин далел бар фарз будани талаби илм ва омӯхтану таҳсил кардани ҳар як фарди мусалмон шарҳу тафсир додаанд. Он панҷ ояте, ки бори аввал нозил шудааст, Муҳаммадро ба тариқи зерин ба хондан даъват менамояд:

---

[51] Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. – С. 110.
[52] Диноршоев А.М. Права человека в истории общественной мысли. – Душанбе, 2013. – С. 101-102.
[53] Сафаров Б.А. Раннее исламское государство и формирование исламских представлений о власти: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – С. 84.

«Бихон ба номи Парвардигорат. Он ки инсонро аз хуни баста офарид. Бихон, ки Парвардигори ту беҳтарин соҳиби каромат аст. Он ки дониш бахшид ба василаи қалам. Омӯхт инсонро он чӣ, ки ӯ намедонист»[54].

Дар китоби Қуръон масъалаи аҳаммияти таҳсил кардан ва дониш андӯхтан борҳо таъкид гардидааст. Масалан, дар сураи «Зумар», ояти 9 омадааст: «Бигӯ, оё баробар мешаванд онон ки медонанд ва онон ки намедонанд? Ҷуз ин нест, ки соҳибони хирад пандпазир мешаванд»[55].

Ин ҳақиқати бисёр сода барои ҳамагон равшан аст, ки ҳеч гоҳ инсони ҷоҳилу нодон бо инсони олиму фозил баробар нест ва худи ҳамин нукта кофист, ки инсон ба талаби илм шавқманд бошад. Шахси нодон аз он сабаб пандро намепазирад, ки аз неъмати олитарин, яъне таҳсили илм дур мондааст ва худро дар вартаи ҳалокат меандозад. Донишманд аз ҷиҳати пазируфтани панд роҳи ростро дармеёбад ва на танҳо худро, балки дигаронро низ начот медиҳад ва дар рушди насли инсоният дар роҳи илму дониш саҳмгузор мебошад.

Дар ҷои дигари Қуръон, сураи «Муҷодала», ояти 11 эълом шудааст, ки: «Худованд мартабаи муъминони шуморо баланд менамояд ва касоне, ки дорои илм ҳастанд, мартабаи болотаре хоҳанд дошт»[56].

Яке аз саҳобагон ва ёрони паёмбари ислом Абдуллоҳ ибни Аббос дар тафсири ин оят чунин фармудааст: «Мартаба ва мақоми як олим нисбат ба оммаи муъминон ҳафтсад дараҷа болотар аст, фосилаи миёни ҳар дараҷа панҷсадсола роҳ мебошад»[57].

Аз паёмбари ислом Муҳаммад ҳадисҳои зиёде дар мавриди зарурат ва аҳаммияти дониш андӯхтан ва ҳамеша дар талаби илм будан ривоят шудааст, ки яке аз онҳо ба ин қарор аст: «Талаб кардани илм бар ҳар фарди мусалмон (чӣ зани мусалмон ва чӣ марди мусалмон) фарз аст»[58]. Аз назари фиқҳи исломӣ омӯхтани

---

[54] Қуръони Карим (Китоб). (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе: ЭР-Граф, 2011. – Сураи Алақ, оятҳои 1-5;

[55] Қуръони Карим (Китоб). (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе: ЭР-Граф, 2011. – Сураи Зумар, ояти 9.

[56] Қуръони Карим (Китоб). (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе: ЭР-Граф, 2011. – Сураи Муҷодала, ояти 11.

[57] Абдулмаҷид М. Аҳаммияти илм ва фазилати донишмандон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://islamhouse.com/read/tg/Аҳамияти-илм-ва-фазилати-донишмандон-295346. (санаи муроҷиат: 22.11.2022).

[58] Зубайдӣ З.А. Мухтасари «Саҳеҳи Бухорӣ». – Душанбе: Бухоро, 2005. – С. 217.

илм агар фарз бошад, тарк кардани он гуноҳ ҳисобида мешавад. Бинобар ин, ҳар фарди мусалмон бояд дар роҳи талаби илм заҳмат бикашад, то роҳаташро бубинад ва ҳаракат кунад, то баракати илм насибаш гардад[59].

Паёмбари ислом барои толибилмон башорати хубе дода мефармоянд: «Ҳар касе дар роҳе равад, ки дар он илмеро меҷӯяд, Худованд роҳи ӯро ба сӯи биҳишт осон мекунад»[60].

Ва ё дар ҳадиси дигар Паёмбар ба касоне, ки ба омӯхтан мепардозанд, чунин мужда додааст: «Ҳар кӣ дар талаби илм барояд, пас ӯ то бозгашташ дар роҳи Худо аст»[61].

Паёмбар дар боби шахси донишманд ва касе, ки пайваста дар пайи таҳсили илм аст, чунин мефармояд: «Донишмандон меросбари паёмбаронанд ва паёмбарон аз худ дирҳаму динор ба мерос нагузоштаанд, балки аз худ илмро ба мерос гузоштаанд, ки ҳар кӣ онро гирифт, баҳраи вофире гирифтааст»[62].

Муоз ибни Ҷабал, яке дигар аз саҳобагони паёмбар мегӯяд: «Таҳсили илм ин ҳаёти қалбҳо, нури дидагон дар баробари торикиҳо ва неруи имон дар муқобили заъфу сустии он аст. Банда ба воситаи он ба ҷойгоҳи озодагон ва ба ҳамнишинии подшоҳон мерасад ва ба дараҷаҳои волое дар дунёву охират ноил мегардад»[63].

Алӣ ибни Абутолиб фармудааст: «Қалбҳо бо талаби илму дониш зинда мегарданд, ҳамон гуна, ки замин ба василаи борон зинда мешавад. Таҳсил намудан торикии қалбро аз соҳиби он дур мекунад, ҳамон гуна, ки моҳ торикии шабро аз байн мебарад»[64].

Ҳамчунин, дар китобҳои муътабари ҳадис омадааст, ки Паёмбари Худо фармудааст: «Қиёмат вақте барпо мешавад, ки нодонӣ интишор ёфта, дониш баргирифта шавад. Худованд илмро аз синаи бандагони худ нест намекунад,

---

[59] Ғаззолӣ А.М. Эҳёу улуми-д-дин. Рубъи аввал (китоби аввал) / А.М. Ғаззолӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2008. – С. 212.
[60] Имам Муслим. «Сахих Имама Муслима. Краткое изложение, составленное имамом алӣ-Мунзири / пер. А.Нирша. – М.: Умма, 2011. – С. 116.
[61] Зубайдӣ З.А. Мухтасари «Саҳеҳи Бухорӣ». – Душанбе: Бухоро, 2005. – С. 613.
[62] Имам Муслим. «Сахих Имама Муслима. Краткое изложение, составленное имамом алӣ-Мунзири / пер. А.Нирша. – М.: Умма, 2011. – С. 794
[63] Абдулмаҷид М. Аҳаммияти илм ва фазилати донишмандон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://islamhouse.com/read/tg/Аҳамияти-илм-ва-фазилати-донишмандон-295346. (санаи мурочиат: 22.11.2022).
[64] Илм ва дониши Имом Алӣ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://parstoday.com/dari/radio/uncategorised-i35792. (санаи мурочиат: 22.11.2022).

балки бо вафоти донишмандон онро аз байн мебарад. Вақте донишмандон аз байн рафтанд, мардум чоҳилонро раҳбари худ қарор медиҳанд ва масъалаҳои худро аз онҳо мепурсанд. Раҳбарашон низ аз рӯйи ҷаҳолат фатво медиҳад, ки ҳам худ гумроҳ мешаванд ва ҳам дигаронро ба гумроҳӣ мекашанд»[65].

Яке аз поягузорони фиқҳи исломӣ Аҳмад ибни Ҳанбал дар боби донишҷӯёне, ки пайваста таҳсил менамоянд, мегӯяд: «мардумон бештар аз обу ғизо дида ба дониш ниёзмандтаранд, зеро инсон дар рӯз як ё ду маротиба ба обу ғизо ниёз пайдо мекунад, дар ҳоле ки ба теъдоди нафасҳояш ба дониш ниёзманд мебошад»[66].

Ҳамин тариқ, далел ва шоҳидҳои зиёде аз сарчашмаҳои адабиёти исломӣ шаҳодат бар ин медиҳанд, ки талаби илм кардан, дониш андӯхтан ва дар роҳи таҳсил кӯшидан на танҳо пазируфта мешавад, балки яке аз заруриёти динӣ, ё ба иборати дигар, яке аз амалҳоест, ки инсони мусалмон бояд онро тарк накунад ва ҳамеша дар андешаи он бошад. Албатта, дар сарчашмаҳои исломӣ ба ҳадди равшан ҳадаф ва мақсадҳои омӯзиши илм, принсипҳои таълим ва тарбия ва роҳу равишҳои аз худ кардани дониш инъикос ёфтаанд, ки ҳамаи ин унсурҳо пеш аз ҳама ба он равона карда шудаанд, ки дар ҷомеа инсонҳоеро тарбия кунанд, ки билохира аз назари дини Ислом ба камол бирасад.

Тамоми оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳои ривоятшуда аз паёмбари Ислом ва ҳамчунин фармудаҳои олимони исломӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки доктринаи исломӣ меъёри асосии кафолатдиҳандаи ҳуқуқи иснон ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи мусалмонӣ ба шумор меравад.

Пайдоиш ва рушди низоми ҳуқуқи исломӣ бо пайдоиш ва ташаккули дини Ислом ва давлатдории Хилофати Араб дар нимҷазираи Арабистон робитаи қавӣ дошта, якбора бо ташкилу такмили онҳо ба амал омадааст. Паҳн шудани ҳокимияти хилофати Араб ва идоракунии он дар ҳудуди Осиёи Миёна бо шикаст додани давлати Сосониён ва забт кардани Мовароуннаҳру Самарқанд ва Бухоро, Марв ва Бағдод ва дигар ҳудудҳои васеи тоҷикнишин, аз ҷумла аз Бадахшон то

[65] Шарипов М.И., Бойназаров Э.Х., Бойназаров Ҳ.Э. Ҷойгоҳи илм дар ислом // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2018. – № 2(23). – С. 84-87.
[66] Собирӣ И. Китобтарсонакҳои мазҳабӣ / И. Собир. // Рӯзномаи “СССР”. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: ccсp.tj/tj/foto/item/6983-kitobtarsonakhoi-mazhabi.html. (санаи мурочиат: 22.11.2022).

Димишқу Бағдод, аз Миср то Испания дар се қитъаи олам зарурати ташаккули ҳуқуқи мусулмониро ба миён овард. Ин зарурат ба зудӣ аз ҷониби мутафаккирони ислом ва касоне ки донандаҳои хуби шариати исломӣ буданд, дарк гардид ва дар давоми камтар аз чор асри аввали ҳиҷрӣ асрҳои VII-X мелодӣ зиёда аз 500 мактабу шохаҳои таълимоти исломӣ ба вуҷуд омад, ки қисмати зиёде аз онҳо дар алоҳидагӣ ва ё дар якҷоягӣ дар оянда заминаи ба низоми мустақили ҳуқуқӣ табдил ёфтани ҳуқуқи мусулмонӣ гаштанд.

Баробари ба вуҷуд омадани мактабҳои динию ҳуқуқии равияи аҳли суннат ва ҷамоат, мактаби Ҳанафӣ (аз номи асосгузори ин мазҳаб Нуъмон ибни Собит Абуҳанифа Имоми Аъзам), мактаби Моликия (аз номи асосгузори мактаб Молик ибни Анас), мактаби Шофеия (аз номи асосгузори ин мактаб Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Идриси Шофеӣ) ва мактаби Ханбалия (аз номи асосгузори ин мактаб Абдуллоҳ Аҳмад ибни Ҳабал) ва мактабҳои динию ҳуқуқии равияи шиа – Ҷаъфария (асогузораш Ҷаъфари Содиқ) ва Зайдия (асогузораш Зайд ибни Зайналобидин) ба миён омаданд, ки ташаккули онҳо маҳз дар асрҳои VII-X сурат гирифтааст[67]. Ташаккули ҳуқуқи исломӣ то асри X-XI идома ёфта, фарҳанги ҳуқуқии худро инкишоф дод.

Имоми Аъзам яке аз забардастони бузург ва муҳаққиқи ҳуқуқи исломӣ ба шумор меравад ва ҳуқуқ ба таҳсилро аз ҷумлаи беҳтарин ҳуқуқҳое мешуморад, ки ба инсон рӯзи беҳу зиндагии осоиштаро таъмин мекунад. Ӯ дар яке аз панду андарзҳояш ба шогирдонаш мегӯяд: “Агар даҳ сол бе касб ва аз қути зиндагӣ бимонӣ ҳам, аз таҳсил намудан даст накашед”[68]. Ин ақидаи муҳаққиқи исломӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки аҳаммияти ҳуқуқи инсон ба таҳсил то кадом андоза барои инсоният муҳим аст.

Пас аз паҳн гардидани дини Ислом дар Осиёи Миёна дар ин минтақа низоми ҳуқуқи мусалмонӣ доман паҳн мекунад. Тавре Э.С. Насурдинов қайд мекунад, «баъд аз забт намудани ин ҳудудҳо аз ҷониби арабҳо дар ҳаёти маънавӣ ва

[67] Буриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми аввал / Таҳти назари академик Ф. Т. Тоҳиров. – Душанбе, 2014. – С. 141.

[68] Собиров Х.М. Нақши илму дониш дар тарбияи шахси комил аз дидгоҳи Имоми Аъзам // Маводи конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20 – солагии иҷлосияи XVI Шурои Олии ҶТ ва 80-солагии коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи Носири Хусрав дар мавзуи «Ислоҳоти соҳаи маориф ва таъминоти он бо омӯзгорони баландихтисос». – Қурғонтеппа, 2012. – С. 54.

фарҳангии мардуми тоҷик ду ҳодисаи муҳим рух дод: якум арабҳо бо худ дини нав – исломро оварданд, ва дуюм забони арабӣ ба сифати забони расмии давлат ва дин эълон шуд»[69]. «Дар натиҷаи бо зӯрӣ забт ва паҳн намудани дини Ислом дар миёни аҳолии Осиёи Миёна, – қайд мекунад Неъматов Н.Н., – забони арабӣ низ ба паҳншавӣ оғоз мекунад. Забони таҳсил дар таълимгоҳҳо, ки шаҳрвандон ҳуқуқи таҳсил мекарданд, бо забони арабӣ таъмин карда мешуд»[70].

Арабҳо соли 632 ба Эрон ҳуҷум намуда, онро дар муддати 20 сол гирифтанд. Аз шикасти империяи бузурги Сосонӣ то таъсиси нахустин давлати соҳибистиқлоли миллии тоҷикон бо номи Тоҳириён дар Эрон қариб 200 сол сипарӣ шуд ва тавассути хидматҳои шоиставу содиқона ба хилофат аз байни намояндагони халқҳои тоҷику форс афроди бофарҳангу сиёсатмадоре имконият ёфтанд, ки давлатҳои миллии тоҷиконро ба монанди давлати Тоҳириён (821–873), давлати Саффориён (873–903) ва бузургтарин давлати миллии тоҷикон – давлати Сомониёнро (892–998) бо сардории асосгузораш Сомонхудот таъсис диҳанд[71].

Муайян кардани мавқеи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон яке аз талаботҳои асосии кори илмӣ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи таҳлилҳои сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ метавон гуфт, ки ҳуқуқ ба таҳсил, яъне ҷараёни гирифтани таълиму тарбия дар давраи амали ҳуқуқи мусалмонӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон мувофиқи қонуниятҳои вижаи худ сурат мегирифт.

Дар давраи аввали ҳуҷуми арабҳо як қисми китобҳои пештараи бадеӣ ва илмии аҷдодони мо, ки дар тули асрҳо навишта буданд, несту нобуд гардиданд. Арабҳо ба мардуми ин диёр мефаҳмонданд, ки тамоми ҳақиқати илмӣ ва адабию инсонӣ дар Қуръон навишта шудааст ва аҳли империяи мусулмонӣ ба дигар навиштаҳо эҳтиёҷ надорад. Бинобар ин, онҳо тамоми китобҳои ғайриисломиро

---

[69] Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократичекого государства в Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2008. – С. 25.

[70] История Таджикского народа. Том II. (Эпоха формирования таджикского народа) / Под ред. акад-а Н.Н. Негматова. – Душанбе, 1999. – С. 86.

[71] Неъматов Н. Давлати Сомониён – падидаи беназири таърих. Монография. – Душанбе: Пайванд, 1998. – С. 16

куфр эълон карда, мегуфтанд, ки ин навиштаҳо инсонҳоро бо таълимоти худ гумроҳ месозанд. Онҳо кӯшиш мекарданд, то ба мардум фаҳмонанд, ки истифодаи дигар китобҳо ғайри Қуръон бар хилофи фармудаи пайғамбар ва авомири шаръ аст.

Мактаб ва мадраса дар ин давра баъди солҳои 700-ум пайдо шуд. Бояд қайд намуд, ки масҷидҳо ҳамчун маркази мактабу мадрасаҳо дар ин сарзамин дар аввали пайдоиши дини Ислом ба вуҷуд омаданд.

Арабҳо ҳамаи сарзаминҳои таърихии тоҷиконро яку якбора мутеи худ карда натавонистанд. Бинобар ин, мардумони ин диёр ба зудӣ дини Исломро қабул накарданд. Масалан, яке аз сокинони муқимии Истаравшани ҳамонвақта шахсе бо номи Ҳайдар новобаста аз он ки барои хилофат ва бар зидди душманони халифа қаҳрамониҳои зиёд нишон додааст, ба маҷусият ва пайравии дини ниёгон – зардуштия гунаҳкор карда шуда, зиндонӣ гардид[72]. Ғайр аз ин, дар давраи аввали истилои араб қабули дини Ислом маҷбурӣ набуд ва ниёгони мо ба мазҳаби худ эътиқоди зиёд доштанд. Низоми таълиму тарбияи ниёгони мо, ки дар тули асрҳо инкишоф ёфта, дар давраи Сосониён ба авҷи такмили худ расида буд, аҳаммияти худро аз даст надода буд. Ниёгони мо баъд аз истилои Осиёи Миёна аз тарафи арабҳо фарзандони худро дар асоси низоми махсус таълиму тарбияи исломӣ медоданд. Танҳо як гурӯҳи хурди ашроф, мансабдорон ва аҳли адабу илм барои эҳтиёҷоти худро баровардан ва Қуръонро хондан забони арабиро меомӯхтанд. Таълимоти дини Ислом дар байни оммаи аҷдодони мо аслан ба тариқи шифоҳӣ сурат мегирифт.

Дар замони ҳукмронии халифа Умар ибни Хаттоб назорати фарзияти гирифтани илму дониш ончунон пурзӯр гардида буд, ки шахси бедонишро ҳатто дар бозор ба сифати савдогар кору фаъолият кардан намегузоштанд. Сабаб ин буд, ки ин шахс ҳоло аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ ҳамчун савдогар огоҳ набуд. Онҳо пеш аз ин ки ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул мешуданд, бояд таҳсил намуда,

[72] Буриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми аввал / Таҳти назари академик Ф.Т. Тоҳиров. – Душанбе, 2014. – С. 109.

дорои дониши муайян гардида, илми фиқҳи байъро (илм дар бораи ҳуқуқи хариду фурӯш) омӯзанд[73].

Дар давраи ҳукмронии халифа Алӣ бо супориши ӯ граматикаи алифбои арабӣ аз тарафи Абу ал-Асвад ад-Дуалӣ тартиб тартиб дода шуда буд, ки кори донишомӯзон ва таълимгирандагонро осон намуда, барои гирифтани таҳсил ва таълиму тарбия дар доираи меъёрҳои шаръӣ шароити мусоид фароҳам овард[74].

Дар давраи ҳукмронии Уммавиҳо солҳои 661-750 дар қаламрави Эрон низ ду низоми таҳсил вуҷуд дошт. Низоми аввалаи таҳсил, махсус барои он касоне, ки ба дини ниёгон содиқ буданд, он дар асоси барномаи таълимие, ки дар замони Сосониён маълум буд, давом меёфт.

Низоми дувуми таҳсил дар низоми таҳсилоти мусулмонӣ барои онҳое, ки ба дини Ислом рӯ оварда буданд, тааллуқ дошт. Ба онҳо хондан, навиштан, ҳисоб, таъриху адабиёти паҳлавӣ, аспсаворӣ, чавгонбозӣ, найзазанӣ ёд дода мешуд. Барои онҳое, ки ба омӯзгорӣ ё ки барои хизмат дар дарборҳои арабҳо омода мешуданд, илова ба ин фанҳо, инчунин, номанигорӣ, дафтардорӣ, санъати сухан ва ҷуғрофияро меомӯзониданд. Омӯзиш ва донистани забони арабӣ барои чунин одамон ҳатмӣ ва зарур буд. Таълимоти динӣ барои онҳо фақат бо усули шифоҳӣ гузаронида мешуд. Таҳсили илми тиб, фалсафа ва дорусозӣ дар донишгоҳи Гунди Шопур сурат мегирифт. Барои оммаи меҳнаткаши аҷдодонамон ба таври бояду шояд василаи таълимӣ вуҷуд надошт. Дар ин давра ниёгони мо алифбои арабиро қабул намуданд ва навиштану таълими Қуръон барои онҳо ҳатмӣ гардид.

Талаботи рӯзафзуни маданию маънавии арабҳо ба таҳсил зиёд мешуд ва онҳо ба ҷамъоварии осори илмию адабии ниёгони худ шуруъ намуданд. Барои амалӣ шудани ин ният дар пойтахти хилофат шаҳри Бағдод китобхонаи Байт-ул-аҳком (хонаи ҳикматҳо) ташкил шуд.[75] Бағдод дар ин давра ба маркази омӯзиш, илму фарҳанги ҷаҳон ва махсусан мамолики исломӣ табдил ёфта буд. Забони арабӣ дар байни табақоти олӣ ва миёнаи аҳолии шаҳрҳо нуфузи зиёд пайдо кард ва он забони илмию адабии донишмандону донишомӯзон гардид. Мутафаккирони

[73] Ғаззолӣ А.М. Кимиёи Саодат. Ҷилди аввал / Таҳияи Дӯстмуҳаммади Дӯст ва Қудратбек Элчибеков. – Душанбе: ЭР-граф, 2008. – С. 407.
[74] Сусов И.П. Арабская языковедческая традиция. (История языкознания). Монография. – М., 1999 г. – С. 21.
[75] Бартольд В.В. Работы по истории ислама и Арабского халифата / Монография. – М., 2002. – С.161-162.

бузурги мо ба мисли Ибни Муқаффаъ, Сибуя, Ибни Катиба, Умар ибни Фарҳонии Табарӣ, Муҳаммад ибни Мусо Шокири Хоразмӣ, Абумаъшари Балхӣ асарҳои илмию адабии худро ба ин забон менавиштанд.

Дар ин вақт дар Бухоро, Балх ва Ҳирот сохтани масҷидҳо вусъат ёфт. Дар натиҷа шумораи мактабу мадрасаҳо зиёд гардиданд. Ҳатто баъзе аъёну ашрофи ниёгонамон барои савоб аз пули худ мактабу мадрасаҳо месохтанд. Сафи донишомӯзон ва донишҷӯёни мактабу мадрасаҳо рӯз то рӯз меафзуд. Бо пайдо шудани китобҳои илмию динӣ низоми таҳсил ва таълиму тарбия низ тағйир меёфт. Дар мактабҳо ғайр аз навиштану хондан ва ҳисоб кардан, инчунин ҷуғрофия, таърих ва адаб ба кори таълим илова шуд. Дар мадрасаҳо аввалин маротиба фанҳои назариявӣ, аз ҷумла фиқҳ, ҳикмат, ҳандаса, таърих, ҷуғрофия, ситорашиносӣ ва ғайра дарс дода мешуданд. Дарсҳои динӣ ба тариқи назариявӣ мегузаштанд. Усулҳои асосии таълим суҳбат, баҳс, кор бо китоб ва азёдкунӣ буд. Низоми таълиму тарбияи Ислом ба тарбияи оилавии мардуми ниёгонамон низ таъсир расонид. Аз ҷумла, дар канори фарҳангу урфу одати миллӣ тоҷикон на танҳо ба фарҳанги исломӣ ва арабӣ ошно шуданд, балки бисёре аз унсурҳои онро пазируфтанд.

Зулму истибдоди баъзе аз ҳукуматдорон боиси шӯришу норозигиҳои бисёре дар байни оммаи халқ ва асилзодагони ниёгонамон гардид. Кӯшиши арабҳо дар бобати ба тарафи худ аз нав ҷалб намудани аъёну ашроф, руҳониён ва оммаи халқ натиҷаи судманде набахшид. Хилофати араб баръакс маҷбур шуд, ки дар нимаи аввали асри IX идораи баъзе сарзаминҳои пештараи Эронро бар уҳдаи худи ашрофони маҳаллӣ гузорад. Дар натиҷа ҳукуматҳои маҳаллӣ бар зидди арабҳо шӯришҳои зиёд бардошта, мустақилияти худро пойдор гардонанд ва сулолаҳои маҳаллии худро ба номи Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён ташкил намуданд.

Мактабҳо баъди масҷидҳо ба вуҷуд омаданд. Мактабҳо, асосан, дар назди масҷидҳо, хонаи муллоён, гузару дуконҳо ва ё дар назди мадрасаҳо ташкил мешуданд. Мактабдорро муаллим ё ки адиб меномиданд. Агар мактаб дар назди масҷид ё мадраса мешуд, муаллим аз ҳисоби онҳо ҳаққи хизмат мегирифт. Агар мактаб дар дигар ҷойҳо ташкил меёфт, омӯзгор ҳаққи моҳонаи худро аз падару

модари бачаҳо дарёфт мекард. Барои сарфи буҷаи хонавода омӯзгорон ҳатто хӯроки пагоҳирӯзӣ, нисфирӯзӣ ва бегоҳиро бо шогирдон якҷоя мехӯрданд ва донишомӯзонро дар корҳои хоҷагиашон истифода мебурданд. Хондан дар мактабҳо барои ҳама дастрас буд. Аксарияти деҳқонон фарзандони худро кам ба мактаб мефиристоданд ва онҳоро бештар дар корҳои рӯзгори ҳоҷагиашон истифода мебурданд. Синни таҳсили ибтидоӣ аз 6-солагӣ оғоз мешуд. Вале муддати таҳсил ба қобилияти бачаҳо ва дороии волидайн вобаста буд ва гоҳо дар мактабҳо ҷавонони то синни 20-25-сола таҳсил менамуданд. Аъёну ашрофи сарватманд барои фарзандони худ омӯзгори махсус киро мекарданд ва фарзандони худро дар хона бо роҳбарии муаллими шахсӣ дарс меомӯзониданд.

Дар замони ҳукматдории давлати Сомониён тарзи амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил тибқи ҳуқуқи исломӣ сурат мегирифт, чунончи барномаҳои мактабӣ аз таълими алифбои арабӣ, навиштан аз рӯйи сармашқ, хондан ва аз ёд намудани оятҳои Қуръон иборат буд. Усули таълим дар мактабҳо фардӣ буд. Муаллим ба ҳар шогирд ба таври алоҳида сабақ меомӯзонд. Шогирд сабақашро аз омӯзгор гирифта, ба ҷои худ менишаст ва бо овози баланд онро такрор мекард. Дар хотир нигоҳ доштан ва аз ёд намудани маводи таълимӣ муҳимтарин равиши таълим ба шумор мерафт. Таълими алифбо аз таълими хат ҷудо буд. Дар мактабҳо аз ҳисоби хонандагони пешқадам ва зирак барои назорати толибилмони хурдсол ва танбал халифаҳо таъйин карда мешуданд. Аз шогирдон дарси ҳаррӯза пурсида мешуд. Дар охири ҳар сол толибилмон имтиҳон месупориданд. Аз сабаби истифода бурдани усулҳои азёдкунӣ дар кори таълим бачаҳо баъди ду-се соли хониш аз мактабҳо гурезон мешуданд ва хондану навиштанро дуруст ёд намегирифтанд. Дар кори таълиму тарбия усулҳои махсуси ҷазодиҳӣ ба тариқи васеъ истифода бурда мешуд. Бачагонро бо андаке гуноҳ ҷазои сахти ҷисмонӣ медоданд. Омӯзиши ибтидоӣ дар ҳар як зинаи таҳсил бо таълими Қуръон ва адаб оғоз мегашт[76].

[76] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави давлати Сомониён. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 175-182.

Таҳсил дар мактабҳо аз соати 8 то 12 ва аз соати 15 то 17 идома меёфт. Мадрасаҳо низ ҷузъи муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб мерафтанд. Таҳсил то пайдо шудани мадрасаю мактабҳо дар масҷидҳо сурат мегирифт. Мувофиқи маъхазҳо аввалин мадраса дар диёри аҷдодонамон дар охири асри VIII аз тарафи Носири Кабир (соли вафоташ 917) дар Омул бино ёфтааст. Баъди он дар аввали асри IX амирон, султонҳо, мансабдорон ва аъёну ашрофони маҳаллӣ фаҳмиданд, ки таҳсил нокарда инсон комил намегардад ва онҳо дар шаҳрҳои бузург барои бунёд сохтани мадрасаҳо кӯшишҳои зиёде карданд. Муҳимтарини онҳо мадрасаи Байҳақӣ ва Саъдияи Нишопур буданд. Аксарияти олимони маъруф дар онҳо таҳсил намудаанд.

Давраи муҳимми инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ва бунёди мадрасаҳо ба замони вазирии Низомулмулк дар давраи ҳукумати Салҷуқиён рост меояд. Вай шахси басо фозил, доно, маърифатпараст ва сиёсатмадори бузург буд. Дар замони ҳукмронии ӯ дар Нишопур, Балх, Ҳирот, Исфаҳон, Марв, Басра, Бағдод ва дигар шаҳрҳо мадрасаҳои махсус барои таълиму тарбия бунёд гаштанд ва бо номи «Низомия» машҳур буданд. Бузургтарин ва машҳуртарини он мадрасаи «Низомия»-и Бағдод ба шумор мерафт, ки бузургтарин забардастони ин давра он ҷо таҳсил намудаанд[77].

Бо кӯшиш ва ғамхории Низомулмулк барои таҳсил дар мадрасаҳо буҷаи махсус ҷудо мешуданд. Маоши муаллимон ва донишҷӯён аз ҳисоби он таъмин мегардид. Дар мадрасаҳо барои зиндагии донишҷӯён ҳуҷраҳои алоҳида ба мисли хобгоҳ ташкил шуда буд. Дар назди онҳо китобхона ва дорухонаҳо вуҷуд доштанд. Баъзе мадрасаҳо китобҳои гуногуни илмӣ ва адабӣ ба забони форсии тоҷикӣ, паҳлавӣ ва арабӣ доштанд.

Мадраса аз тарафи мутаваллӣ идора карда мешуд. Мудирияти мадраса дастурамал ва қонунҳои худро дошт, ки бояд аз ҷониби донишҷӯён риоя карда мешуд. Мутаваллӣ шахсе буд, ки буҷа ва низоми таълиму тарбияро дар мадраса назорат мекард. Мударрис, китобхоначӣ, воиз, ходим ва донишҷӯ кормандони

[77] Холиқзода А.Ғ. Назарияи идоракунии шарқӣ (дар афкори мутафаккирони форсӣ тоҷик). Хрестоматия (асрҳои миёна) / Монография. – Душанбе: «Эр-граф», 2017. – С. 63-93

мадраса ба ҳисоб рафта, аз рӯйи низомномаи мадраса маош мегирифтанд ва кору фаъолият мекарданд. Мутаваллӣ донишҷӯён ва кормандони бадахлоқро ҷазо медод ва аз болои тақсими ҳуҷраҳо назорат мекард.

Омӯзгор дар ҳуқуқи исломӣ рукни аслии омӯзиш ба ҳисоб мерафт. Муаллим пас аз касби илм ва андӯхтани таҷрибаи кофӣ, ки маъмулан бо роҳи таҳсил намудан аз тариқи сафарҳои илмӣ ба даст меомад, метавонист ба курсии таълим такя занад[78]. Ба сифати муаллимони мадрасаҳо шахсоне таъйин мегардиданд, ки аз уҳдаи тарбияи толибилмон баромада тавонанд ва онҳо аз рӯйи мартаба ба се гурӯҳ – мударрис, ноиби мударрис ва муъид тақсим мешуданд.

Азбаски дар ин давра илму адаби ниёгони мо ва арабҳо то андозае равнақ ёфта, китобҳои зиёд доир ба ин ё он риштаи илм ба вуҷуд омада буд, барномаи мадрасаҳо дар асоси онҳо таҳия мегардид. Дар курсҳои поёнӣ донишҷӯён сарфу наҳви арабӣ ва мантиқро меомӯхтанд. Вақте ки донишҷӯён мазмуни матнҳои арабиро дарк мекарданд ва бо он хуб ҳарф мезаданд, онҳоро барои омӯхтани риштаҳои ихтисосӣ тақсим мекарданд. Риштаҳои ихтисосӣ аз илмҳои ҳикмат, тиб, риёзиёт, дабирӣ, шоирӣ, мунаҷҷимӣ ва муҳандисӣ иборат буданд. Муддати таҳсил ба истеъдод ва дороии хонаводаи донишҷӯ вобаста буд. Донишҷӯёни камбағал пас аз панҷ ё шаш сол мадрасаҳоро тарк мекарданд ва ба зиндагии мустақилона рӯ меоварданд. Баъзеҳо ҳатто то охири умр дар мадрасаҳо илму адаб меомӯхтанд. Дар охири таҳсил ба хатмкунандагон ҳуҷҷати расмӣ ба мисли имрӯза ҳуҷчати тасдиққунандаи хатми таҳсил дар ин ё он риштаи илму адаб дода мешуд, ки онҳо дар ин асос вориди хизмати шаҳрвандӣ ва давлатӣ мегардиданд.

Заминаҳои асосӣ барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ва рушду инкишофи он Мадрасаҳои Абуҳафси Кабир ва мадрасаи Фоҷирак дар Бухоро, мадрасаи Қаттони Нишопурӣ ва мадрасаи Байҳақӣ, мадрасаи Ҳаддод, Абуисҳоқи Бастомӣ, мадрасаи Абувалидӣ Қаршӣ, мадрасаи Абу Ҷаъфари Салитӣ дар Нишопур, мадрасаи Абуалии Самарқандӣ ва мадрасаи Қозӣ Соъиди Устувоӣ (Соъидия), мадрасаи Абусолеҳи Таббонӣ дар Ғазна ва мадрасаи Омул буданд ва аз ҷумлаи беҳтарин

[78] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави давлати Сомониён. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 187.

мадрасаҳое буданд, ки дар он ҷо беҳтарин донишмандон таҳсил намуда, соҳиби дониш гардидаанд[79].

Дар мадраса усулҳои саволу ҷавоб ва баҳсу мунозира вуҷуд дошт. Дарсҳо ҳар рӯз пурсида намешуданд. Фақат гоҳе мударрис донишҷӯеро даъват намуда, аз ӯ мазмуни китоби хондаашро мепурсид ва ба ӯ вазифаи нав медод. Таълим ба забони арабӣ барои аҷдодони мо хеле мушкил буд. Аз ин рӯ, онҳо маҷбур буданд, ки маводи таълимиро аз ёд кунанд ё ки таҳсилро тарк намоянд. Пешрафти илму адаб, масҷид, мактабу мадрасаҳо ба пайдошавӣ ва пешравии ақидаҳои нави таълимӣ таъсири зиёд расонид. Як қисми уламо, фузало ва донишмандон бевосита дар эҷодиёти худ низоми нави таълиму тарбияро баррасӣ мекарданд. Донишмандон ва фузало фикрҳои таълиму тарбиявии ниёгони худро аз сарчашмаҳои гуногун ҷамъоварӣ намуда, дар осори худ ба таври васеъ истифода мебурданд.

Вазъияту шароити таҳсилнамоии мардуми халқи тоҷик дар давраи ҳокимиятдории ҳар як сулолаи ба сари қудрат меомада шакли дигарро мегирифт. Масалан, ҳуҷумҳои ваҳшиёнаи Чингизхон соли 1220 – 1256 ба фарҳанг, низоми таҳсил ва таълиму тарбия, мактабу маориф ва ахлоқу афкори ин сарзамин таъсири мудҳиш расонид[80].

Дар натиҷаи хунрезиҳо ва кушокушиҳои доимии муғулҳо дар марказҳои бузурги мадании Эронзамин ҳазорон донишмандон, адибон, мударрисони мактабу мадрасаҳо ва дигар равшанфикрон ба қатл расонида шуданд. Масалан, дар «Сафарнома»-и Ибни Батута, ки бо номи “Туҳфату-н-назор фий ғароибу-л-амсор ва ъаҷоибу-л-асфор” машҳур аст, навишта шудааст, ки дар Ироқу Араб бисту чаҳор ҳазор аҳли илм аз тарафи муғулҳо ба қатл расонида шуд. Бояд қайд намуд, ки фақат ба як қисми ками онҳо муяссар шуд, ки ҷон ба саломат баранд ва ба Ҳиндустон, Осиёи Сағир (хурд) ва дигар мамлакатҳо паноҳ баранд[81].

---

[79] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави давлати Сомониён. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 811-819.

[80] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав.– Душанбе:Нашриёти муосир, 2020. – С. 503.

[81] Ибни Баттута. Сафарнома “Туҳфату-н-назор фӣ ғароибу-л-амсор ва ъаҷоибу-л-асфор”. Ҷилди аввал / Тарҷумаи Муҳаммадалии Муваҳҳид. – Чопи шашум. – Техрон, 1904. – С. 171.

Атомалики Ҷувайнӣ дар китоби худ бо номи «Таърихи Ҷаҳонкушой» қайд мекунад, ки дар натиҷаи ҳуҷуми муғулҳо ҳазорҳо мадрасаю мактабҳо ва масҷиду хонақоҳҳо, ки заминаи асосии гирифтани таълиму тарбия ва таҳсили донишомӯзон мегардиданд ба хок яксон гардиданд[82].

Ҳамаи он бадбахтиҳое, ки муғулҳо ба сари мардуми ин диёр оварда буданд, ба низоми таҳсил ва таълиму тарбияи халқи тоҷик таъсири бадтарин расонид. Қариб тамоми мактабу мадрасаҳо, масҷидҳо ва дигар марказҳои маданию маърифатӣ дар натиҷаи ин мусибатҳо ба хок яксон шуданд. Бо вуҷуди ин қадар шиканҷаҳо таҳсил аз байн нарафт. Махсусан толибилмон бештар дар риштаи илмҳои фиқҳ, исломшиносӣ, нуҷум, тиб ва таърихшиносӣ таҳсил менамуданд. Низоми таҳсил ва таълиму тарбия нисбат ба даврахои гузашта хислати пурраи динӣ-сӯфигиро гирифт. Дар мадрасаҳо бештар фанҳои динӣ, махсусан асарҳои олимону фақеҳон аз қабили Авҳадӣ, Фаҳриддини Ироқӣ, Муҳаммад Шабистарӣ ва ғайраҳо таълим дода мешуданд.

Рушди амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил дар сарзамини мо аслан дар охири асри XIII оғоз шуда буд ва ба ҳамаи фитнагариҳои давраи Темуриён нигоҳ накарда, инкишоф меёфт. Дар натиҷаи ин оҳиста-оҳиста Самарқанд, Ҳирот, Балху Бухоро ба марказҳои таълимӣ табдил ёфтанд. Аз тамоми гӯшаю канорҳои Мовароуннаҳр ва Эрон ходимони илму санъат ба Самарқанд, Ҳирот ҷамъ омада, донишҷӯён низ барои таҳсил намудан ба ин ҷо ташриф меоварданд. Ба ин ҷиҳат, дар ин ҷо илмҳои тиб, ҳуқуқ, ситорашиносӣ, таърих, ахлоқ, адабиёту санъат рӯ ба тараққӣ ниҳоданд. Аввалин маротиба дар ин сарзамин барои корҳои тадқиқотӣ ва ситорашиносӣ Улуғбек расадхона ташкил намуд. Ин давра барои инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил низ шароити хуб ба вуҷуд овард. Шоирони зиёде дар ин замон, аз қабили Ҳофизи Шерозӣ, Убайди Зоконӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ҷомӣ, Навоӣ ва дигарон ба рушди адабиёт таъсир гузоштанд ва дар адабиёти ҷаҳонӣ шуҳрат пайдо намуданд.

[82] Ҷувайнӣ А.М. Таърихи ҷаҳонгушой / Тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ. – Теҳрон: Интишороти «Ҳирмас», 1401 ҳ.ш. – 1100 с.

Темуриён ба сохтани масҷиду мадрасаҳо, хонақою мактабҳо низ диққати махсус доданд. Дар ин давра мадрасаю мактабу мақбарасозӣ авҷ гирифт. Дар як муддати кӯтоҳ дар Самарқанд, Ҳирот, Машҳад ва дигар шаҳрҳо мадрасаҳои Бибихонум, Улуғбек, мақбараҳои Гӯри мир, Шоҳи зинда (Самарқанд), масҷиду мадрасаи Гавҳари шодӣ (Машҳад) ва ғайраҳо барои таҳсил намудани мардум сохтанд. Дар деҳоти серодам ва шаҳрҳои калон ҳазорҳо мактабҳо кушода шуданд. Дар назди масҷиду мадрасаҳо китобхонаҳо ташкил намуда, осори парокандаи илмию адабии тоҷиконро ҷамъоварӣ карданд, то ки донишомӯзон бе ягон мушкилӣ таҳсил намоянд. Барои нигоҳ доштани осори гузаштагон ва сайқал додани дониши худ рӯнавис намудани китобҳои нодирро ба роҳ мемонданд.[83]

Дар барномаи таълимии мактабу мадрасаҳо таҳсил дар доираи илмҳои сарфу наҳви арабӣ, ҳадис ва тафсири Қуръон, фиқҳ ва усул, мантиқ, ҳикмати маонӣ ва ашроқӣ, табиёт, риёзиёт, таърих, ситорашиносӣ ва тиб бештар сурат мегирифт.

Дар замони ҳукумронии Муҳаммади Шайбонихон барои таҳсил ва таълиму тарбия якчанд мадрасаю масҷид сохта шуд. Ин масҷиду мадрасаҳо маҳз барои ҳашамат ва абадӣ гардонидани хонадони ин силсила ашрофон сохта шуда буд. Машҳуртарини онҳо мадрасаи Мири Араб мебошад, ки бузургтарин мутафаккирону абрмардони донишмандро то ба қудрат омадани ҳукумати Шуравӣ таълим дода, ба воя расонидааст.

Нисбат ба давраи ҳукуматдории Шайбониён дар давраи Аштархониён сохтани мадрасаю мактабҳо ва ҷалб намудани мардум ба таҳсил ва саводомӯзӣ бештар авҷ гирифта буд. Мисоли инро мо дар бунёд ёфтани мадрасаҳои нав, ба монанди мадрасаҳои Шердор, Тиллокорон, Кӯкалтош, Надирдевонбегӣ, Абдулазизхон ва ғайраҳо дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд дида метавонем.

Аз замони ҳукмронии сулолаи Манғитиён (соли 1747 то нимаи якуми асри XIX) дар ҳаёти иқтисодӣ, маданӣ ва фарҳангии тоҷикон тағйироти гуногуне ба вуқуъ пайваст. Низоми таҳсил ва таълиму тарбия дар даврони Манғитиён низ бе таҳаввули чашмгир монд. Дар мактабҳо бештар ба таълимоти динӣ аҳаммият дода

[83] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе:Нашриёти муосир, 2020. – С. 572-573.

мешуд. Ба хондану навиштан он қадар таваҷҷуҳ зоҳир наменамуданд. Ҳисоб таълим дода намешуд. Омӯхтани Қуръон дар дараҷаи аввал буд. Дар ин асрҳо омӯхтани илми фикҳ, тафсир ва шарҳи китобҳои дарсии динӣ хеле ривоҷ ёфт.

Дар мадрасаҳо қариб тамоми дарсҳо ба забони арабӣ гузашта, забони тоҷикӣ фақат барои шарҳ ва тарҷумаи баъзе дарсҳо хизмат мекард.

Дар давраи ҳукмронии Аморати Бухоро, Хонигарии Хева ва Қуқанд низ меъёрҳои ҳуқуқи мусалмонӣ амал мекард, ки ҳуқуқ ба таҳсил тибқи меъёрҳои динӣ амалӣ карда мешуд[84].

Насурдинов Э.С. қайд менамояд, ки то ибтидои асри XX дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ низоми ҳуқуқи исломӣ амал мекард, ки таҳсили донишомӯзон дар мадрасаҳо (ҳамчун муассисаҳои таълимӣ) тибқи меъёрҳои ҳуқуқи мусалмонӣ ба роҳ монда мешуд[85].

Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқи мусалмонӣ, ки ҳанӯз дар асрҳои VII-VIII дар сарзамини тоинқилобии Тоҷикистон ҷорӣ гашта буд, дар давраи зиёда аз 10–12 аср муносибатҳои ҷомеаи мусалмониро танзим мекард[86].

Хулоса, ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар давраи амали ҳуқуқи мусалмонӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон новобаста аз вазъияти нопойдори сиёсию низомӣ ва идоракунӣ ҷорӣ буд ва барои таҳсил шароити ҳуқуқӣ фароҳам намуда, заминаи тараққию рушди соҳаҳои гуногуни илми кишварҳои мусалмоннишин гардид. Аз тарафи дигар, рушду такмил ёфтани ин низоми ҳуқуқӣ рафта-рафта бар он оварда расонид, ки низоми ҳуқуқи мусалмонӣ ба як низоми мустақил ва қудратманди ҳуқуқи ҷаҳонӣ табдил ёбад.

Низоми ҳуқуқи исломӣ, ки дар худ фарҳанги ғании ҳуқуқиро касб карда буд, то пайдоиши низоми нави таҳсилот дар Генерал губернатории Туркистон ва сар задани инқилоби Октябр амал намуд[87].

---

[84] Тоиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон. Монография. – Душанбе: Ирфон, 1994. – С. 44.

[85] Насурдинов Э.С. Правовое воспитание и образование как факторы формирование правовой культуры в Республике Таджикистан / Монография. – Душанбе: «Эр-граф», 2014. – С. 136

[86] Буриев И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане (VIII – начало XX вв.) / Монография. – Душанбе, 1999. – С. 5.

[87] Сафаров Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры. Монография. – Душанбе. 2014, – С. 89.

Низоми таҳсилот дар ин давраи таърихӣ ба 3 зина – зинаи таҳсили ибтидоӣ, зинаи таҳсили умумӣ ва охирон зинаи таҳсилоти баъдӣ (яъне ин зинаи таҳсилот ба монанди имрӯз зинаи таҳсилоти олиро дар назар дорад, ки дар мадрасаю марказҳои илмӣ дарс дода мешуд) ҷудо мешуд. Усули асосии омӯзиш таълими шифоҳӣ буд. Таҳсили ибтидоӣ, ки омӯхтани заруритарин рукнҳои исломро дар назар дошт, ҳатмӣ буд. Синни таҳсили ибтидоӣ аз 6- солагӣ оғоз мешуд. Вале баъди расидан ба балоғат муддати таҳсил ба қобилияти бачаҳо ва дороии волидайн вобаста буд ва гоҳо дар мактабҳо ҷавонони то сини 20-25-солагиашон таҳсил менамуданд.

Таъсиси мадрасаҳо, дохил гардидани илмҳои дунявӣ дар барномаи таълимии онҳо, ҳамчун моликияти вақф ба ҳар як мадраса во гузоштани заминҳои кишт, барои фароҳам овардани шароити таҳсил барои донишомӯзон ва умуман рушди низоми маориф таъсири бузург гузошт.

Ҳамчунин, бартарии инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар давраи амали ҳуқуқи мусалмонӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон нисбат ба давраи инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ дар он ифода мегардад, ки ислом ҳамаи одамонро новобаста аз арабу форс, турку муғул, буданашон, новобаста аз дороӣ ва вазъи чамъиятиашон ба ҳам баробар дониста, бартариро танҳо ба онҳое медод, ки покизакору донишманд ва боимону ботақво буда, ба роҳи рост ва ҳақиқат қадам мениҳанд. Аммо дар Зардуштия таълимоти динӣ дар баъзе масъалаҳо вобаста ба мавқеи иҷтимоии инсон дар ҷамъият маҳдуд мегардид.

Ҳамчунин, дар ин давраи инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил, пайдоиши мактабу мадрасаҳо ва низоми махсуси таълим тартиб дода шуда, фарҳанги ҳуқуқи исломӣ ғанӣ гардид.

Миллати мо дар ин давраи таърихӣ бузургони бисёри илму дониши оламшумулро ба мисли абармардоне чун Форобӣ, Ибни Сино, Рӯдакӣ, Закариёи Розӣ, Ғаззолӣ, Фирдавсӣ, Румӣ, Унсурӣ, Саноӣ, Аттор, Анварӣ, Ҳоқонӣ, Низомӣ ва дигарон тарбия намуда, бо ин роҳ дар ғанисозии фарҳанги исломӣ ва ҷаҳонӣ саҳми худро гузоштааст. Низоми ҳуқуқии исломӣ бо вуҷуди маҳдудиятҳои табиӣ

ва сунъӣ, ки дертар бинобар нуфузи бузурги андешаҳои баъзе аз ходимони дин ба миён омадаанд, имкон додааст, ки илмҳои зиёде ба монанди адабиёт ва ҳунар, фалсафа ва ҷомеашиносӣ, нуҷум ва ҳисоб рушд кунанд ва осори бунёдие халқ карда шаванд, ки дертар ҳамчун китобҳои дарсӣ ва муқаддимавӣ дар низоми маорифи дунёи Ғарб дар асрҳои миёна истифода мешуданд.

1.3. Инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар қонунгузории ҶШС Тоҷикистон

Суханро дар робита ба ҳуқуқ ба таҳсил дар қонунгузории ҶШС Тоҷикистон бояд аз он ҷо шуруъ кард, ки бо вуҷуди ба қонунгузориҳои таърихӣ-миллӣ ва ҷаҳонбинии илмии тоҷикон бегона буданаш, заминаи аслӣ ва сарчашмаи аввалияи ҳуқуқ ба таҳсил дар замони соҳибистиқлолӣ гардидааст.

Таърихи 16 октябри соли 1929 анҷумани сеюми фавқулодаи шуроҳои Тоҷикистон хоҳиши халқи тоҷикро ба назар гирифта, дар бораи ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистон ва ихтиёран ба ҳайати ИҶШС дохил гаштани он қарор қабул кард. Илова бар ин, анҷуман масъалаҳои муҳимтарини хоҷагӣ, сиёсию маданӣ, аз он ҷумла соҳаи маорифи ҷумҳурии навташкилро дида баромада, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намуд, ки вазифаҳои асосии ин соҳа – таъмин намудани коргарон ва деҳқонони камбағалро ба таҳсили пурраи ройгон дар муддати кӯтоҳ дида барояд[88].

Дар Конституцияи ҶМШС Тоҷикистон соли 1929 доираи ҳуқуқу озодиҳои инсон бидуни сохти мантиқӣ муқаррар гардид, вале он доираи ҳуқуқҳоеро муқаррар кардааст, ки дар баробари онҳо моддаи 9 Конституция ба масъалаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил бахшида шудааст[89]. Ин аввалин қонуни асосии қабулгардидаи ҶТ мебошад, ки заминаи пайдоиши бунёдии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро гузоштааст.

---

[88] Носиров Н. Ҳуқуқ ба таҳсил тибқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Конституция – роҳнамои ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил (бахшида ба 20-солагии Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2014. – 256 с.

[89] Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики от 25 февраля 1931 года // Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917–1994 гг.) / Составитель: Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дониш, 2014. – С. 326.

Санаи 28-уми марти соли 1930 Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҷумҳурӣ таҳия намудани аввалин лоиҳаи Конституцияи ҶШС Тоҷикистонро баррасӣ кард. Конституцияи якуми ҶШС Тоҷикистон соли 1931 бо мувофиқа ба Конституцияи Иттиҳоди Шуравӣ аз соли 1924 ва Эъломияи ҳуқуқи меҳнаткашон ва халқи заҳматкаш, аз тарафи анҷумани сеюми Шуроҳои умумиросиягӣ қабул гашт. Он аз 7 фасл, 16 боб ва 113 модда иборат буд. Дар моддаи 11-уми Конституция муқаррар карда шуда буд, ки ҳар як инсон ҳуқуқ ба таҳсил дорад[90]. А.И. Имомов менависад, ки ин Конституция ба Конституцияи ҶМШС Тоҷикистон аз соли 1929 аз ҷиҳати моҳият ва мазмун бо ҳам хело монандӣ доштанд, зеро ки ҳар дуи конституцияҳо ба як давраи таърихии давлати шуравӣ рост меомад[91].

Қабули Конституцияи ҶШС Тоҷикистон дар соли 1931 дар рушду нумуи минбаъдаи маорифи ҷумҳурӣ ва инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил як такони ҷиддӣ бахшид. Аз ҷумла, дар асоси ин Конституция қабул гардидани қарори анҷумани XVI Кумитаи марказии умумиттифоқии Ҳизби коммунистӣ оид ба ҷорӣ намудани таҳсили ибтидоии ҳатмии умумӣ ва барҳам додани бесаводиро ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи ҳизб қарор дод.

Мувофиқи дастуруламали ин анҷуман Кумитаи марказии умумиттифоқии Ҳизби коммунист 25 июли соли 1930 «Дар бораи таҳсили умумии ҳатмии ибтидоӣ» қарор қабул намуданд. Мувофиқи ин қарорҳо вазифа гузошта шуд, ки аз соли таҳсили 1930-1931 шуруъ намуда, дар тамоми ИҶШС таълими умумии ҳатмии бачагон (писарбачагон ва духтарон)-и синни 8, 9, 10-сола дар ҳаҷми камаш чорсолаи мактаби ибтидоӣ ҷорӣ шавад[92].

Бо мақсади ҷорӣ намудани таҳсилоти умумии ҳатмӣ бо қарори Шурои Комиссариати халқи ҶШС Тоҷикистон аз 22 октябри соли 1930 «Комитети ёрии таълимоти умумӣ»-и ҷумҳурӣ ташкил карда шуд. Чунин комиссияҳо дар назди

[90] Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики от 1 марта 1937 года // Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917-1994 гг.) / Составитель: Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дониш, 2014. – С. 417.
[91] Имомов А.И. Нақши Конституция дар сохтани давлатдории миллии тоҷикон. – Душанбе, 2011. – С. 55.
[92] Компартия Таджикистана в условиях развитого социалистического общества. – Душанбе: Ирфон, 1974. – С. 421.

комитетҳои иҷроия ва шуроҳои деҳот низ ташкил ёфтанд, ки дар кори онҳо аҳли фаъолони ҷамъият иштирок мекарданд[93].

Бо мақсади амалисозии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсили умумии ҳатмӣ ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии мактабҳо Ҳизби Коммунистии ҶШС Тоҷикистон моҳи январи соли 1931 «Дар бораи рафти кори таълим ва ҷорӣ кардани таҳсили умумии ҳатмӣ» қарор қабул намуд. Дар асоси он феврали соли 1931 анҷумани IV шуроҳои ҷумҳурӣ шуда гузашт. Анҷуман аҳаммияти муҳимми таҳсили умумии ҳатмӣ ва маҳви бесаводиро дар ҷумҳурӣ қайд намуда, ҳукуматро вазифадор намуд, ки бобати ҷорӣ намудани таҳсилоти умумии ҳатмӣ ва маҳви бесаводӣ, тайёр кардан ва ба мактаб фиристодани омӯзгорони ботаҷриба чораҳо андешад.

Соли 1932 низоми таҳсилоти миёна дар Тоҷикистон аз се зина иборат буд. Таҳсилоти ибтидоии аз синфи 1 то 4, таҳсилоти миёнаи нопурра аз синфи 5 то 7, таҳсилоти миёна то синфи 10 муқаррар гардида буд[94].

Дар ин давра амалӣ гардидани ҳуқуқ ба таҳсил аз бисёр сабабҳо аз ҳақиқати воқеӣ ҳанӯз дур буд ва ҳамчунин волидайни баъзе аз толибилмон ба ҳамаи тадбирҳои ташкилотҳои ҳизбӣ ва шуравӣ нигоҳ накарда, бо сабабҳои гуногун барои амалисозии ҳуқуқи фарзандонашон ба таҳсил монеа эҷод мекарданд.

Барои пешгирии чунин ҳолатҳо ва амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил Шурои Комиссариати халқи Тоҷикистон аз 2 декабри соли 1935 Қарор «Дар бораи мубориза бар зидди вайронкунандагони таҳсилоти умумӣ»-ро қабул кард. Дар қарори мазкур масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани падару модарон, хешовандон ва дигар шаҳрвандоне, ки дар роҳи амалӣ сохтани ҳуқуқ ба таҳсили хонандагон монеаҳо эҷод мекарданд, дарҷ гардида буд. Қарори мазкур шаҳрвандонро вазифадор менамуд, ки садди роҳи амалисозии ҳуқуқ ба таҳсили фарзандонашон нагарданд. Онҳо вазифадор шуда буданд, ки бачагонро бо сару либоси нав, пойафзол, дафтару китоб ва дигар ашёи хониш таъмин намуда, барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсили фарзандонашон шароити мусоид фароҳам намоянд.

---

[93] Инқилоби Октябр ва таҳаввули соҳаи маориф (солҳои 1917-1940). [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://maorif.tj/asosi/tarihi-vazorat. (Санаи мурочиат: 30.04.2018).

[94] Система образования в СССР в 1932 году. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://edunews.ru/education-abroad/sistema-obrazovaniya/sovetskaya.html. (Санаи мурочиат: 30.04.2018).

Метавон аз таҳлили Конституцсияи ҶШС Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунандаи соли 1931 чунин натиҷа гирифт, ки қабули Конституцсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1931 ба таври ҳуқуқӣ ташкили Тоҷикистонро ҳамчун ҷумҳурии мустақил дар ҳайати ИҶШС ба расмият даровард ва заминаи асосии пайдоиш ва инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил гардида, охирӣ ҳамчун ҳуқуқи ҳатмӣ эътироф гардид.

Кумитаи Иҷроияи Марказии Шуроҳои Тоҷикистон 4-уми июли соли 1936 бо назардошти муносибатҳои нави сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар ҷамъият, лоиҳаи нави Конституцсияи ҶШС Тоҷикистонро тайёр намуд.

Санаи 1-уми марти соли 1937 бошад, дар анҷумани VI фавқулодаи Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон Конституцсияи нави ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, ки он аз 12 боб ва 132 модда иборат буд[95].

Конституцсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1937 нисбат ба Конституцсияи пешинаи ҷумҳурӣ қадами ҷиддие ба сӯйи эътирофи демократия ва ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил ва кафолати амалисозии он гузошта буд.

Дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар боби 9-уми Конституцсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937 мавқеи аввалиндараҷаро ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ касб намуда буданд. Дар моддаи 106-уми Конституцсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937 ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил кафолат дода шуда, муқаррар карда шуда буд, ки шаҳрвандон ба таври ройгон метавонанд аз таҳсили умумӣ – ҳатмии ибтидоӣ, миёнаи умумӣ ва олӣ баҳравар шаванд. Ҳамчунин, ҳамин модда ба шаҳрвандон бо забони модарӣ таҳсил карданро кафолат дода буд[96]. Ин муқаррарот бо роҳи муҳайё кардани шароити мусоиди иқтисодию ҳуқуқӣ аз тарафи давлат амалӣ карда мешуд.

Аз таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил маълум мегардад, ки аввалин бор, ҳуқуқ ба таҳсили ибтидоии ройгон, таҳсили миёнаи умумӣ ва олӣ дар Тоҷикистон дар модаи 106-уми Конституцсияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937 кафолат дода шудааст. Ба иборати дигар, модаи 106-уми Конституцсияи ҶШС

[95] Съезды Советов в документах... Сборник документов. 1917 – 1937 гг. Т.7. – М. 1965. – С. 648-768.
[96] Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики от 1 марта 1937 года // Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917-1994 гг.) / Составитель: Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дониш, 2014. – С. 417-420.

Тоҷикистон аввалин санади олии ҳуқуқие мебошад, ки ҳуқуқ ба таҳсилро эътироф карда, давлатро барои таъмини шароити мусоид бобати амалисозии ин ҳуқуқи шаҳрвандонаш уҳдадор мекунад.

Дар асоси татбиқи ин меъёри конституцион дар қаламрави ҷумҳурӣ доираи шаҳрвандоне, ки аз ҳуқуқи худ ба таҳсил истифода мекарданд, сол аз сол афзоиш меёфт. Вале ин ҳолат ҳанӯз саводнок гардидани тамоми қишри ҷомеаро ифода намекард, чунки маҳз дар ҳамин давра мардуми мо аз фарҳанги бостонии худ, ки рукни муҳимми он ҳарфҳои арабиасоси форсӣ ва адабиёти оламшумули ҳазорсолаи миллати тоҷик ба ҳисоб мерафт, маҳрум гашта буданд. Дар ин давра алифбои форсии тоҷикӣ бекор ва забони таҳсил ба алифбои бегонаи лотинӣ ва чанде баъдтар ба алифбои кириллӣ гузаронида шуд, ки якчанд мушкилиҳоро дар раванди амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ба миён овард. Дар асоси ин ивазшавии хатти алифбоӣ китобу дастхату маъхазҳои нодири дар дасти равшанфикронбуда бо баҳонаи гӯё «адабиёти зарарноки динӣ» буданашон, гирифта шуда, дар оташ сӯзонида мешуданд. Албатта чунин бархӯрди ғайриодилона сабаб гашт, ки сатҳи маърифатӣ ва худшиносии халқи тоҷик, махсусан қишри ҷавон пойин рафта, то ба таври бояду шояд ба роҳ мондани раванди таҳсил бо истифода аз равишҳои нав сатҳи саводнокии ҷомеа пойин равад. Зеро хат воситаи асосиест, ки ба шаҳрвандон имконияти мантиқӣ ва мафкуравии амалӣ гардонидани ҳуқуқ ба таҳсилро медиҳад. Маълум аст, ки мунтазам иваз намудани хатти забони таҳсил ба решаи мафкураи таҳсилкунандагон зарба мезанад.

Дар ин давра дар баробари кафолати конституционии ҳуқуқ ба таҳсил, ҳамчунин заминаҳои дигари ҳуқуқию иқтисодӣ барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон ба вуҷуд омаданд. Яке аз муваффақиятҳои сиёсати давлатӣ дар самти маориф ин буд, ки давлат барои таъмин намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил ба сохтмони мактабҳо ва маблағгузории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ шуруъ кард.

Санаи 24 декабри соли 1958 Шурои Олии ИҶШС Қонун «Дар бораи мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва дар бораи минбаъд инкишоф додани низоми маорифи халқ дар ИҶШС»-ро қабул кард. Дар мувофиқа бо ин,

моҳи марти соли 1959 Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Қонун «Дар бораи мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва дар бораи минбаъд инкишоф додани низоми маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон»-ро қабул намуд, ки дар рушди минбаъдаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил нақши ҳалкунандаро бозид[97]. Мувофиқи ин қонун дар мамлакат аз моҳи сентябри соли 1962 низоми нави таҳсилоти умумии ҳатмии ҳаштсола ҷорӣ гардид. Муҳлати таҳсил дар мактабҳои ибтидоӣ 4 сол, дар мактабҳои миёнаи нопурра 4 сол, дар мактабҳои миёна 3 сол муайян гардид.

Раҳим Масов дар монографияи илмии худ бо номи «Файзи Истиқлол дар Боми ҷаҳон» қайд менамояд, ки соли хониши 1962 – 1963 дар ВМКБ ҳамаи мактабҳои таҳсилоти 7-сола ба таҳсилоти ҳатмии 8-сола гузаронида шуданд[98], ки ин ба шаҳрвандон имконият дод, то ки ҳуқуқ ба таҳсилашонро амалӣ намуда, то ҷое муддати дарозтар таҳсил намуда, дорои донишҳои бештар гарданд.

Дар асоси ин ислоҳот дар соҳаи низоми таҳсилот муҳлати умумии таҳсил 11 сол муқаррар карда шуд. Мақсади асосии ин ислоҳот дар он буд, ки низоми нави таҳсил бояд хонандагонро бо донишҳои нави замонавӣ мусаллаҳ ва алоқаи мактабро ба ҳаёт мустаҳкам намуда, муносибати мактаббачагонро ба рафти донишомузӣ инкишоф диҳад.

Дар ин давра ба таҳсил рӯ овардани шаҳрвандон зиёд гардида, муассисаҳои таълимӣ барои амалисозии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил камӣ мекарданд. Аз ин сабаб дар баъзе мактабҳо дар давоми рӯз хонандагон дар як мактаб дар се баст таҳсил менамуданд.

Масъалаҳои ҳуқуқи инсон ба таҳсил моҳи феврали 1960 дар анҷумани XIII Ҳизби коммунистии ҶШС Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифт. Анҷуман қарор кард, ки сохтмони мактабҳоро вусъат дода, бинобар ин, ки таълими ду ё себаста ба хонандагон имконияти ба таври лозима таҳсил намуданро намедод, барҳам дода шуда, то оғози соли таҳсили 1963-1964 ба таҳсили якбаста гузаштани мактабҳо гузарад. Дар асоси қарорҳои анҷумани XIII Ҳизби коммунистии ҶШС Тоҷикистон сохтмони муассисаҳои таълимӣ дар ҷумҳурӣ авҷ гирифт ва шароити

[97] Пыжиков А.В. Реформирование системы образования СССР в период оттепели (1953-1964 гг.) [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://rabkrin.org/pyizhikov-a-v-reformirovanie-sistemyi-obrazovaniya-sssr-v-period-ottepeli-1953-1964-gg-statya/. (санаи муроҷиат: 30.05.2018).
[98] Масов Р., Пирумшоев Ҳ. Файзи Истиқлол дар «Боми ҷаҳон». – Душанбе: Дониш, 2011. – С. 72.

бисёр муосидеро барои шаҳрвандон фароҳам овард, ки ҳуқуқ ба таҳсилашонро бе маҳдудият амалӣ гардонанд.

Дар ин давра ҳамчунин, Ҳукумати Тоҷикистон ба мақсади таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил барои таъсиси мактаб-интернатҳо корҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Бояд тазаккур дод, ки ин иқдом амалисозии кафолати конституцсионӣ ба дастрасии ҳамаи шаҳрвандон ба раванди таҳсилро пурратар сохт. Зеро бо ташкили мактаб-интернатҳо тамоми кӯдакони бепарастор ва ятиммонда ҳам ба таҳсил фаро гирифта мешуданд ва дар баробари дигар қишрҳои ҷомеа ба таҳсили босифат дастрасӣ пайдо мекарданд.

ҲКИШ соли 1966 дар анҷумани ХХ тасмим гирифт, ки ҳамаи ин ҳолатҳоро ба назар гирифта, бо мақсади амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандони камбизоату бепарастор, барои ташкил кардани мактаб-интернатҳо заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварад[99].

Дар ин солҳо барои дар амал татбиқ намудани ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон ва ягонагии равиши таълиму тарбия, ба ҳаёт наздик намудани мактаб ва дар нақшаю барномаҳои мактабӣ инъикос намудани талаботи пешрафти илму техника муассисаҳои таълимӣ дар якҷоягӣ бо кормандони соҳаи маорифи халқ бобати таҳияи нақшаҳои нави таълимӣ ва барномаҳои мактабҳои таҳсилоти умумӣ корҳои зиёдеро анҷом дода, нақшаю барномаҳои нави таълимиро вобаста ба талаботи замон тартиб медоданд.

Омӯзгорон, ки яке аз механизмҳои инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ба шумор мераванд, бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда ҳанӯз ҳам дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ намерасиданд. Ҳамаи инро Ҳукумати Тоҷикистон ба инобат гирифта, соли таҳсили 1963 раванди омода кардани кадрҳои омӯзгориро барои мактабҳои таҳсилоти миёна дар донишкадаҳову омӯзишгоҳҳо, аз ҷумла Донишкадаи тадқиқотии илмҳои педагогии шаҳри Душанбе, Донишкадаи омӯзгории Кӯлоб, Донишкадаи такмили ихтисоси муаллимони шаҳри Ленинобод, омӯзишгоҳҳои Конибодом, Қӯрғонтеппа, омӯзишгоҳи омӯзгории Ҳисор вусъат дод.

[99] ХХ съезд Коммунистической партии Советского Союза. Т. 1, – С. 82-83.

Дар асоси қарорҳои анҷуман аз 10 ноябри соли 1966 Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шурои вазирони ИҶШС «Дар бораи тадбирҳои минбаъд беҳтар намудани кори мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ» қарор қабул намуд[100]. Мақсади асосӣ аз қабули ин қарор ба сатҳи баланди инкишоф расонидани амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил равона гардида буд. Ин қарор ба мустаҳкам намудани пояи моддӣ-техникии мактабҳо (сохтани мактабҳо, таъмин намудани асбобҳои таълимӣ, таҷҳизонидани кабинету лабораторияҳои мактабҳо бо асбобҳои зарурӣ) ки дар таъмини ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон нақши асосиро мебозид, равона гардида буд.

Дар ҷумҳурӣ дар асоси қарорҳои анҷумани XVII Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии ҶШС Тоҷикистон ва Шурои вазирон «Дар бораи ба охир расонидани гузариш ба таҳсилоти умумӣ дар Тоҷикистон» қарор қабул намуд, ки ин қарор дар инкишофи ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил ва рушду нумуи минбаъдаи таҳсилоти умумии миёна саҳми бузург гузошт[101].

Президиуми Шурои Олии ҷумҳурӣ бо мақсади муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва принсипҳои асосии он ҳамчунин ба хотири минбаъд таъмин инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар Тоҷикистон 27 декабри соли 1974 «Қонун дар бораи маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон»-ро қабул намуд. Дар қонун муқаррар шуда буд, ки ҳар як шаҳрванди ҶШС Тоҷикистон барои гирифтани таҳсилоти умумии ҳатмии ҳаштсола, таҳсилоти миёна, касбӣ-техникӣ, миёнаи махсус ва олӣ ҳуқуқ доранд, ки ин ҳуқуқ дар асоси алоқаи мактаб бо ҳаёт таъмин мешавад.

«Қонун дар бораи маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон» нахустин қонун дар таърихи инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Баъди чандин соли инкишофи қонунгузории соҳаи таҳсилот қабули ин қонуни ҷадид дар низоми қонунгузории Тоҷикистон қадами бузурге ба сӯи инкишофи ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил гардид.

---

[100] Абакумов А.А. Народное образование в СССР: общеобразовательная школа: Сборник документов 1917-1973 гг. – М.: Педагогика, 1974. – 560 с . – С. 56-67.

[101] Кораблев Ю. (отв. ред.). Образование Союза Советских Социалистических Республик: Сборник документов – М.: Наука, 1972. – С. 8.

Ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон то қабули ин қонун дар асоси қарорҳои Ҳизби Коммунистӣ ва барномаҳои давлатӣ ба танзим дароварда мешуд, ки тамоми паҳлуҳои онро ба танзим дароварда наметавонист. Қабули ин қонун бо назардошти талаботи рӯзафзуни замон меъёрҳои навро муқаррар намуда, ҳуқуқ ба таҳсилро ба шаҳрвандон кафолат дода, озодии таҳсилро муайян намуд. Ҳамчунин, ин қонун мақомоту муассисаҳои давлатиро барои таъмин намудани шароити мусоиди ҳуқуқию иқтисодӣ бобати амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил уҳдадор сохт. Дар баробари инҳо, қабули ин қонун дар роҳи решакан кардани ҳолатҳои монеъ шудан ба дастрасии шаҳрвандон ба ҳуқуқ ба таҳсил муассир буд.

Ҳамин тариқ, Конституцияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937 зиёда аз 40 сол амал намуда, дар миёни конституцияҳои дигари ҷумҳурӣ аз назари тули замонӣ бештар буд ва дар инкишофи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар ин давраи таърихӣ нақши муҳимро гузошт ва ба таври васеъ шаклҳои гуногуни таҳсилро дар қонуни алоҳида муқаррар намуд.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки бо ҳуҷуми Олмони фашистӣ ба хоки Шуравӣ оғоз шуд, мушкилиҳои зиёд дар ҳамаи умури зиндагии мардуми шӯравиро ба бор овард. Дар шароити рӯзҳои аввали ҷанг аксари биноҳои муассисаҳои таълимӣ ба шифохонаҳо ва марказҳои ҳарбӣ табдил дода шуданд. Табиист, ки ин ҳолат бар он оварда расонид, ки кори мактаб ва омӯзгорон мушкил гардида, хонандагон дар ду ё ҳатто се баст ба тадрис фаро гирифта мешуданд. Бисёр мактабҳо дар фаслҳои сармо аз сабаби набудани маводи сӯзишворӣ ба гармӣ таъмин карда намешуданд. Хонандагон аз набудани ашёи хониш ва китобҳои дарсӣ танқисӣ мекашиданд. Ҳатто дар солҳои 1942 ва 1943 ягон китоби дарсӣ ба нашр нарасид. Дар натиҷа дар давоми соли таҳсили 1941–1942 дар ҷумҳурӣ 15,5 ҳазор мактаббачагон тарки мактаб карданд ва 73 ҳазор бачагони синни мактабӣ аз ҳуқуқи дастрасӣ ба таҳсил маҳрум монданд. Шурои комиссарони халқии ҶШС Тоҷикистон барои пешгирӣ аз чунин вазъият 14 августи соли 1941 Қарор «Дар бораи тайёрии мактабҳо ба

соли нави таҳсил»-ро қабул намуд, ки дар он нақшаи мушаххаси тайёрӣ ба соли нави таҳсил тарҳрезӣ шуда буд[102].

Шурои Комиссариати халқии ҶШС Тоҷикистон 8 ноябри соли 1941 бо мақсади танзими фаъолияти соҳаи маориф дар шароити солҳои ҷанг Қарор «Дар бораи миқдори хонандагон дар мактабҳо ва ба тартиб даровардани шабакаи мактабҳо»-ро қабул намуд. Дар ин санад тартиби кушодани мактабҳо, синфхонаҳои нав ва миқдори хонандагон дар синфхонаҳои мактабҳои деҳот пешбинӣ шуда буд[103].

Ба хотири ин ки дар солҳои ҷанг бисёре аз наврасони синфҳои болоӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои олӣ дар истеҳсолот кор мекарданд, 15 июли соли 1943 Шурои Комиссариати халқи ИҶШС «Дар бораи таълими ҷавононе, ки дар муассисаҳо кор мекунанд» қарор қабул кард. Қарор ҳамаи Шурои Комиссариати халқи ҷумҳуриҳо ва шуроҳои маҳаллии иттифоқро вазифадор намуд, ки шуруъ аз 1 октябри соли 1943 дар шаҳрҳо ва маҳалҳои коргарии кишвар мактабҳои махсусгардонидашуда барои чунин муҳассилинро ташкил намоянд. Қарор комиссариатҳои маорифи халқи ҷумҳуриҳои иттифоқро вазифадор намуд, ки роҳбарии ин мактабҳоро дуруст ташкил карда, онҳоро бо муаллимон, китобҳои дарсӣ, адабиёти методӣ ва дигар ашёи хониш таъмин намоянд. Муассисаҳо якҷоя бо мақомоти маориф бояд тамоми шароитро барои таҳсили коргарҷавонон фароҳам меоварданд. Барои нигоҳ доштани мактабҳои шабона дар буҷет маблағ ҷудо гардид. Бо вуҷуди ин ки аз 15 мактаби пешбинишуда фақат 11-тои он кушода шуд, вале аз сабаби мушкилоти кору таҳсил аксарияти ҷавонон ба ин шароит тоқат накарда, тарки таҳсил намуданд. Дар натиҷа шумораи чунин мактабҳо дар соли таҳсили 1944-1945 ба 9-то ва шумораи хонандагон ба 424 нафар расид[104].

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ масъалаи маҳви бесаводӣ ва чаласаводӣ дар маркази диққати кормандони ҳизбию шуравӣ ва маориф қарор дошт. Ба

---

[102] Маориф дар солҳои Ҷанги бузурги Ватанӣ ва баъд аз он (1941-1958) [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://maorif.tj/tarih/maorif-dar-soloi-angi-buzurgi-vatan-va-bad-az-on-1941-1958 (санаи муроҷиат: 18.11.2022).
[103] Ҳамон ҷо.
[104] Маориф дар солҳои Ҷанги бузурги Ватанӣ ва баъд аз он (1941-1958) [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://maorif.tj/tarih/maorif-dar-soloi-angi-buzurgi-vatan-va-bad-az-on-1941-1958 (санаи муроҷиат: 18.11.2022).

мақсади бартараф намудани бесаводӣ дар байни калонсолону ҷавонон Шурои Комиссариати халқи ҷумҳурӣ 14 феврали соли 1941 «Дар бораи тамоман барҳам додани бесаводӣ дар ҶШС Тоҷикистон» қарор қабул намуд. Мувофиқи қарор то соли 1942-1943 бесаводӣ (дар ноҳияҳои кӯҳӣ) дар ҳамаи ноҳияҳои Тоҷикистон тамоман барҳам дода мешуд. Бо вуҷуди ин ки ин иқдом бесаводиро ба таври комил маҳв накард, вале миқдори мактабҳои маҳви бесаводӣ ва шунавандагон зиёд гардида, соли 1943 дар онҳо 36900 кас савод меомӯхтанд[105].

Тобистони соли 1944 ҳукумати марказӣ дар бораи ташкил кардани мактабҳои коргарҷавонони деҳот қарор қабул намуда, низомномаи онро тасдиқ намуд. Мувофиқи ин қарор Шурои Комиссариати халқи ҶШС Тоҷикистон қарор намуд, ки то 1 ноябри соли 1944 аз қабили чунин мактабҳо бояд 182-то сохта шуда, ҳар кадоми он 50 нафарро дар бар мегирифт. Дар натиҷа соли таҳсили 1944-1945 дар ҷумҳурӣ 170 мактаби коргарҷавонон ташкил карда шуд, ки дар онҳо 4,6 ҳазор хонандагон таҳсил мекарданд[106].

Солҳои 50-ум ва 60-ум низоми қонунгузории ҷумҳурӣ такмил дода шуда, таҳия ва қабули кодексҳои нав аз қабили кодекси ҷиноятӣ, граждани ва ғ. ба назар мерасиданд, ки ин ислоҳот баҳри ба низом даровардани меъёрҳои ҳуқуқӣ имконият дода, ҳолатҳои монеъшавӣ барои амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро аз байн бурд.

А.М. Диноршоев бар ин ақида аст, ки интиҳои солҳои 50-ум ва аввали солҳои 70-ум дар ИҶШС давраи инкишофи фаъоли ҳуқуқи инсон маҳсуб мешавад, чунки Иттиҳоди Шуравӣ иштирокчии бевосита ва фаъол дар таҳия намудани Пактҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд буд ва дар нимаи дуюми солҳои 60-ум ба онҳо имзо гузошт[107]. Дар ин ҷо мо метавонем, моддаи 26-уми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва ҳамчунин моддаи 13-уми Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқхои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро мисол оварем,

---

[105] Маориф дар солҳои Ҷанги бузурги Ватанӣ ва баъд аз он (1941-1958) [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://maorif.tj/tarih/maorif-dar-soloi-angi-buzurgi-vatan-va-bad-az-on-1941-1958 (санаи мурочиат: 18.11.2022).

[106] Маориф дар солҳои Ҷанги бузурги Ватанӣ ва баъд аз он (1941-1958) [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://maorif.tj/tarih/maorif-dar-soloi-angi-buzurgi-vatan-va-bad-az-on-1941-1958 (санаи мурочиат: 18.11.2022).

[107] Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. Формирование идей прав человека в Таджикистане: история и современность: Монография. – Волгоград: Волгоградский филиал Российской академии народного хозяйства и государственной службы при президенте Российской Федерации, 2014. – С. 126.

ки кафолати ҳуқуқ ба таҳсилро дар сатҳи олӣ муқаррар намуда, бобати амалисозии он давлатҳои аъзоро уҳдадор мекард, ки шароити мусоиди ҳуқуқию иқтисодӣ дар робита ба дастрасии шаҳрвандон ба ҳуқуқ ба таҳсилро фароҳам оваранд. Қабули ин санадҳо дарвоқеъ аз омилҳои инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар ин давра маҳсуб мешаванд.

А.И. Имомов қайд менамояд, ки маҳз дар асоси таъсири ин санадҳои байналмилалӣ ба масъалаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар Конституцияи ИҶШС соли 1977 ва Конституцияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 меъёрҳои наве илова шуданд, ки ҳуқуқҳои фарҳангии инсон, аз ҷумла ҳуқуқи инсон ба таҳсилро танзим менамуданд[108].

Дар аввали солҳои 70-ум дар Иттиҳоди Шуравӣ дигаргуниҳои ҷиддии сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ ба вуҷуд омаданд, ки мувофиқи талаботи ҳамонвақта ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конституцияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1937-ро талаб менамуданд. Ҳамин тавр ҶШС Тоҷикистон 14 апрели соли 1978 дар Иҷлосияи ҳаштуми ғайринавбатии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, даъвати нуҳум Конституцияи навро вобаста бо назардошти талаботҳои замон қабул намуд, ки аз 10 фасл, 19 боб ва 174 модда иборат буд[109].

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, дар асоси таъсири Паймонҳои байналмилалӣ ба Конституцияи ҶШС Тоҷикистон 14 апрели соли 1978 дар боби шашум «Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон» ва дар моддаи 43-и Конституцияи мазкур ҳуқуқи инсон ба таҳсил мустаҳкам гардида, мавқеи конституциониро касб кард[110].

Мувофиқи Конституцияи нави ҶШС Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1978 таҳсили ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ ҳатмӣ гашт ва ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дошт таҳсили ибтидоии ройгон ва миёнаи умумии ройгон гирад. Ҳамчунин, ин сандаи ҳуқуқӣ кафолати ҳуқуқ ба таҳсили олиро низ муқаррар намуда буд.

---

[108] Имомов А.И. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. – Душанбе, 2003. – С. 90.

[109] Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики от 14 апреля 1978 г. // Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917-1994) / сост. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2014. – С. 601-639.

[110] Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики от 14 апреля 1978 г. // Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917-1994) / Сост. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 2014. – С. 601-639.

Яке аз хусусиятҳои асосии ин Конституцсия дар он буд, ки он ба таҳсил ҳуқуқи баробар доштани шаҳрвандони дигар ҷумҳуриҳои иттифоқии дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон истиқоматдоштаро бо шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон муқаррар карда буд. Ҳамчунин, шаҳрвандони ҶШС Тоҷикистон ҳангоми таҳсил дар давлатҳои хориҷа аз тарафи давлати Шуравӣ муҳофизат ва дастгирӣ карда мешуданд.

Дар ин давра барои боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи донишҷӯён ва инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил қарорҳои дахлдор доир ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул гардид. Масалан, бо мақсади дар оянда таъмин намудани мамлакат бо мутахассисони соҳибтаҷриба ва баландихтисос Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шурои вазирони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ 18 июли соли 1972 «Дар бораи чораҳои минбаъдаи баланд бардоштани таҳсилоти олӣ дар мамлакат» қарор қабул намуданд. Ин қарор ҳамаи кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро, ки омили асосии таъмин намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳисоб мерафтанд, вазифадор намуд, ки ҷиҳати тайёрии назариявиву касбии мутахассисони оянда диққати махсус диҳанд.

Ҳамчунин, қабули Конституцсияи ҶШС Тоҷикистон дар соли 1978 ҳокимияти онвақта ва анҷумани XIX Ҳизби коммунистии Тоҷикистонро соли 1981 водор сохт, ки ба масъалаи таъмини шароитҳои моддию техникӣ барои рушди ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар ҷумҳурӣ диққати махсус диҳад. Дар давраи солҳои 1981-1983 дар ҷумҳурӣ 75,4 ҳазор ҷой барои хонандагон ба истифода дода шуд. Соли 1983 дар ҷумҳурӣ 3079 мактаби таҳсилоти умумӣ вуҷуд дошт, ки дар онҳо 1149,5 ҳазор нафар хонанда таҳсил мекард. Барои дар амал татбиқ намудани ягонагии раванди таълиму тарбия ба Академияи фанҳои педагогии ИҶШС супориш дода шуд, ки нақшаю барномаҳои нави таълимӣ таҳия намояд[111].

Дар натиҷа нақшаю барномаҳои нав таҳия гардиданд ва мувофиқи онҳо муҳлати таҳсил дар мактаби ибтидоӣ чор сол муайян гардид. Талаботи мамлакат ба мутахассисон ва коргарони ихтисоснок пурра қонеъ шуда, барои қабул

[111] Масов Р., Пирумшоев Ҳ. Файзи Истиқлол дар «Боми ҷаҳон». – Душанбе: Дониш, 2011. – С. 75-85.

гардидани хонандагон аз синни шашсолагӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ замина муҳайё гардад.

Вазъи амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро Кумитаи марказии ҲКИШ ба инобат гирифта, барои ҳалли масъалаҳои мушкилу ҳалталаби онвақта, ки ба инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил монеа эҷод мекарданд (таъмини заминаҳои моддию техникӣ ва ғ.), гузаронидани ислоҳотро дар соҳаи такмилёбии таҳсилоти миёнаи умумии ҷавонон лозим ва ҳатмӣ донист.

Бо ин мақсад Кумитаи марказии ҲКИШ моҳи январи соли 1984 лоиҳаи ислоҳот «Дар бораи дурнамои такмилёбии таҳсилоти миёнаи умумии ҷавонон ва беҳтар гардонидани шароити кори мактабҳои миёна»-ро қабул намуд[112].

Мувофиқи ислоҳот бояд кори таълиму тарбия дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба зинаи сифатан нав бардошта мешуд. Самтҳои асосии ислоҳот аз 8 қисми алоҳида иборат буд ва ҳар яке дар бораи дар сатҳи баланд инкишоф додани ҳуқуқи инсон ба таҳсил равона гардида буд.

Мувофиқи он дар мамлакат чунин низоми таҳсилот муайян гардид:

Таҳсили ибтидоӣ – синфҳои I-IV; таҳсили нопурра – синфҳои V-IX; таҳсили умумии миёна – синфҳои X-XI ва таҳсили касбӣ[113].

Дар асоси тартиби нав муҳлати таҳсил дар мактабҳои таҳсилоти умумии миёна 2 сол муқаррар шуд. Қабули бачагон ба мактаб аз синни 6-солагӣ муайян гардид ва кӯдакон ҳуқуқ пайдо намуданд, ки дар синни шашсолагӣ таҳсили ибтидоиро оғоз намоянд. Ва ин тартибот бори аввал дар соли таҳсили 1986-1987 мавриди иҷро қарор гирифт. Муддати таҳсили хонандагон дар мактаби ибтидоӣ аз се сол ба чор сол табдил дода шуд. Моҳияти қисмати сеюм ва чоруми ислоҳотро баланд бардоштани сифати равиши таълиму тарбия дар мактаб ва таъмин намудани шароити мусоид барои амалисозии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил ва қимати панҷуми ислоҳот бошад, баланд бардоштани таълиму тарбияи ҷамъиятию оилавии кӯдакон ва наврасонро, ки дар марҳилаи нави тараққиёти ҷамъият қарор доранд, ифода менамояд. Нақши омӯзгор дар ҷамъият ҳамчун омили асосии

[112] Акилов Н.И. Низоми нави таҳсилот: заминаҳои педогӣ ва иқтисодӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 6.
[113] Акилов Н.И. Низоми нави таҳсилот: заминаҳои педагогӣ ва иқтисодӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 9-10.

инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва баланд бардоштани сифати роҳбарӣ ба кори таҳсилот дар қисматҳои шашум ва ҳафтуми ислоҳоти мазкур дарҷ гардидааст.

Ҳамин тариқ, самтҳои асосии ин ислоҳоти гузаронидашуда ба ҷавонон имконият медод, ки баъди хатми синфи 9 таҳсилоти худро дар мактаби миёнаи пурра ва ё омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ давом диҳанд.

Барои боз ҳам беҳтар амалӣ гардидани ҳуқуқ ба таҳсили халқи ҶШС Тоҷикистон пленуми мартии соли 1988-и Ҳизби коммунистӣ нақши бузург бозид. Ин пленум масъалаи тартиб додани консепсияи мактаби миллӣ, аз нав сохтани нақшаю барномаҳои таълим, тартиб додани китобу дастурҳои нав, ки воситаҳои асосии таълим ба шумор мераванд ва ба таври куллӣ тағйир додани таълиму тарбияро дар ҷумҳурӣ ба миён гузошт.

Хулоса, ҳуқуқи инсон ба таҳсил аввалин маротиба дар қонунгузории ҶШС Тоҷикистон сатҳи конституцсиониро ба худ касб карда, бори аввал дар таърихи тоҷикон Конституцсия ба шаҳрвандон ҳуқуқ ба таҳсилро дар шаклҳои гуногуни амалишавӣ кафолат додааст.

Вобаста ба талаботи замон мунтазам тағйир ёфтани низоми таҳсилот аз соли 1929 то соли 1990 аз он шаҳодат медиҳад, ки бо мақсади инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ислоҳотҳои зарурӣ гузаронида шуда, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор қабул гардидаанд.

Амалисозии ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон ба вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат вобастагӣ дошт. Масалан, дар аввали муқаррар кардани кафолати ҳуқуқ ба таҳсил ва тартиб додани низоми муайяни таҳсилот шаҳрвандон аз ҷиҳати молию иқтисодӣ ва сабабҳои техникӣ барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсилашон танқисӣ мекашиданд. Чунончи, соли 1962 аз сабаби зиёд будани хонандагон дар мактабҳо ҳолатҳое ба вуҷуд омад, ки то ба сохтани мактабҳои нав давлат таҳсил дар се бастро иҷоза медиҳад.

Тавре дар қисматҳои болоӣ мушоҳида кардем, дар баробари конституцсияҳои қабулнамудаи Тоҷикистон сарчашмаҳои дигари инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар қонунгузории Тоҷикистон дар давраи Шуравӣ низ қабул мешуданд, ки

дар инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба он нақши ҳалкунандаро бозидаанд.

Қабули қонунҳо ва қарорҳо бо мақсади амалисозии таълими умумии ҳатмии ибтидоӣ, миёна ва таълими умумии ҳатмӣ аз тарафи Кумитаи марказии умумиттифоқии Ҳизби коммунистии ҲШС Тоҷикистон 25 июли соли 1930 «Дар бораи таълими умумии ҳатмии ибтидоӣ» ва январи соли 1931 «Дар бораи рафти кори таълим ва ҷорӣ кардани таълими умумии ҳатмӣ», бо мақсади аз байн бурдани монеаҳо барои амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил қабули қарор аз тарафи Шурои Комиссариати халқи Тоҷикистон аз 2 декабри соли 1935 «Дар бораи мубориза бар зидди вайронкунандагони таҳсилоти умумӣ», қабули қонуни Шурои Олии ИҲШС «Дар бораи мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва дар бораи минбаъд инкишоф додани низоми маорифи халқ дар ИҲШС» аз 24 декабри соли 1958, аз тарафи Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шурои вазирони ИҲШС қабул гардидани қарор «Дар бораи тағйир додани муҳлати таҳсил дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумии политехникию меҳнатии таълими истеҳсолӣ» дар моҳи августи соли 1964, қабули қарор «Дар бораи тадбирҳои минбаъд беҳтар намудани кори мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ» аз 10 ноябри соли 1966 аз ҷониби Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шурои вазирони ИҲШС, қабули қонун «Дар бораи маорифи халқи ҲШС Тоҷикистон» аз тарафи Президиуми Шурои Олии ҷумҳурӣ барои минбаъд тараққӣ додани таҳсилоти умумии миёна дар деҳоту ноҳияҳои Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1974, қабули қарор «Дар бораи чораҳои минбаъдаи баланд бардоштани таҳсилоти олӣ дар мамлакат» аз тарафи Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шурои вазирони ИҲШС 18 июли соли 1972, ҳамчунин, қабули қарор аз тарафи Пленуми апрелии Кумитаи марказии ҲКИШ соли 1984 «Дар бораи самтҳои асосии ислоҳоти мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ» аз он шаҳодат медиҳанд, ки инкишофи қонунгузорӣ дар давраи Шуравӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар сатҳи олӣ ташаккул ёфтааст.

Ин низоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зикргардида сарчашмаҳое ба ҳисоб мераванд, ки қариб дар давоми шаст соли Тоҷикистон дар ҳайати ИҲШС барои танзими ҳуқуқи инсон ба таҳсил қабул гардидаанд.

1.4. Инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи он дар даврони Истиқлолият

Дар ҷомеаи мутамаддин ва рушдёфта низоми мактабу маориф, илму фарҳанг нақши калидӣ ва созандаро касб менамояд. Аз рушди соҳаи маориф, таълиму тарбия дараҷаи неруи зеҳнию ақлонии ҳар як кишвар вобастагӣ дорад ва маҳз мактабу маориф, мутахассисони баландихтисос метавонанд рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангии мамлакатро таъмин намояд. Аз вазъи мактабу маориф, донишу саводи мардум на танҳо ташаккули мутахассисони аз лиҳози сиёсӣ босавод, худшиносу худогоҳ, балки сарнавишти сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, ояндаи он вобастагии калон дорад.

Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо кормандони соҳаи маориф, ки 22 декабри соли 2005 баргузор гашта буд, чунин изҳор намуда буданд: «Маориф омили муҳимтарини ҳастии давлат ва наҷоти миллат аст. Мо соҳаи маорифро самти асосӣ ва стратегии сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон эълон намудем».

Дар Паёмҳои ҳарсолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи мактабу маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, рушди он дар меҳвари сиёсати иҷтимоӣ ва фарҳангии Президенти кишвар қарор дорад. Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22 декабри соли 2022 чунин таъкид гардидааст, ки ояндаи мамлакат аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад.

Дар даврони Истиқлол ба шарофати ислоҳоти соҳаҳои гуногун, аз ҷумла соҳаи мактабу маориф дастовардҳои шоён ба назар мерасад. Агар ба ислоҳоти соҳаи мактабу маориф аз нигоҳи таҳқиқ ва таҳлил назар андозем, се марҳилаи амалӣ намудани сиёсати давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар соҳаи мактабу маориф мушоҳида намудан мумкин аст: марҳилаҳои ибтидоӣ, зиддибуҳронӣ ва стратегӣ.

Марҳилаи якум солҳои 1991-1997-ро дар бар гирифта, Тоҷикистон дар оғози ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ гардид,

ки он ба муқовимати шадиди сиёсӣ, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва бухрони сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва фарҳангии кишвар вобаста буд. Дар марҳилаи ибтидоӣ дар соҳаи мактабу маориф чунин падидаҳои бухронӣ, танқисии молиявии муассисаҳои таълимӣ, ба маротиб поён рафтани сатҳи маблағгузории давлатии соҳаи маориф, кам гардидани маоши омӯзгорон, соҳаи маорифро тарк намудани қисме аз омӯзгорон, муҳоҷирати меҳнатиро интихоб намудан ва ба ё соҳаи тиҷорат гузаштани онҳо, фарсудаву хароб гаштани биноҳои таълимӣ ва ғайра хос аст. Хусусан бар асари ҷанги шаҳрвандӣ дар минтақаҳои ҷангзадаи Тоҷикистон бисёр иншоотҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва фарҳангӣ харобу нобуд гаштанд. Аз рӯйи маълумоти Хазинаи асъори байналхалқӣ ва Бонки умумиҷаҳонӣ солҳои ҷанги шаҳрвандӣ қариб 20 фоизи мактабҳои ҷумҳурӣ харобу валангор гаштанд, беш аз 130 бинои мактабӣ ба таъмири ҷорӣ, таъмини асбобу ашёи таълимӣ, дастуру китобҳои дарсӣ, васоити моддӣ-техникии таълимӣ ниёз доштанд. Зарурияти сохтмони мактабҳои нав бо 20 ҳазор ҷойи нишаст бар ивази биноҳои харобу вайронгашта ба миён омад.

Марҳилаи дуюми ислоҳот солҳои 1997–2004-ро дар бар гирифта, давраи мазкур хусусияти зиддибухронӣ дошт ва соҳаи маорифи кишвар тадриҷан аз ҳолати бухронӣ раҳоӣ меёбад. Дар ин давра дар ҷумҳурӣ бо мақсади рушди соҳа ва ислоҳоти он, баланд бардоштани дараҷаи таҳсилот, беҳтар намудани вазъи моддии омӯзгорон, баланд бардоштани тахассусмандии кадрҳои омӯзгорӣ, тарбия ва тайёр кардани мутахассисони ҷавон ва дастгирии моддӣ ва маънавии онҳо, беҳдошти вазъи муассисаҳои таълимӣ, таҳия ва амалӣ намудани барномаву консепсияҳо ва стандартҳои давлатӣ амалӣ гаштанд.

Танҳо тули солҳои 2002–2006 ҳукумати мамлакат наздик ба 10 Барномаи давлатӣ, 5 Нақшаи миллӣ ва даҳҳо қарорҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намуд, ки онҳо ба мақсади рушди соҳаи мактабу маориф, таҳаввулот ва тағйироти сифатии тамоми зинаҳои таҳсилот, таъмин намудани соҳа бо кадрҳои баландихтисос, таҳкими пояи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ, ҳалли масъалаҳои гендерӣ ва ғайра равона гардида буданд.

Марҳилаи сеюми ислоҳот, ки давраи стратегӣ ба ҳисоб меравад, аз соли 2004 оғоз гардида, то имрӯз идома дорад. Дар ин давра Қонуни Ҷмуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мориф» (солҳои 2004, 2013, 2016, 2017, 2018, 2020) дар таҳрири нав қабул гардида, тағйиру иловаҳо ворид шуда, раванди ислоҳот ва таҳаввулот (модернизатсия)-и соҳаи маориф идома дода шуданд. Дар ҷумҳурӣ марҳила ба марҳила низоми нави маблағгузории соҳаи маориф, пардохти маош, баҳодиҳии сифати таҳсилот, рушди инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунии соҳа, бунёди базаи моддиву техникаи замонавӣ, дастгирии истеъдодҳо, дар мактаби олӣ ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсилот, таҷдиди низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ва ғайра амалӣ гаштанд. Соҳаи таҳсилоти ҷумҳурӣ ба фазои нави таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид гашта истодааст.

Э.С. Насурдинов чунин ибрози андеша менамояд, ки «дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар ҶТ ҳуқуқ ба таҳсил воситаи асосии ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ гардида, аҳаммияти он дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ, тағйир ёфтани самтҳои ташаккули ҷомеа, инкишофи фарҳанги ҳуқуқӣ дар доираи фаҳмишҳои нави ҳуқуқӣ бо ба даст овардани донишҳои касбӣ, амалисозии арзиши иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ нақши муҳимро дорад»[114].

Муқарароти моддаи 5-уми Конституцсия муайян кардааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд ва ҳамчунин ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Аз ин рӯ, аз тарафи давлат эътироф намудани ҷудонопазирӣ арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон заминаи он мешавад, ки мо барои эъмори давлати ҳуқуқбунёд қадам гузорем. Ҳамчунон ки Э.С. Насурдинов қайд менамояд, «ҳуқуқҳои ҷудонопазир ва дахлнопазири инсон хусусияти ҷудонашавандаи давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Эътирофи

[114] Насурдинов Э.С. Правовое воспитание и образование как факторы формирования правовой культуре в Республике Таджиикистан: монография. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 6.

арзиши иҷимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ҷудонопазири ӯ ҳамчун асос барои эъмори давлати ҳуқуқбунёд хизмат мекунад»[115].

Конституцияи ҶТ аз соли 1994 ҳуқуқи инсон ба таҳсилро низ яке аз ҳуқуқҳои арзиши олидошта эътироф карда, нақши онро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон нисбат ба Конституцияҳои пештара баланд бардошт. Конституция дар моддаи алоҳида ҳуқуқ ба таҳсилро пурра кафолат дода, шаклҳои таҳсилро низ муайян менамояд. Амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро давлат ба шаҳрвандони ҶТ, новобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ кафолат медиҳад.

Дар моддаи 41-уми Конституцияи ҶТ мафҳуми ҳуқуқи инсон ба таҳсил ба таври зайл оварда шудааст: «Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлати кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррар намудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад. Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад»[116].

Ин меъёри конституционӣ асоси рушд ва инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар ҶТ гардид. Дар мувофиқа бо ин меъёр санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида дар самти маориф таҳия ва қабул шудаанд, ки паҳлуҳои алоҳидаи раванди таълиму тарбия дар ҷумҳуриро ба низом медароранд ва барои таъмин ва амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил шароити мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам меоваранд. Мо ба андешаи муҳаққиқ Г.К. Исҳоқова розӣ ҳастем, ки номбурда қайд менамояд, ки таъмин намудани шароити мусоид барои амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифаи асосии сиёсати давлатӣ дар самти маориф аст[117].

Дар давраи соҳибистиқлолии ҶТ дар соҳаи маориф муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд, ки онҳо дар Конституцияи ҶТ, қонунҳои амалкунанда ва

---

[115] Насурдинов, Э. С. Правовая культура: монография.Отв. ред. Ф. Т. Тахиров. – Москва: Норма: ИНФРА-М, 2016. – С.175-176.

[116]Тафсири илмию оммавии Конституцияи (Сарқонуни) ҶТ (06.11.1994) / Зери таҳрири Раиси Суди конституционии ҶТ, академики Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М. Маҳмудзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – С. 227.

[117] Искакова Г.К. Политология прав человека. Учебное пособие. Изд. 2-е. – Семипалатинск: Семипалатинский государственный педагогический институт, 2006. – С. 112.

дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Сарфи назар аз мураккабиҳо ва мушкилоти замони гузариш Ҳукумати ҶТ соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятноки кишвар зери назар ва пуштибонии худ қарор дод. Дар ин муддат барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 400 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд. Дар ин давра бори сеюм аст, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» бо тағйироту иловаҳо аз нав таҳия мешавад. Дар баробари ин, барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ таҳия гардидаанд.

Қонунгузории ҶТ доираи қонунҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки фаъолиятро дар соҳаи маориф танзим менамояд: қонунҳои ҶТ «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», «Дар бораи Парки технологӣ». Баъзе аз онҳо солҳои охир аз нав баррасӣ гардидаанд ва ё дар таҳрири нав қабул гардидаанд. Илова ба қонунҳои номбурда, ки фаъолияти соҳаи маорифи Тоҷикистонро танзим мекунанд, қонунҳои дигаре низ амал мекунанд, ки ба раванди таҳсилот таъсир мерасонанд.

Бо мурури замон низомҳои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсили шуравӣ, ки дар гузашта роҳҳои танзими худро намеёфтанд ва баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқ ба таҳсил кафолати расмӣ низ надоштанд ва ҳамчунин, дигар омилҳое, ки дар замони шуравӣ барои амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил монеаҳо ба вуҷуд меоварданд, дар даврони Истиқлол бартараф карда шуда, шаклҳои нави амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ҷорӣ гардида, низоми бо қонунҳои алоҳида мукаммал гардонидашудаи ҳуқуқ ба таҳсил дар кишварамон пайдо гардид. Масалан, бо мақсади таъмини

ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ давлат навъҳои зерини таълимро ба шаҳрвандон кафолат медиҳад, ки дар шаклҳои гуногун амалӣ карда мешавад[118]:

1. Таълиму тарбияи томактабӣ;
2. Ҳуқуқ ба таҳсили умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ);
3. Ҳуқуқ ба таҳсили ибтидоии касбӣ;
4. Ҳуқуқ ба таҳсили миёнаи касбӣ;
5. Ҳуқуқ ба таҳсили олии касбӣ;
6. Ҳуқуқ ба таҳсили касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
7. Ҳуқуқ ба таҳсили иловагӣ;
8. Ҳуқуқ ба таҳсили махсус;
9. Таҳсилоти калонсолон.

Ҳамчунин, ҳар як низоми муқаррарнамудаи таҳсилот, ки дар боло зикр намудем, бо санадҳои дахлдор ба танзим дароварда мешавад. Аз ҷумла Қонуни нави ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» аз 28 декабри соли 2013, Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» аз аз 22 апрели соли 2003, Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» аз 8 августи соли 2015, Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16 апрели соли 2012 қабул гардидаанд, ки ин аз танзими пурраи меъёрии ҳуқуқии ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва кафолати амалисозии он шаҳодат медиҳад.

Таълиму тарбияи томактабӣ дар ҶТ бо мақсади инкишофи қобилият, шавқу рағбат, хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ ва ёрии амалӣ ба падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин омода намудани онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда шуда, заминаи асосӣ барои инкишофи давраи аввали ба даст даровардани қобилияти зеҳнӣ ва мафкураи кӯдакон ба ҳисоб меравад. Муносибатҳои ҷамъиятии бо ин мазмун алоқамандро

[118] Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф». аз 22 июли соли 2013 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: // http://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» аз 28 декабри соли 2013 ба танзим медарорад[119].

Зинаи аввали таҳсилотро таҳсилоти томактабии наврасон ташкил медиҳад. Таҳсилоти томактабӣ ба пешниҳод намудани хизматрасонӣ барои рушди кӯдак равона шуда, барои Ҳукумати ҶТ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Дар ҶТ таҳсилоти томактабӣ кӯдакони то 7-соларо дар бар мегирад. 87% хизматрасониҳои таҳсилоти томактабӣ дар ҶТ аз ҷониби муассисаҳои таълимии давлатӣ пешниҳод мешаванд. Айни замон дар кишвар муассисаҳои таълимии томактабии хусусӣ низ фаъолият доранд, ки хизматрасониҳои пулакӣ пешниҳод мекунанд. Тибқи маълумоти Низоми иттилоотии идоракунии маориф 67% кӯдакони бо таҳсилоти томактабӣ фаро гирифташуда дар кӯдакистонҳои рӯзона, 32% дар марказҳои инкишофи кӯдакон ва 1% дар муассисаҳои таълимии статсионарӣ фаро гирифта шудаанд[120].

Синни томактабӣ – марҳилаи ташаккулёбии ҷисмонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии кӯдак то расидан ба ҳафтсолагӣ буда, кӯдакони синни томактабӣ дар ду марҳила ба таҳсил фаро гирифта мешаванд: марҳили аввал, ки то 4-5 солагӣ ва марҳилаи дувум, ки то 7 солагиро дар бар мегирад.

Агар дар марҳилаи аввал кӯдакон асосан ба тарбия фаро гирифта шаванд, дар марҳилаи дувум чун қоида таълими донишҳои аввалия, ба монанди хониш, ҳисоб ва ғ. ба роҳ монда мешаванд. Аммо аз сабаби ҳатмӣ набудани таҳсилоти томактабӣ ҳанӯз аз оғози таҳсилоти ибтидоӣ дар мактаб кӯдаконе, ки таҳсилоти томактабии давраи дувум фаро гирифта нашудаанд, аллакай аз ҳамсолони худ қафо монда, аз ин сабаб ба душвориҳои маънавӣ ахлоқӣ ва фишорҳои равонӣ дучор мешаванд.

Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки барои рафъи ин ҳолат дар танзими ҳуқуқии таҳсилоти кӯдакони синни томактабӣ ба моддаи 41-и

---

[119] Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ». [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: // http://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[120] Маориф дар ҶТ / Маҷмуаи омори // Агентии омори назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://stat.tj/storage/pages/2021/образование.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

Конституцсияи ҶТ бо мазмуни зерин: «Тарбияи томактабии кӯдакони синни томактабӣ ҳатмӣ аст» илова дохил карда шавад.

Таҳсилоти умумӣ воқеан ҳам умумӣ буда, ба он амалан ҳамаи кӯдакону наврасон ҷалб карда шуда, тавассути муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар се зина:

– ибтидоӣ (синфҳои 1-4);

– умумии асосӣ (синфҳои 5-9);

– миёнаи умумӣ (синфҳои 10-11) амалӣ мегардад.

Дар ҶТ кӯдакон ба таҳсили ибтидоӣ аз синни 7-солагӣ оғоз менамоянд. Хусусияти хоси таҳсилоти ибтидоӣ аз он иборат аст, ки вай «ҳатмӣ» ва «барои ҳама ройгон» аст. Ҳатмӣ будани гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ ба ин маънӣ аст, ки давлат барои муҳайё сохтани шароит барои чунин таҳсил уҳдадор аст ва ҳеҷ кас наметавонад ба гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ монеъ шавад.

Ҳукумати ҶТ таҳсилоти ибтидоии касбиро ба сифати яке аз ҷузъҳои муҳимми соҳаи маориф ва низоми таҳсилот арзёбӣ менамояд, ки он иқтисодиёти миллиро ба мутахассисони соҳибкасб таъмин намуда, дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум саҳми арзанда мегузорад. Дар масъалаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ гуфтанием, ки ин низом дар раванди рӯ ба инкишоф қарор дорад, вале аз камбудию норасоиҳо низ орӣ нест. Ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки вазифаи онҳо таъмин намудани иқтисодиёти давлат бо кормандони баландихтисос мебошад, тахминан 4 фоизи хатмкунандагони мактабҳои асосӣ рост меоянду халос.[121] Ҳол он ки ин нишондиҳанда аз нишондиҳандаҳои байналмилалӣ ба таври назаррас қафо мемонад. Ба андешаи мо, мутобиқ набудани сифати таълим ба стандартҳои давлатӣ ва ба бозори меҳнат ҷавобгӯ набудани раванди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, самараи гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро коҳиш медиҳад.

Сабаби фарогирии пасти аҳолӣ бо таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, аз як

[121] Маориф дар ҶТ / Маҷмуаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://stat.tj/storage/pages/2021/образование.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

тараф, маҳдудияти заминаҳои моддию техникӣ бошад, аз тарафи дигар, маълумоти кофӣ надоштани ҷавонон дар бораи имкониятҳои зуд соҳиби касб шудан аст. Хатмкунандагони мактабҳо пурра дарк намекунанд, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодию иҷтимоии ҶТ соҳиби касб шудан ин кафолати фаъолияти бомуваффақияти меҳнатии онҳо хоҳад буд.

Ҳуқуқ ба таҳсили олии касбӣ дар ҶТ бо мақсади гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ва таъмини зарурати рушди босуръати сармояи инсонӣ, ҳамчун омили муҳимми комёб шудан ба рақобатпазирии кишвар, ба даст даровардани донишҳои кофии назариявӣ ва илмӣ-амалӣ ва баланд бардоштани обрӯю эътибори байналмилалии он равона карда мешавад. Шаҳрвандон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ баъди хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ қабул карда шуда, ба таври ройгон ва ё пулакӣ дар донишгоҳҳо, академияҳо, донишкадаҳо ва дигар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ба онҳо баробаркардашуда ҳуқуқи таҳсил намуданро доранд. Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернат ташкил карда мешавад, ки тартиби амалишавии онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад[122].

Барои рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таъмини ҳамгироии он дар фазои аврупоии таҳсилоти олӣ Ҳукумати ҶТ ҳоло нақшаи такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва моддию техникии соҳаи маорифро рӯйи даст гирифтааст. Аз соли 2007 Вазорати маориф ва илми ҶТ барои татбиқи баъзе ислоҳот, аз ҷумла ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти сезинагӣ, татбиқи Низоми аврупоии интиқол ва андӯхти кредит оғоз намудааст. Корҳои асосии марбут бо таҷдиди назар намудани низоми таҳсилоти олии касбӣ, махсусан, дар самти идоракунии низоми таҳсилоти олии касбӣ, таъмини сифат, таълим ва арзёбии дониши донишҷӯён бояд дар ҷараёни татбиқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли

[122] Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

2030 амалӣ шаванд[123]. Яке аз ислоҳоти бомуваффақона дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ дар моҳи декабри соли 2013 буд. Он имкон дод, ки сатҳи шаффофият ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ҷараёни имтиҳоноти ягонаи марказонидашуда ва қабул ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ баланд бардошта шавад. Лоиҳаи таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ, Федератсияи Россия ва Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дастгирӣ гардид. Ба салоҳияти Маркази миллии тестӣ идораи шаклҳои муътамад ва ҳақиқии арзёбии таълими донишҷӯён, аз ҷумла имтиҳоноти қабул ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, арзёбии ниҳоии зинаҳои гуногуни таҳсил ва арзёбиҳои миқёсан васеи миллӣ ва байналмилалӣ дохил мешавад.

Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дараҷаи таҳсилоти худро дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ инкишоф диҳанд. Муассисаи таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо мақсади тайёр кардани мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда мешавад. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии алоҳидае, ки дорои заминаи илмӣ ва моддию техникӣ мебошанд ва аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, метавонанд зинаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ – магистратура, интернатура, ординатура (резидентура), аспирантура, докторантура (доктори илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос) таъсис диҳанд ва вазифаи ходими илмиро ҷорӣ намоянд. Ҷараёни ба амал баровардани ин зинаи таҳсилот дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 ба танзим дароварда мешавад[124].

Таҳсилоти иловагӣ – ин низоми таълиму тарбия, мебошад ки дар асоси барномаҳои таълимии иловагӣ амалӣ шуда, ба омӯзиши илм, техника ва

---

[123] Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj//file/стратегияи-миллии-рушди-ҷумҳурии-тоҷикистон-барои-давраи-то-соли-2030pdf-2. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[124] Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

технологияи муосир, эҷодкорӣ, дарёфти ихтисоси нав, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, ки онҳоро шахс метавонад ҳангоми таҳсил дар мактаб, пас аз хатми мактаб ва баъди гирифтани диплом ба таври ройгон ё пулакӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ берун аз барномаҳои асосии таълимӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бе маҳдудият омӯзад, равона карда шудааст[125].

Аз ин нуқтаи назар маълум мегардад, ки таҳсилоти иловагӣ як қатор вазифаҳои таълимӣ ва иҷтимоиеро иҷро менамояд, ки мақсад аз он қонеъ гардонидани талаботи инфиродии оилаҳоро барои инкишофдиҳии қобилияти кӯдакон таъмин менамояд. Вобаста ба авзои сиёсии имрӯза барои ба ҳаёти ҷомеа ҷалб намудани кӯдакону наврасони ба гурӯҳҳои хавфнок мусоидат намуда, тавре ки таҳқиқотҳои сершумор шаҳодат медиҳанд, нишондиҳандаҳои таълимии мактаббачагонро бояд беҳтар сохт.

Таҳсилоти махсус ҳамчун қисми таркибии соҳаи маорифи ҶТ таҳсил ва офияти тиббию иҷтимоии кӯдаконеро таъмин менамояд, ки ба табобати тулонӣ эҳтиёҷ доранд, гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок аст.[126] Шахсони аз лиҳози ҷисмонӣ имконияташон маҳдуд ва кӯдакони маъюб қишри осебпазир ва эҳтиёҷманди ҷамъият мебошад, ки пайваста ба ғамхорӣ ва дастгириҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва техникӣ доранд. Барои кӯдаконе, ки гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ имкони таҳсил карданро надоранд, муассисаҳои махсуси таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳои махсус таъсис дода мешаванд. Муассисаҳои таълимии мазкур таълиму тарбия, табобат ва офияти тиббию иҷтимоии ин гуна кӯдаконро таъмин намуда, онҳоро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ омода месозанд. Таҳсилоти махсус дар асоси нақша ва барномаи махсус бо истифода аз технологияҳои муосири таълим вобаста ба муайян намудани дараҷаи тамоюли иллати ҷисмонӣ ё равонии кӯдакон ҷараён мегирад, ки ройгон мебошад.

---

[125] Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16 апрели соли 2012 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[126] Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф». аз 22 июли соли 2013 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: // http://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

Ба мақсади сари вақт ошкор кардани кӯдакони маълул, дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар машваратхонаҳои равонию тиббӣ ва педагогӣ амал мекунанд. Ҳукумати ҶТ баҳри таъмин намудани шароити мусоид оид ба таъмин намудани ҳуқуқ ба таҳсили шахсони гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ тамоми чораҳои заруриро андешида, пайваста дар пайи ғамхорӣ ва дастгирии онҳост. Ба ин мақсад соли 2011 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҶТ барои солҳои 2011-2015 қабул гардид.

Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки яке аз махсусиятҳои инкишофи таҳсилоти инклюзивӣ ин қабули санади меъёрӣ ҳуқуқӣ дар ин самт ҷиҳати муайян намудани раванд ва усуслҳои таълимгирии шахсони аз ҷиҳати ҷисмонӣ имконияташон маҳдуд ва кӯдакони маъюб буда, заминаҳои молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ низ аҳамияти калон дорад.[127]

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигаре, ки ҳосили даврони Истиқлол буда, дар инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ таъсиргузор будаанд, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, Кодекси ҷиноятии ҶТ (моддаҳои 164, 174), Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ва Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҶТ барои солҳои 2011-2015 ва ҳамчунин санадҳои байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд.

Вазорати маориф ва илми ҶТ дар танзими ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва фароҳам овардани шароит ҳамчун мақоми ваколатдор муваззаф гардонида шуда, барои рушд ва инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил барномаву стратегияҳо тартиб дода, қабул намудани санадҳои локалӣ ва пешниҳод намудани имтиёзҳо ва чораҳои ҳавасмандгардониро ба роҳ мемонад.

Масалан, вазири маориф ва илми ҶТ дар асоси моддаи 39-и Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» фармон «Дар бораи қоидаҳои гузаронидани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ аз гурӯҳҳои ғайриройгон ба гурӯҳи

[127] Симонян Р.З., Зеленова И.В. Особенности организации (интегрированного) инклюзивного обучения лиц с ограниченными возможностями здоровье и детей-инвалидов в образовательных организациях / Р.З. Симонян, И.В.Зеленова // Международный журнал экспериментального образования. – 2015. – № 12-5. – С. 623-625.

ройгон» аз 4 феврали соли 2010 №161-ро қабул намуд, ки дар худ талаботҳои махсусро муқаррар намудааст ва то андозае барои таҳсилкунандагон имконияти хубро ба вуҷуд меорад.

Ин тартибот бо назардошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва вазъи иқтисодии давлат қабул гардида, мақсад аз он гузаронидани донишҷуёни камбизоат ва аълохону фаъол аз гурӯҳҳои ғайриройгони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ ба гурӯҳҳои ройгон мебошад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011 яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки уҳдадории падару модарро дар таъмини таҳсилоти ҳатмии фарзандон муайян намуда, дар амалисозӣ ва инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил нақши басо муҳимро дорад. Мақсади Қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиромӣ арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд, фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ барои амали гардонидани ҳуқуқ ба таҳсили фарзандон равона гардидааст. Қонуни мазкур муқаррар намудааст, ки падару модар уҳдадоранд ба фарзанди то 6-сола барои гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ шароит фароҳам оваранд ва ба таълим фаро гирифтани фарзандро таъмин намояд ва ба таҳсили ӯ дар муассисаҳои таълимӣ монеъ нашаванд.[128]

Ба ин нигоҳ накарда, таҳлили сабабу шароитҳои поймолшавии ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон нишон медиҳад, ки аксар вақт қонунвайронкуниҳо дар натиҷаи уҳдадориҳои худро ба таври лозима иҷро накардани падару модарон, омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро ба танзим медароранд, рух додаанд.

Масалан, Прокуратураи генералии ҶТ ҷиҳати иҷрои банди 7-и нақшаи кории Комиссияи назди Ҳукумати Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2018 доир ба таъмини риояи пурраи Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар

[128] Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011). (Ахбор Маҷлиси Олии ҶТ, 2011г, №6, ст. 616;). [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

дар таълиму тарбияи фарзанд» гурӯҳи кориро аз ҳайати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оиди санҷиши ҳолати иҷроиши қонуни мазкур таъсис дода, корҳои муайянеро ба сомон расонидааст.

Яке аз ухдадории асосии падару модар дар таълими фарзанд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» пешбинӣ шудааст, ин ба таълим фаро гирифтани фарзанд ва ба таҳсили ӯ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ монеъ нашудан мебошад.

Дар моддаи 164 Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷазои ҷинояти барои монеъ шудан ба шаҳрвандон барои гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ (нуҳсола) пешбинӣ карда шудааст. Тибқи муқаррароти диспазитсияи ин модда барои «ба ҳар тарзе монеъ шудани шахси воқеӣ ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ (нуҳсола)» бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.[129]

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки умуман дар давоми солҳои 2015-2018 дар Тоҷикистон бинобар сабаби монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ тамоюлҳои содиршавии ҷиноят бар асоси моддаи 164-и Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки ҷавобгариро барои монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ муқаррар менамояд, зиёд гардида, парвандаҳои дахлдор кушода ва барои баррасӣ ба суд равона гардидаанд. Мувофиқи омор давоми соли 2015 120 парвандаи ҷиноятӣ, соли 2016 – 122, соли 2017 – 134 ва соли 2018 – 119 парвандаи ҷиноятӣ бар асоси моддаи 164-и Кодекси ҷиноятӣ боз карда шудааст[130].

Натиҷаи санҷишҳо шаҳодат медиҳад, ки новобаста аз корҳои анҷомдодаи мақомоти дахлдори давлатӣ ва чорабиниҳои маърифатӣ-ҳуқуқӣ дар самти ҳуқуқ ба таҳсил, то ба ҳол қонунвайронкуниҳо дар робита ба нақзи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ҷой доранд.

---

[129]Кодекси ҷиноятии ҶТ 21 майи соли 1998. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[130] Чаро баъзе ноболиғон аз таҳсил дур монданд?// Ҷумҳурият. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: jumhuriyat.tj/index.php?art_id=7569. (санаи мурочиат: 10.02.2022).

Лозим ба зикр аст, ки дар амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчунин дигар намудҳои монеаҳо ҷой дорад, ки онҳо дар «Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ барои давраи то соли 2030» муқаррар шудаанд. Дар Стратегияи мазкур зикр шудааст, ки сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар ҶТ номукаммал арзёбӣ мешавад, дастрасӣ ба таҳсилот бо сабаби нокифоя будани шумораи муассисаҳои таълимии томактабӣ, инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ дар минтақаҳо ва касбияти ҳайати омӯзгорон мушкил гардидааст[131]. Монеаҳои дигар дар роҳи беҳтар кардани натиҷаҳои таҳсилот нокифоя будани дастрасӣ ба шароити беҳтари санитарию обтаъминкунӣ дар муассисаҳои таълимии деҳот ва ҳамчунин нобаробарии гендерӣ дар дастрасии таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мебошад.

Яке аз дастовардҳои муҳимми дигари даврони Истиқлол ин дар амал татбиқ намудани кафолати ҳуқуқ ба таҳсили калонсолон ва таъмин намудани амалисозии он мебошад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ муқаррар гардидаанд. ҶТ вобаста ба таҳсили калонсолон шароити мусоид фароҳам овардааст, ки ин дар назди Вазорати маориф ва илми ҶТ ташкил намудани маркази таҳсили калонсолон мебошад.

Дар шароити имрӯза санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки ҳуқуи инсон ба таҳсилро дар ҶТ ба танзим медароранд, Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» аз 28 декабри соли 2013, Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» аз аз 22 апрели соли 2003, Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» аз 8 августи соли 2015, Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16 апрели соли 2012, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», Консепсияи миллии маълумот дар ҶТ соли 2006, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, Кодекси ҷиноятии ҶТ (моддаҳои 164, 174), Стандарти давлатии

[131] Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2020. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://maorif.tj/storage/Dokument%27s/Bar№maho/85bef317aed011a78e9f15c1273d6ca7.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҶТ, Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҶТ барои солҳои 2011-2015, “Низомноаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 29 майи соли 2017 таҳти № 7/35 ва Барномаи системаи давлатии омӯзиши соҳаи ҳуқуқи инсон дар ҶТ мебошанд.

Аз таҳлили мавқеи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва инкишофи он дар низоми қонунгузорӣ маълум гардид, ки ҶТ дар бахши ҳуқуқ ба таҳсил доираи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро қабул намудааст, ки аз як тараф дар рушду такомолу ҳуқуқ ба таҳсил заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда, ба пешрафти соҳаи маориф ва баланд бурдани сифати таҳсилот дар ҷумҳурӣ мусоидати амалӣ карда бошанд, аз тарафи дигар фаҳмиши ягонаи баъзе меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида бинобар зиёд будани шумораи санадҳо мушкил буда, дар баъзе аз ҳолот дар шарҳу тафсири онҳо духӯрагиро ба миён меоранд. Ба андешаи мо, бинобар сабаби васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва инкишофи қонунгузории соҳаи таҳсилот хуб мешуд, ки ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардидаро якҷоя намуда, бо назардошти талаботҳои қонунгузорӣ як санади кодификатсионӣ – механизми ягонаи амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил дар шакли пурра ва оммафаҳм бо номи Кодекси Таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешуд. Чунки, Кодекси таҳсилот метвонад вазифаҳо ва ҳадафҳои ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун арзиши иҷтимоӣ муайян намуда, хусусиятҳои асосии таҳсил – моҳият, ҳадаф, намуд ва зинаҳои таҳсилот, ҳудуди замониву маконӣ ва тартиби амалисозии ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ муқаррар мекунанд ва ташкили идоракунии маориф, намудҳо ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии соҳаи маориф, вазъи ҳуқуқии онҳо ва тартиби пешбурди фаъолияти таълиму тарбияро дар муассисаҳои таҳсилотӣ муқаррар ва танзим мекунад.

Ҳамаи ин танзимнамоии меъёрии ҳуқуқии қонунгузорӣ ба мақсади таъмини ҳуқуқи инсон ба таҳсили сифатнок мебошад. Бинобар ин, бояд қайд кард, ки дар масъалаи сифатнок таъмин намудани ҳуқуқи инсон ба таҳсил як қатор мушкилоту масъалаҳое ҳастанд, ки ҳал намудани онҳо кафолати воқеии ҳуқуқи ҳар касро ба

таҳсил боз ҳам устувор гардонида, онро бо мазмун, моҳият, ва аҳдофи стандартҳои байналмилалии таълим ба мувофиқа мерасонад.

Мисоли чунин мушкилот сатҳи ғайри қобили қабули омодасозии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ аз ҷиҳати корҳои ташкилӣ ва моддиву техникӣ аст. Ҳамчунин, афзоиш ёфтани шумораи хонандагон дар гурӯҳҳои таълимӣ, ки натиҷаи ҳамин камбудӣ аст, сатҳи азхудкунии фанҳо ва ихтисосҳоро пойин меоварад. Агар ба ҷараёни таълими баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олӣ назар кунем, маълум мегардад, ки аз сабаби афзоиши теъдоди донишҷуён, номукаммал будани барномаи таълимӣ ва ҳолати ғайриқаноатбахши моддиву техникӣ раванди таҳсилот ба талаботи стандартии таълим ва таҳсилот мувофиқат намекунад.

Аз ин рӯ, давлатро зарур аст, ки бо истифода аз мақомоти дахлдор барои аз байн бурдани чунин мушкилот чораҳо андешида, онҳоро бартараф намояд, зеро ҳангоми ҷой доштани чунин камбудиҳо таъмин намудани таҳсилоти сифатнок ба шаҳрвандон ғайриимкон аст.

Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар бисёре аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мустаҳкам гардонида шудааст. Таърих нишон медиҳад, ки ин ҳуқуқ дар шаклҳои гуногун аввал дар санадҳои қонунгузории миллии давлатҳо мустаҳкам гардонида шудааст ва баъд аз он мустаҳкам гардонидани ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар санадҳои байналмилалӣ ва танзими меъёри ҳуқуқии он бо ин санадҳо дар миёнаҳои асри ХХ пайдо шудааст.

Марҳилаи муҳим дар инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар сатҳи байналмилалӣ ин таъсиси СММ ба ҳисоб меравад, ки ҶТ 2 марти соли 1992 аъзои он гардид.

Ба даст овардани Истиқлоли давлатии ҶТ ба ислоҳоти куллии сохтори давлатӣ асос гузошта, зарурати аввалиндараҷа дар ин ислоҳот ташаккул ва мукаммалсозии қонунгузорӣ дар асоси санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ қабул гардида буданд, ба миён омад. Воқеан, бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд дар пайвастан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва эътирофи санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон сурат

мегирад. Баҳри комилҳуқуқ шудан ва муаррифӣ шудани Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, ҶТ-ро зарур буд, ки дар созмонҳои байналмилалӣ аъзо шуда, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро қабул намояд.

Санади байналмилалии ҳуқуқӣ ин созишномаи (эъломия, конвенсия, паймон, оиннома, қатънома, резолютсия қарордод, статут) байни давлатҳо дар шакли хаттӣ мебошад, ки барои рушди ҳамкориҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат ва ҳимояи ҳуқуқи озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст ва бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад.

Ҳуқуқи инсон ба таҳсил бо меъёрҳои санадҳои байналмилалии зиёд ба танзим дароварда мешавад. Аз мушоҳидаи таҷрибавӣ ба назар мерасад, ки ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар ҳар як санади қабулнамудаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон як меъёри алоҳидае ҷой дорад, ки масъалаи ҳуқуқи инсон ба таҳсилро ба танзим медарорад. Гуфтан мумкин аст, ки ҳуқуқи инсон ба таҳсил барои санадҳои байналмилалӣ меъёри ҳатмӣ ва шартномавӣ гардидааст.

Агар ба таври васеъ ба танзими санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил назар кунем, маълум мегардад, ки санадҳои зиёди байналмилалӣ ва минтақавӣ ҷой доранд, ки масъалаҳои ҳуқуқии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро ба танзим медароранд. Аз ҷумла:

1. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (моддаи 26) ;

2. Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли1966 (моддаҳои 13, 14);

3. Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон (моддаи 10);

4. Конвенсияи ЮНЕСКО дар бораи мубориза бар зидди ҳама гуна табъиз дар доираи таҳсилот аз соли 1960;

5. Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак аз 20 ноябри соли 1989 (моддаҳои 28, 29);

6. Конвесия оид ба ҳуқуқи маъюбон моҳи декабри соли 2006 (моддаи 24);

7. Эъломияи СММ оид ба таълим ва омӯзиши ҳуқуқи инсон аз 14 январи соли 2011;

8. Конвенсия дар бораи мақоми апатридҳо аз соли 1954;

9. Конвенсия дар бораи ҳифзи ҳамаи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо аз 18 декабри соли1990.

Бояд қайд кард, ки дар ин бахши рисола танҳо доираи он санадҳои байналмилалӣ оид ба танзими ҳуқуқи инсон ба таҳсилро таҳлил менамоем, ки ҶТ онҳоро эътироф карда, дар қонунгузории миллӣ амалӣ намудааст. Яке аз ин санадҳо, ки асосгузорандаи тамоми санадҳои қабулгардида оид ба ҳуқуқи инсон гардидааст ва дар дар сатҳи байналмилалӣ ҳуқуқи инсон ба таҳсилро ба танзим дароварда, ҳамчун як механизми бузург барои ҳимои ҳуқуқҳои инсон равона гардидааст, ин Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мебошад.

Механизмҳои байналхалқии ҳимояи ҳуқуқи инсон гуфта, тарзу воситаҳоеро меноманд, ки тавассути санадҳои байналхалқӣ ба роҳ монда шуда, ҳуқуқҳои инсонро аз ҳар гуна кирдорҳои ғайриқонунӣ ҳимоя менамояд[132].

Санаи 10 декабри соли 1948 СММ санадеро ба тасвиб расонд, ки шараф ва ҳуқуқу озодиҳои бунёдии ҳамаи одамони рӯйи ҷаҳонро қонунӣ гардонд.

Таъсири Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ба таърихи ҳафтод соли охири инсоният он гуна бузург гардид, ки бисёре аз инсонҳо аз ҳамаи ҳуқуқҳои худ бархӯрдор шуда, амалисозии ҳуқуқҳои аҳли сайёра авҷ гирифт.

Дар соли 1215 шоҳи инглис Ҷон Магна Карта санадеро бо номи «Хартияи бузурги озодӣ» нашр кард, ки ҳадафаш бартарӣ додан ба адл буд. Соли 1789 маҷлиси миллии Фаронса Эъломияи ҳуқуқи мардҳо ва шаҳрвандон ва ду сол баъд дар 1791 аввалин конгрессии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Қонуни ҳуқуқҳоро ба тасвиб расонданд, ки дар ҳар дуи ин санадҳо ҳуқуқи шаҳрвандонашон ба таҳсил кафолат дода мешуд[133].

Ин ҷо фарқ ин буд, ки яке аз ин санадҳо ҳуқуқи таҳсили шаҳрвандони Фаронса ва дигаре аз ҳуқуқи таҳсили шаҳрвандони Амрико дифоъ мекард. Дар

---

[132] Сафаров Б.А., Сафаров Д.С., Миралиев И.Қ., Саидов И.И. Ҳуқуқи инсон дар нақшаҳо. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Баҳманруд, 2013. – С. 177.

133 Международная и внутригосударственная защита прав человека: Учебник / Под ред. Р.М. Валеева. – М.: Статут, 2011. – С. 241.

тафовут бо ин ва ҳамаи дигар асноди ҳифзи ҳуқуқ, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқи инсон ба таҳсилро мансуби ин ё он миллату нажод ё мазҳабу мамлакат на, балки мансуби тамоми аҳли башар донист.

Ҳомиёни ҳуқуқи инсон имрӯз мегӯянд, аҳаммияти эъломияи ҳафтодсоларо замоне метавон дарк кард, ки агар фикр кунем, чунин санаде аслан ҳаргиз вуҷуд намедошт. Он гоҳ ҳазорон ё шояд садҳо ҳазор қонуни дигаре, ки чи дар сатҳи байналмилалӣ ва чи дар сатҳи кишварҳо таҳия ва қабул шудаанд, низ вуҷуд дошта наметавонистанд. Агар ба таҷрибаи қабули санадҳои байналмилалӣ назар афканем, маълум мегардад, ки ҳамаи санаду паймони баъдан қабулгашта вобаста ба ҳуқуқи инсон, ба монанди Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, Конвенсия дар бораи зидди шиканҷа, Конвенсия дар бораи ҳифзи ҳуқуқи маъюбон, мубориза зидди нобаробариҳои нажодӣ ё ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, ҳамагӣ ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар асос ёфтаанд, ки он як пойдевори бузурги ҳуқуқӣ дар таърихи ҷаҳон ба шумор меравад.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳамчун санади муҳимми байналмилалӣ, ки дар рушду инкишоф ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши беандоза дорад, моҳияти ҳуқуқи инсон ба таҳсилро дар моддаи 26 муқаррар кардааст, ки мувофиқи он «Ҳар як инсон ҳуқуқ ба таҳсил дорад. Ақаллан таҳсили ибтидоӣ ва миёна бояд бепул бошад. Таҳсили ибтидоӣ бояд ҳатмӣ бошад. Таълими техникӣ ва касбӣ бояд дастраси ҳамагон бошад. Таҳсили олӣ бояд мувофиқи қобилияти ҳар кас ба ҳама як хел дастрас бошад»[134].

Дар баробари муайян намудани шаклҳои таҳсил ҳамчунин мақсади таҳсилро низ муайян кардааст, ки «мақсади таълим бояд рушди хамаҷонибаи шахсияти инсон, афзоиши эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон бошад. Таълим бояд ба ҳусни тафоҳум, бурдборию дӯстии миёни тамоми миллатҳо, гурӯҳҳои нажодӣ ва мазҳабӣ ва ҳамчунин ба вусъати фаъолияти СММ дар роҳи ҳифзи сулҳ мусоидат намояд»[135]. Волидайн дар бобати интихоби навъи таълим барои фарзандони

[134] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).
[135] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

хурдсол ҳаққи аввалият доранд[136]. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳамчун нахустин механизми байналхалқӣ барои қабули санадҳои байналмилалии дигари ҳуқуқӣ дар рушду нумуи ҳуқуқи инсон нақши муассир гузоштааст[137].

Дар заминаи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар 16 декабри соли 1966 ду Паймон қабул гардид: Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ. Ин ду Паймон нисбати кишварҳои узв, уҳдадориҳои муайянро пешбинӣ менамоянд.

Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нахустин санади байналмилалие мебошад, ки баъд аз Эъломияи умумии ҳуқуқи башар моҳият ва шаклҳои амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро ифода намуда, ҳар як давлати иштирокчии худро уҳдадор мекунад, ки ҳамаи ҳуқуқҳои дар он муқарраршударо ба пуррагӣ риоя ва аз ҳар гуна кирдорҳои таҷовузкорона худдорӣ намоянд. Он аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ бо қатъномаи 2200 А (XXI) 16 декабри соли 1966 қабул гардид.

Ҳуқуқ ба таҳсил дар моддаи 26 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар оварда шуда бошад ҳам, аммо шарҳи пурра ва шаклҳои пурраи амалисозии он оварда нашудааст. Вале дар моддаи 13 ва 14 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ин ҳуқуқ шарҳ дода шуда, шаклҳои амалисозии онро барои давлатҳои иштирокчии ин Паймон муқаррар кардааст.

Мувофиқи моддаи 13 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон ҳуқуқи ҳар як инсонро ба таҳсил эътироф мекунанд. Онҳо мувофиқ ҳастанд, ки таҳсил бояд ба рушди пурраи шахсияти инсон ва дарки шарафи вай нигаронида шавад ва бояд эҳтиромро ба ҳуқуқ ва озодии асосии инсон таҳким бахшад. Онҳо ҳамчунин мувофиқ ҳастанд, ки таҳсил бояд ба ҳама имконият диҳад, ки ширкаткунандагони муфиди ҷомеаи озод бошанд, ба ҳусни тафоҳум, муросо ва дӯстӣ миёни ҳамаи

---

[136] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[137] Сафаров Б.А. Всеобщая декларация прав человека как основополагающий документ международной стандартизации прав человека // Вестник ТГУПБП. – 2013. – №2 (54). [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vseobschaya-deklaratsiya-prav-cheloveka-kak-os№vopolagayuschiy-dokument-mezhdunarod№y-standartizatsii-prav-cheloveka (дата обращения: 18.11.2022).

миллатҳо ва ҳамаи гурӯҳҳои нажодӣ, этникӣ ва динӣ мусоидат намояд ва ба кори СММ оид ба ҳифзи сулҳ кумак расонад[138].

Дар қисми 2 моддаи 13 ҳамин Паймон оварда шудааст, ки давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон эътироф мекунанд, ки барои пурра амалӣ шудани ин ҳуқуқ:

1) таҳсили ибтидоӣ бояд барои ҳама ҳатмӣ ва бепул бошад;

2) таҳсили миёна бо ҳамаи шаклҳои он, аз ҷумла таҳсили миёнаи касбию техникӣ бояд бо роҳи андешидани тамоми тадбирҳои зарурӣ, аз ҷумла тадриҷан ҷорӣ намудани таҳсили бепул, озод ва дастрас бошад;

3) таҳсили олӣ бояд барои ҳама дар асоси қобилияти ҳар кас бо роҳи андешидани тамоми тадбирҳои зарурӣ, аз ҷумла тадриҷан ҷорӣ намудани таҳсили бепул, дастрас бошад;

4) таҳсили аввалия ба андозаи имкон барои онҳое, ки давраи пурраи таҳсили ибтидоии худро нагузаронидаанд ё хатм накардаанд, бояд ташвиқ гардад ва суръат бахшида шавад;

5) инкишоф додани шабакаи мактабҳои ҳамаи зинаҳо бояд фаъолона сурат гирад, бояд низоми қаноатбахши мададмаош муқаррар карда шавад ва бояд шароити моддии ҳайати омӯзгорон мунтазам беҳтар сохта шавад[139].

Дар қисми сеюми ҳамин модда бошад муқаррар гардидааст, ки давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон уҳдадор мешаванд, ки озодии волидайн ва дар ҳолатҳои дахлдор васиёни қонуниро дар бобати интихоб намудани муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ таъмин мекунанд, агар ин муассиса ҳадди ақал ба талаботе ба таҳсил ҷавобгӯй бошад, ки аз ҷониби давлат муқаррар ё тасдиқ карда мешавад. Ҳамчунин, ин санади байналмилалӣ озодии волидайнро дар бобати таъмини тарбияи динӣ ва ахлоқии фарзандони худ мутобиқи ақидаву боварҳои шахсии худ эҳтиром намоянд.

---

[138] Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content /паймони-байналхалки-ҳуқуқҳои-иқтисодӣ-иҷтимоӣ-ва-фарҳангӣ. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

[139] Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content /паймони-байналхалкии-ҳуқуқҳои-иқтисодӣ-иҷтимоӣ-ва-фарҳангӣ. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

Моддаи 14-и ин Паймон давлатҳои иштирокчиро, ки дар қаламрави давлати худ таҳсили ибтидоии ҳатмии бепулро муқаррар карда натавонистаанд, уҳдадор мекунад, то дар давоми ду сол нақшаи муфассали чорабиниҳоро барои дар муддати қобили қабул, ки бояд дар ин нақша зикр карда шавад, тадричан амалӣ карда, принсипи таҳсили ҳатмии ҳамагонии бепулро таҳия ва қабул намояд.

Агар меъёрҳои ин Паймонро нисбат ба меъёрҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таҳлил намоем, маълум мегардад, ки Эъломияи Умумии ҳуқуқи башар принсипи дастрасии барорбар ба таҳсил ва иштироки давлатро дар амалисозии он ба таври васеъ ба танзим медарорад. Вале масъалаи принсипи озодона интихоб намудани шакл ва намуди таҳсилро Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар шакли зерин муқаррар кардааст: «дар баробари интихоби озодона аз тарафи шахс ҳамчунин Паймон давлатҳои ширкаткунандаро уҳдадор месозад, ки озодии волидайн ва дар ҳолатҳои дахлдор васиёни қонуниро дар бобати барои фарзандони худ интихоб намудани на танҳо мактабҳои аз тарафи ҳокимияти давлатӣ таъсисгардида, балки мактабҳои дигаре, ки ҷавобгӯи ҳадди ақали талабот ба таҳсил мебошанд ва метавонад аз ҷониби давлат муқаррар ё тасдиқ карда шавад, озодии онҳоро дар бобати таъмини тарбияи динӣ ва ахлоқии фарзандони худ мутобиқи ақидаи шахсии худ эҳтиром намоянд»[140]. Яъне аз ин ҷо маълум мегардад, ки Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқи инсон ба таҳсилро нисбат ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар танзими муносибатҳои ҷамъияти вобаста ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил васеътар ба танзим медарорад. Лекин набояд фаромӯш кард, ки Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аст, ки базаи ягонаи ҳуқуқиро барои инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва асоси инкишофёбии қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ гардидааст.

Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нисбат ба дигар санадҳои байналмилалӣ ба масъалаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил бештар диққати ҷиддӣ додааст. Дар баробари дигар ҳолатҳои эълонамудаи

[140] Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content /паймони-байналхалкии-ҳуқуқҳои-иқтисодӣ-иҷтимоӣ-ва-фарҳангӣ. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

моддаи 13, ин Паймон ҳамчунин, эълон мекунад, ки мақсади асосӣ дар доираи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ин амалисозии чунин чораҳое мебошад, ки таҳсил бо дастрасии ройгон ва сифатнок дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот сарфи назар аз шакли амалисозии онро пешбинӣ мекунад. Дар навбати аввал, давлат ҳамчун иштирокчӣ дар ба амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил, бояд бештар кушиш кунад, ки ҳуқуқ ба таҳсили ройгонро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот сар аз таҳсилоти ибтидоӣ то ба таҳсилоти олӣ ҷорӣ намояд. Давлат барои инкишофи системаи муасисаҳои таҳсилотӣ базаи ягонаи ҳуқуқӣ ва моддӣ месозад, то ин ки таъмини шароити меҳнатии ҳаматарафаи омӯзгорон ва ҷалби донишомӯзонро бо стипендияҳо ба амал барорад. Ғайр аз ин, Паймони мазкур аз давлатҳои иштирокчӣ талаб менамояд, ки набояд дар интихоби озодонаи муассисаи таълимӣ аз тарафи волидон барои фарзандонашон дахолат кунад.

Дар навбати дуюм, Паймон ҳуқуқи инсон ба таҳсилро ҳамчун ҳуқуқи позитивӣ баҳо медиҳад. Механизми амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро Паймони мазкур чунин тартиб додааст, ки ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар як вақт якҷоя бо чаҳор принсипи асосие, ки Паймон муқаррар кардааст, риоя карда шавад. Мувофиқи ин тартиб, ки яке аз принсипҳои асосии он иштироки давлат дар амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил аст, давлат на танҳо ба ҳар як инсон ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат медиҳад, балки барои инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва амалисозии он шароити мусоид фароҳам меорад ва ҳама гуна табъиз ва монеаҳоро аз байн мебарад.

Ба мақсади таъмини меъёрҳои Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ соли 1985 аз ҷониби Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъсис дода шуд, ки яке аз самтҳои он назорати иҷроиши меъёрҳои Паймон оид ба ҳуқуқи таҳсил мебошад.

Соли 1998 Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷаласаи худро баргузор намуд, ки масъалаи асосии маҷлис мушкилоти ҳуқуқи инсон ба таҳсил, аз ҷумла масъалаҳои назариявӣ ва амалии талаботҳои муқарраргардидаи Паймон оид ба ҳуқуқи таҳсил ба ҳисоб мерафт. Дар натиҷаи баҳсу мунозараи дар

ҷаласа баргузоргардида чор унсури асосии ҳуқуқи инсон ба таҳсил муайян карда шуд:

1. Ҳеҷ кас ҳақ надорад шахси дигарро аз ҳуқуқ ба таҳсил маҳрум созад;

2. Таҳсили ибтидоӣ бояд ҳатмӣ ва ройгон бошад;

3. Шахс бояд дар интихоб намудани намуд ва шакли таҳсил озод бошад;

4. Таҳсил ба забони модарӣ ва забони аксарияти маҳалҳо бояд амалӣ шавад; [141]

Ҳамин тариқ, бояд гуфт, ки Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ санади асосии байналмилалие мебошад, ки махсусиятҳо ва принсипҳои ҳуқуқи инсон ба таҳсилро муқаррар намуда, кафолати амалисозии онро таъмин менамояд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар якҷоягӣ муқаррароти меъёрии мураккабро оиди ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар худ мустаҳкам намудаанд, ки муносибатро байни инсон, давлат ва ҷамъият оид ба таҳсил ва табиати ҳуқуқии раванди таҳсил мепайвандад. Ба ин ду санади байналмилалӣ қисми зиёди давлатҳои ҷаҳон пайваст шудаанд, барои ҳамин мо метавонем бигӯем, ки масъалаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ҷанбаи стандарти умумиэътирофшударо ба худ касб кардааст.

ҶТ соли 1999 ин Паймонро эътироф ва тасдиқ намудааст. Гарчанде ки ҶТ ҳанӯз 9 сентябри соли 1991 соҳибистиқлол гардида буд, вале имконияти тасдиқи ин Паймонро надошт, зеро ки ҷанги шаҳрвандӣ ва бесарусомониҳои сиёсӣ ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеа монеа гардида буданд. Яке аз ухдадориҳои байналмилалие, ки ҶТ мувофиқи ин Паймон бар дӯш гирифта буд, ин мувофиқгардонии меъёрҳои қонунгузории миллӣ ба он мебошад.

Ҳар як ҷомеаи мутамаддин ва давлати муосир дар шароити ҷаҳонишавии имрӯза ҳуқуқи инсон ба таҳсилро яке аз ҳуқуқҳои асосии шахсият эътироф менамояд. Дар ин бахш ҶТ низ пешсаф буда, дар сатҳи конституцсионӣ ин ҳуқуқро кафолат додааст.

---

[141] Комитет по экономическим, социальным и культурным правах. Доклад о работе его восемнадцатой и девятнадцатой сессий (27 апреля – 15 мая 1998 года, 16 ноября – 4 декабря 1998 года). [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://tbinternet.ohchr.org/_layouts/15/treatybodyexternal/SessionDetails1.aspx?SessionID=120&Lang=ru. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва қонунгузории ҶТ ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун ҳуқуқи арзиши олидошта ва ҷудонопазир эътироф намудаанд. Конституцияи ҶТ ин Паймонро эътироф намуда, қисми таркибии низоми ҳуқуқии худ қарор додааст. Чунончи, мувофиқи моддаи 10 Конституция санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Яке аз санадҳои байналмилалие, ки дар инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил нақши муҳимро дорад, ин Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак мебошад. Ба мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон соли 1989 СММ ҳуҷҷати аз ҳама муҳимми байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак – Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдакро қабул намуд. ҶТ соли 1993 Конвенсияи мазкурро эътироф намуда, онро имзо гузошт. Дар Конвенсияи мазкур дар баробари ҳуқуқҳои дигари кӯдак ҳамчунин ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил кафолат дода мешуд. Кӯдакӣ давраи муҳимтарини ташаккули инсон, иҷтимоъишавии ӯ, тайёрӣ ба ҳаёти мустақилона аст. Инсони то синни 18-сола кӯдак ҳисобида мешавад, агар тибқи қонуне, ки нисбати ин кӯдак истифода мегардад, он пештар ба синни балоғат нарасида бошад[142].

Мувофиқи моддаи 28 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак давлатҳои аъзо ба таҳсил ҳуқуқ доштани кӯдакро эътироф мекунанд ва бо мақсади тадраҷан дар асоси имкониятҳои баробар ноил шудан ба иҷрои ин ҳуқуқ онҳо, аз ҷумла:

– таҳсили бепул ва ҳатмии ибтидоиро ҷорӣ менамоянд;

– рушди шаклҳои гуногуни маълумоти миёна, чи маълумоти умумӣ ва чи маълумоти касбиро ташвиқ намуда, онро барои ҳама кӯдакон дастрас мегардонанд ва тадбирҳои заруриро аз қабили ҷорӣ намудани таҳсили бепул ва дар мавриди зарурат расонидани кумаки молиявӣ меандешанд;

---

[142] Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак . [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://khit.tj/wp-content/uploads/2016/01/4.-Konventsiya-oid-ba-%D2%B3ukuki-kudak.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

– дастрасии маълумоти олиро барои ҳама дар асоси қобилияти ҳар кас ва бо ёрии ҳама гуна воситаҳои зарурӣ таъмин менамоянд;

– ба ҳар кӯдак дастрас будани иттилоот ва маводи соҳаи маориф ва тарбияи касбиро таъмин менамоянд;

– дар бобати мусоидат ба мактабравии мунтазами хонандагон ва кам гардидани шумораи хонандагоне, ки мактабро тарк намудаанд, тадбирҳо меандешанд[143].

Давлатҳои аъзо тамоми тадбирҳоро бояд биандешанд, то ки ахлоқ дар мактаб бо ёрии усулҳое, ки эҳтиромі шарафи инсонии кӯдаконро инъикос мекунанд ва мутобиқи ҳамин Конвенсия мебошанд, риоя карда шавад ва ҳуқуқ ба таҳсилашонро амалӣ намоянд.

Ҳамчунин, Конвенсияи мазкур муайян кардааст, ки таълими кӯдак бояд бо мақсадҳои зерин ба роҳ монда шавад: «инкишофи шахсият, истеъдод, қобилияти фикрию ҷисмонии кӯдак дар шакли пурраи онҳо, тарбияи эҳтиром ба ҳукуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, дар руҳияи якдигарфаҳмӣ, сулҳ, таҳаммул, баробарҳуқуқии мардону занон ва дӯстии байни ҳамаи халқҳо, гурӯҳҳои нажодӣ, миллӣ ва динӣ, инчунин шахсони аз ҷумлаи мардуми таҳҷоӣ ба ҳаёти бошуурона дар ҷамъияти озод омода намудани кӯдак»[144].

Яке дигар аз созмонҳои байналмилалӣ, ки дар роҳи ҳифзу риояи ҳуқуқ ба таҳсил дар ҷаҳон нақши калидӣ дорад, ЮНЕСКО мебошад. ҶТ 6 апрели соли 1993 ба узвияти созмони ЮНЕСКО пазируфта шуда, худи ҳамон сол Комиссияи миллии ҶТ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар Вазорати корҳои хориҷӣ таъсис дода шуд.

ЮНЕСКО дар танзими меъёрӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи инсон ба таҳсил нақши калонро мебозад. Конвенсия дар бораи мубориза бар зидди ҳама гуна табъиз дар соҳаи таҳсилот яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии ЮНЕСКО мебошад, ки соли 1960 қабул шудааст. Конвенсияи мазкур принсипи озодона амалӣ намудани ҳуқуқи иснон ба таҳсилро бо истифода аз методҳои манъи табъиз, аз ҷумла

---

[143] Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак . [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://khit.tj/wp-content/uploads/2016/01/4.-Konventsiya-oid-ba-%D2%B3ukuki-kudak.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).
[144] Ҳамон ҷо.

маҳдуд сохтани амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил танҳо дар ҳадди кам ва ҳолати зарурӣ, сохтани низоми алоҳидаи таҳсилот, ки амалисозии ҳуқуқ ба таҳсили ҳар як гурӯҳи алоҳидаи ҷомеаро (масалан барои ноболиғон, маъюбон) дар алоҳидагӣ дар бар гирад, ё ин ки дар муассисаҳои таҳсилотӣ фароҳам овардани шароити хуби таҳсил, ҳимоя менамояд.

Моддаи 3-юми ин Конвенсия бо мақсади бартараф кардан ё пешгирии табъиз, ки дар Конвенсияи мазкур муайян шудааст, давлатҳои иштироккунандаро уҳдадор мекунад:

– ҳама санадҳои қонунгузорӣ ва маъмуриро, ки асоси табъизкунанда доранд, бекор ва таҷрибаи идории табъиз дар соҳаи маорифро қатъ кунанд;

– дар мавриди зарурат тибқи қонун чораҳои зарурӣ андешанд, то ҳама гуна табъиз ҳангоми қабули таҳсилкунандагон ба муассисаҳои таълимӣ бартараф карда шаванд;

– нисбати пардохти таҳсил, стипендия ва ҳама гуна кумакҳои дигар ба таҳсилкунандагон, инчунин иҷозат ва имтиёзҳое, ки барои идомаи таҳсил дар хориҷа заруранд, иҷозат надиҳад, ки дар муносибат бо донишҷӯёни шаҳрвандони ин ё он кишвар аз ҷониби мақомоти давлатӣ фарқият вуҷуд дошта бошад, ба истиснои фарқиятҳо дар асоси муваффақият ё ниёзҳои онҳо;

– дар ҳолатҳое, ки мақомоти давлатӣ ба муассисаҳои таълимӣ намудҳои алоҳидаи кумак мерасонанд, ба ҳеҷ гуна имтиёз ё маҳдудиятҳое, ки танҳо ба узвияти донишҷӯён дар гурӯҳи муайян асос ёфтааст, набояд роҳ дода шавад;

– ба шаҳрвандони хориҷие, ки дар қаламрави онҳо иқомат доранд, дар баробари шаҳрвандони худ дастрасӣ ба таҳсилро фароҳам оранд[145].

Дар моддаи 4-уми Конвенсияи мазкур бошад оварда шудааст, ки давлат ҳамчун иштирокчӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон ба таҳсил бояд «барномаи махсуси амалӣ» тартиб диҳад, то ки аз иҷрои уҳдадориҳои Конвенсияи мазкур муқарраркардашуда барояд. Яъне дар асоси он таҳсили ибтидоӣ ҳатмӣ ва ройгон карда шавад, таҳсилоти миёна бояд ба ҳама дастрас дар асоси принсипи ҳуқуқи

[145] Конвенция о борьбе с дискриминацией в области образования. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.unesco.org/en/legal-affairs/convention-against-discrimination-education. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

баробар ба таҳсил вобаста аз қобилияти ҳар як шахс, дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилотӣ шароити хуби таҳсил ва сифати баланди таълим таъмин карда шавад, ҳамчунин таъмини назорати ҳатмии иҷроиши қонунии он санҷида шавад.

Иҷрои ин талаботҳои Конвенсияи мазкур имкон медиҳад, ки принсипи озодии таҳсил, ҳуқуқ ба дастрасии баробар ба таҳсил ва принсипи баробарӣ дар амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил аз тарафи давлатҳои иштирокчӣ бе назардошти вазъи иқтисодии шаҳрвандон дар амал татбиқ карда шавад.

Ба назари мо, Конвенсияи мазкур чор уҳдадории асосии давлатро барои бартаф намудани табъиз дар доираи таҳсил муайян намудааст, ки амалӣ кардани онҳо метавонад дискриминатсияро дар соҳаи таҳсилот аз байн барад:

1. Ба ҳар як шаҳрванд озодона интихоб намудани муассисаи таҳсилот ва шакли таҳсилро таъмин намояд;

2. Принсипи ҳуқуқи дастрасӣ ба таҳсилро риоя намояд;

3. Принсипи баробарии ҳамаи таълимгирандагонро сарфи назар аз шакли интихобнамудаи таҳсил ва муассисаи таълимӣ риоя намояд;

4. Дар раванди таъмини амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил саҳмгузор бошад.

Аз нукоти дар боло зикршуда дар атрофи санадҳои байналмилалӣ метавон бар ин натиҷа расид, ки масъалаи танзими ҳуқуқи инсон на танҳо танзими дохилидавлатӣ аст, балки стандартҳои байналмилалии ҳуқуқие ҷой доранд, ки барои танзими ҳуқуқи инсон ба таҳсил амал намуда, барои амалисозии он давлатҳои иштироккунандаро уҳдадор месозанд, то шароити мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оваранд.

Муҳаққиқи рус И.Н. Бартсис яке аз муҳаққиқони рус қайд менамояд, ки «воситаи асосии рушди ҳуқуқи инсон ба таҳсил ин танзимнамоии ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳисоб меравад, ҳарчанд ин ҳуқуқ мавзуи танзимнамоии санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ низ гашта бошад»[146]. Ба назари мо, ҳар дуи ин

[146] Барциц И. Кто думает об образовании – думает о будущим. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://vogazeta.ru/articles/2017/10/20/international/666-igor_bartsits_kto_dumaet_ob_obrazovanii_dumaet_o_buduschem. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

механизм дар мувофиқаи якҷоя бояд амал кунанд ва битавонанд ба инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил мусоидат намоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар натиҷаи таҳлили нақши санадҳои байналмилалӣ дар инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил маълум гардид, ки аҳаммияти Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, ки дар боло таҳлили онҳоро дар алоҳидагӣ ба роҳ мондем, дар рушду нумуи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ниҳоят муҳим ва самарабахш ба шумор меравад. Нақши санадҳои байналмилалиро дар соҳаи инкишофи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқи инсон ба таҳсил муҳаққиқони ватании мо ҳам бениҳоят бузург мешуморанд.

Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ инсонҳо бояд озодона ҳуқуқ ба таҳсилашонро бо мақсади қонеъсозии манфиатҳо ва талаботи худ ва ҷамъияту давлат амалӣ гардонанд, то ки дар оянда тавонанд ба зиндагии осоишта сазовор гардида, соҳиби касбу фаъолияти меҳнатии самаранок гарданд ва дар назди гузаштаи таърихӣ, имрӯзу фардои инсоният бо масъулияти баланд ва ҳувияти миллӣ тарбияткунандаи насли наврас дар ҷомеа бошанд.

Таъмин намудани моддаи 1-уми Конституцсияи ҶТ, яъне бунёд намудани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар ҶТ талаб менамояд, ки давлат барои амалисозӣ ва инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил шароити мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам овард. Тамоми ҳолатҳоеро, ки барои амалисозии он монеа мешаванд, аз байн барад, то ки инсонҳо тавонанд озодона ҳуқуқ ба таҳсилашонро амалӣ гардонида, дорои донишу малака дар зиндагӣ гарданд ва барои пешрафти илм ва истеҳсолот дар мамлакат саҳмгузор бошанд.

Ҳарчанд дар замони шуравӣ инкишофи ҳукуқ ба таҳсил то кадом андозае инкишоф ёфта, фаъолияти мақомотҳои ваколатдор ба комёбӣ ва дастоварди зиёд дар соҳаи таҳсилот ноил гардида бошад ҳам, он аз камбудию норасоӣ орӣ набуд. Якрангии нақшаҳои таълимӣ, норасоии заминаи моддию техникӣ ва ғайра ба пешрафти соҳа то андозае монеъ мешуданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ қайд намуданд, ки: «Инкишофи маориф, илм ва фарҳанг шарти

ҷудонопазири пешрафти ҳар гуна ҷамъият аст». Сарвари давлат дар фаъолияти хеш соҳаи маорифро (диққати ҷиддӣ дода шудааст ба масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил) «асоси таҳкими аркони давлат ва наҷоти миллат» унвон карда, онро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ қарор доданд. Пешвои миллат дар паёмҳои ҳамасолаашон ба Маҷлиси Олӣ борҳо таъкид кардаанд, ки дастгирии соҳаи маориф, таъмини шароит барои таҳсилкунандагон ва баланд бардоштани сифати таҳсилот аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки «Нақши ҳуқуқ ба таҳсил дар рушди неруи инсонӣ саҳми бевосита дошта, дониши солим яке аз қувваҳои пешбаранда ва фаъоли ҷомеа ба шумор мераванд ва пешрафти соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, давлат ба сатҳи рушди маориф зич алоқаманд буда, маҳсули таҳсили шаҳрвандон ба шумор меравад». Солҳои охир дар кишвар шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зиёд гардида, теъдоди онҳо ба бештар аз 4000 расидааст. Қонунҳои ҶТ «Дар бораи маориф», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи мактаби миллӣ дар ҶТ, Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ ва ба ин монанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳияву қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд. Сарвари давлат бо назардошти пешрафти босуръати илму техника ва равандҳои ҷаҳонишавӣ сохтмони мактабҳои наву замонавӣ, таъмини синфхонаҳо бо технологияи компютериро аз вазифаҳои муҳимми давлат мешуморад. Қабули Барномаи давлатии ҶТ оид ба компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти олию умумӣ маҳз ба мақсади таъмини таҳсили сифатнок, ҳамчунин амалӣ шудани ҳадафҳои созанда ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълим равона шуда буд.

Баҳри инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар даврони истиқлолият дар ҶТ ислоҳотҳои мухталиф гузаронида шуда, бо андешидани тадбирҳои зерин ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид:

– Заминаҳои меъёрии ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ аз сари нав таҳия ва қабул гардид;

– Стандартҳои давлатии таълимии нави таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, миёна, ибтидоӣ ва олии касбӣ таҳия ва қабул гардиданд;

– Низоми дузинавии нави таҳсилоти олии касбӣ – бакалавриат ва магистратура бо нигоҳ доштани ихтисосноки дар ҳолатҳои алоҳида ҷорӣ гардид;

– Нақшаву барномаҳои нави таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таҳия ва дар амал ҷорӣ карда шуд;

– Консепсияи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни идоракунии низоми таҳсилот ва фаъолиятӣ таълимӣ таҳия ва қабул гардиданд;

– Таъмири асосии мактабҳо ва сохтмони мактабҳои нав анҷом дода шуд;

– Шабакаҳои муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ инкишоф ёфтанд;

– Китобҳои дарсии нави замонавӣ таҳия ва интишор гардида ва шароит барои дастрасии электронии адабиёти зарурӣ ба таҳсилкунандагон низ таъмин карда шуд.

Стандартҳои давлатии таҳсилот гуфта, маҷмуи меъёрҳоеро меноманд, ки мазмуни таҳсилот, моҳияту муҳлати таълим, ҳаҷми сарбории таълимӣ, сатҳи азхудкунии донишро аз тарафи таълимгирандагон ифода намуда, мақсади асосии он барои таъмини раванди таълим, мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва баҳогузории сатҳи донишро дар муассисаҳои таълимӣ бо назардошти дастовардҳои миллӣ ва умумибашарӣ равона гардидааст.[147]

Дар солҳои Истиқлоли давлатии ҶТ бо дастуру ҳидоят ва ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф рушди таҳсилот ва илм, яъне неруи инсонӣ ба яке аз самтҳои асосӣ ва стратегии сиёсати давлатӣ табдил ёфта, ба пешравиҳои назаррас ва дастовардҳои зиёд ноил гашта, мунтазам дар самти ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун самти афзалиятноки иҷтимоӣ ислоҳот гузаронда шуда, стратегияҳову консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул карда шуд. Аз ҷумла, Консепсияи миллии маориф дар ҶТ, Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дар ҶТ барои солҳои 2011-2015, Нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009, Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҶТ, Барномаи давлатии рушди маорифи

[147] Қонуни ҶТ «Дар боараи маориф». [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-маориф. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015, Барномаи давлатии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои солҳои 2007-2010, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар солҳои 2008-2017, Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҶТ ва ғайра, ки дар инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар замони Истиқлол заминаи муҳим гузошт.

Яке аз онҳо татбиқи «Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2020» ба ҳисоб меравад. Вазорати маориф ва илми ҶТ бо мақсади ба меъёрҳои байналмилалӣ ва стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардондани низоми таҳсилоти миллии кишвар ва ҷорӣ намудани муносибатҳои нави таълим дар соҳаи таҳсилот тадбирҳои мушаххас ва судманд меандешад. Яке аз мақсадҳои асосии стратегияи мазкур ин таъмин намудани таҳсилоти босифат дар муассисаҳои таҳсилоти ҶТ мебошад. Вазорати маориф ва илми ҶТ имрӯз лоиҳаи «Таҳсилоти босифат»-ро амалӣ намуда истодааст, ки дар доираи он якчанд муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани стандартҳои таҳсилот ва барномаҳои таълимиро ба нақша гирифтаанд[148]. Ҳамаи ин ворид шудан ба фазои таҳсилоти ягонаи ҷаҳонӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии муосир дар ҷараёни таълим ва таъмини шароити мусоид барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил равона гардидааст.

Дар баробари «Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2020», ки аз 30.06.2012, №334 қабул гардидааст, санади дигаре, ки давоми мантиқии он ба шумор меравад, ин «Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ барои давраи то соли 2030» ба шумор меравад. Стратегияи мазкур санади асосии муайянкунандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф мебошад, ки 29.09.2020, № 526 қабул карда шудааст. Стратегияи мазкур мақсад ва вазифаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, тамоюл ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи маорифро дар ҶТ муайян менамояд. Тавре ки аз мазмуни Стратегияи мазкур бармеояд, дар он таваҷҷуҳи бештар ба сифати таҳсилот, инчунин малакаҳои касбӣ ва салоҳиятҳое зоҳир мегардад, ки ҷавонон ва калонсолон дар ҷараёни таҳсилот ба даст меоранд. Дар

[148] Зиёӣ Х. Маориф: Дар роҳи рушд кушиши бештар намоем [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=32371. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

замони муосир дастовардҳои шахсии ҳар як шаҳрванд ба қобилияти мутобиқшавии ӯ ба дигаргуниҳо ва донишомӯзии доимии ӯ дар тули ҳаёт вобаста аст. Дар навбати худ соҳаи маориф бояд фазоеро муҳайё созад, ки барои рушди ин салоҳиятҳо мувофиқ бошад. Дар шароити изтироби иқтисодӣ, таъсири омилҳои беруна ва тағйироти демографӣ таҳсил дар тамоми тули ҳаёт ба вазифаи асосии соҳаи маориф табдил меёбад.

Дар даврони Истиқлоли мамлакат маҷмуи қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамоянд. Дар маҷмуъ, ҳамаи қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ барои дигаргунсозии низоми маориф, комёб шудан ба дастрасии баробар ба таҳсилот, ҳалли масъалаҳои гендерӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо роҳи баланд бардоштани сатҳи таҳсилот дар байни аҳолӣ равона шудаанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ба такмил ниёз дорад, то ки муқаррарот оид ба баробарии гендерӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ мушаххас карда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки Ҳукумати ҶТ дар солҳои охир маорифро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, масъалаҳои марбут ба онро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар Паёмҳои ҳарсолаашон ба Маҷлиси Олӣ қайд намуда, соҳаи мазкурро бахши асосии сиёсати идоракунии хеш қаламдод кардааст. Ин аст, ки то имрӯз ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 17 июли соли 2013, Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» аз 8 августи соли 2015, Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16 апрели соли 2012, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», Консепсияи миллии маълумот дар ҶТ соли 2006, Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҶТ барои солҳои 2011-2015, Низомномаи муассисаҳои таҳсилоти умумии ҶТ ва Барномаи системаи давлатии омӯзиши соҳаи ҳуқуқи

инсон дар ҶТ қабул гардида, мақсад аз он таъмини ҳуқуқи шахрвандон ба таҳсил мебошад.

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” мафҳуми “Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф” пешбинӣ шудааст, ки мазмунан он қадар аломатҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро дар худ таҷассум намекунад.

Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки дар қисми 1 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” мафҳуми “Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф” дар таърифи зерин илова карда шавад:

“Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф – маҷмуи омилҳои барномавӣ ва амалии дар қонунгузорӣ муқарраргардидаи таъсири давлатию маъмурӣ ба муносибатҳои соҳаи маориф аст, ки бо мақсади ба даст овардани самараи ҳадди аксар аз рушди он, таъмини ҳуқуқи шахрвандон ба таҳсил, дастрасии умумии хидматрасониҳои таълимӣ, инчунин фаъолияти муътадили муассисаҳои таълимӣ, ки метавонад аз ҳисоби низоми махсус ташкилшудаи ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ амалӣ шавад, роҳандозӣ карда шудааст”.

Бояд қайд кард, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар заминаи аломатҳои зерин фаҳмида мешавад:

– аввалан, объекти сиёсат дар самти маориф низоми маориф дар давлат мебошад, ки бояд аз маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар робита ба ҷамъоварӣ, низоммандсозӣ ва интишор додани донишҳо иборат бошад;

– дуюм, он як қатор унсурҳоро (мақсад, низоми принсипҳо, механизмҳо ва воситаҳои амалсозӣ, ки он дар маҷмуъ дорои сифати зарурии таъсири давлатию маъмурӣ ба субъектҳои соҳаи маориф ва муносибатҳои дар доираи он амалишаванда мебошад) дар бар мегирад;

– сеюм, давлат тавассути сиёсат дар самти маориф риояи ҳуқуқҳои шахс ва қонеъ гардонидани манфиатҳои ҷомеаро дар рушди ҳамаҷонибаи онҳо амалӣ ва таъмин менамояд, аз ҷумла таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсилро ба роҳ мемонад;

– чорум, сиёсати давлатӣ дар самти маориф дар маҷмуи барномаҳои таълимӣ ва комплексҳои методӣ ифода меёбад ва таҳияи онҳо имкон медиҳад, ки

донишҳо ба низом дароварда шуда, мақсад ва ҳадафҳои муайяни донишҳои илмӣ, ки ба талаботи иҷтимоӣ ҷавобгӯ мебошанд, мушаххас карда шаванд.

Яке аз навигариҳои дигари давраи инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар замони Истиқлол ин кафолат додани ҳуқуқ ба таҳсили фосилавӣ ва таъмин намудани шароити муосири моддию ҳуқуқӣ барои амалисозии он мебошад. Таҳсилоти фосилавӣ яке аз шаклҳои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил мебошад. Зеро дар ин намуди таҳсил донишҷӯ имкон дорад аз хона ва ҳатто берун аз кишвар бо истифода аз интернет дар донишгоҳ таҳсил намояд. Дар ин шакли таҳсил донишҷӯён имтиҳонҳои якуму дуюм, корҳои мустақилона ва корҳои курсиашонро ба таври фосилавӣ – онлайнӣ месупоранд ва танҳо имтиҳонҳои ҷамъбастӣ бо ҳузури донишҷӯ сурат мегирад. Мутахассисон ин шакли таҳсилро барои шаҳрвандон мувофиқ ва дастрас меҳисобанд.

Ҳукумати мамлакат бо ин мақсад дар кишвар қабули барномаҳо ва гузаронидани ислоҳотҳову навсозиро бомаром идома дода истодааст, ки низоми таҳсилоти фосилавӣ аз ҷумлаи онҳост.

29 майи соли 2017 бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 7/35 “Низомноаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул ва тасдиқ карда шуд, ки минбаъд низомномаи мазкур мақсад, вазифа ва ташкили раванди таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз низоми таҳсилоти фосилавӣ муайян мекунад.

Низоми таҳсилоти фосилавӣ – ин низоми ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ бо истифодаи технологияи муосири иттилоотию иртиботие мебошад, ки дар фосила татбиқ намудани раванди таълимро имконпазир мегардонад[149].

Яке аз донишгоҳҳое, ки аввалин шуда низоми мазкурро ҷорӣ намудааст, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ ба ин низом гузашта истодаанд. Раҳмоналӣ Мирзоев, сардори

[149] Қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ аз 29 майи соли 2017 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон » [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content/. (санаи мурочиат: 10.02.2022).

департаменти таълимии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мегӯяд: «Гузаштан ба шакли фосилавии таҳсилот тақозои замон аст. Таҳсилоти фосилавӣ ҳоло дар тамоми ҷаҳон васеъ паҳн гардидааст. Имрӯз дар ҷаҳон беш аз 7 миллион донишҷӯ ба таври фосилавӣ таҳсил мекунад[150].

Муаллиф ташкили низоми таҳсилоти фосилавии дар ҶТ ва амалӣ гардонидани онро дар зинаи таҳсилоти олӣ дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ яке аз омилҳои асосии инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дониста, ҷорӣ намудани онро дар кишварамон ба манфиати давлат ва ҷамъият мешуморад. Зеро бо назардошти вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ имрӯз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мардикорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта, дар як вақт имконитяи бевосита таҳсил намуданро надоранд. Шаҳрвандон бо истифода аз ин низоми таҳсилот ҳуқуқи дастраси ба таҳсилоти олиро пайдо намуда, бо маводи иттилоотии таълимӣ дар шакли электронӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотию иртиботӣ ва моҳворавӣ таъмин карда мешавад. Махсусияти дигари низоми таҳсилоти фосилавӣ дар он аст, ки низоми мазкур таҳсилоти олии касбиро новобаста аз мавқеи ҷойгиршавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва субектҳои раванди таълим таъмин менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ аз 22 декабри соли 2017 вазъи маорифи кишварро баррасӣ намуда, таъкид доштанд: «Мувофиқи назарсанҷие, ки созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ доир ба кишварҳои рӯ ба инкишоф анҷом додаанд, соли 2017-ум ҶТ аз рӯи 4 нишондиҳанда –дастрасӣ ба таҳсилот, сифати таҳсилот, сармояи инсонӣ ва қобилияти рақобати он дар миёни 101 давлати ҷаҳон ҷойи 54-умро соҳиб шудааст. Аз рӯйи ин таҳлил муайян мегардад, ки Тоҷикистон дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар самти дастрасӣ ба таҳсилот, сифати таҳсилот яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамояд»[151].

---

[150] Файзалӣ Ф. Таҳсилоти фосилавӣ: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар татбиқи он фаъол аст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=31168. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[151] Паёми Президенти ҶТ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ аз 22 декабри соли 2017. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/taxonomy/term/5/69. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

Ин далелҳо гувоҳи онанд, ки дар солҳои Истиқлоли давлатӣ он нақшаву барномаҳо, ки дар соҳаи инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар кишвар таҳти сарварии хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат амалӣ гардиданд, бенатиҷа намонда, ин соҳаи ҳаётан муҳим ва омили наҷоти миллатро аз вартаи ҳалокат ба сӯи рушди устувор роҳандозӣ намуд.

Дар охир бояд қайд кард, ки ҳатмӣ будан ва ройгон будани таҳсилоти умумии асосӣ, олии касбӣ ва иҷрои дурусти талаботи қонунгузорӣ ба насли бузурги ҷомеаи мо имконият медиҳад, ки, аз як тараф, дар ҷомеа бемории бесаводиро дар байни насли наврас маҳв намуда, аз тарафи дигар, ба ин васила ба пешравиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миллатамон ноил гардем.

Дар заминаи заҳмату талошҳо ва сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шароитҳои хуби иҷтимоию иқтисодӣ фароҳам оварда шуда истодааст, ки амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил давра ба давра рушд ёфта, ҳамакнун, ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ карда шуда истодааст.

БОБИ II. ТАКМИЛИ НАЗАРӢ ВА АМАЛИИ ФАҲМИШ, МОҲИЯТ ВА ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Фаҳмиш, моҳият ва аломатҳои асосии ҳуқуқ ба таҳсил

Инсон ҳамчун махлуқи бошуур шакли махсус ва зинаи олии инкишофи мавҷудоти зинда дар рӯйи замин, субъекти равандҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, эҷодкору қувваи ҳаракатдиҳандаи таърих ва бунёдгари маданият аст. Тули таърих ҳаққи инсон ва имкониятҳое, ки ба ин ё он сабаб ба ӯ дода мешуд, ҳуқуқи ӯ ба ҳисоб мерафт ва аз ин восита ҳуқуқу озодиҳои худро амалӣ менамуд. Ҳуқуқ ҳамчун ҷузъи ҳаёти инсонӣ зуҳуроти муҳимми ҷамъиятӣ барои ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ пайдо шуда, дар шакли ҳуқуқҳои тавлидӣ ва ҷудонопазири инсон, чун унсури шуури инсонӣ арзи вуҷуд дорад.

Ҳуқуқ ба таҳсил объекти таҳқиқоти соҳаҳои гуногуни илм буда, аз ҷумла дар соҳаи фалсафа, ҳуқуқшиносӣ, педагогика, ҷомеашиносӣ ва иқтисодиёт таҳқиқ мешавад. Файласуфони юнонӣ Пифагор (асри V то мелод), Гераклит (охири асри VI-аввали асри V то милод), Демокрит (асрҳои V-VI то милод), Пратогор (481-411 то милод), Суқрот (469-399 то милод), Афлотун (427-347 то милод), Эпикур (341-270 то милод) ва ҳуқуқшиносони римӣ Ситсерон, Улпиан, Гай Юлий Сезар, Юстиниан дар ташаккули фаҳмиш ва дарки ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил нақши муҳимро гузоштаанд, чунки онҳо дар олам инсонро ҳамчун офаранда ва унсури пешбарандаи ҷамъият шинохта, ҷанбаҳои муҳимми ҳуқуқи инсон ба таҳсилро аз қабили субъекти ҳуқуқ, мақоми ҳуқуқии шахсон ва озодии табиии онҳо дар интихоби озодонаи шакли таҳсил ва ғайраро коркард намудаанд, ки афкори сиёсию ҳуқуқии онҳо гувоҳи ин гуфтаҳо мебошад.[152]

Ҳангоми таҳлил намудани масъалаи мафҳум, моҳият ва мазмуни ҳуқуқ ба таҳсил, мо бояд донем ки ҳуқуқи инсон ба таҳсил чи падидаест ва ин ҳолат заруратеро ба миён меоварад, ки бояд назаре ба таърихи пайдоиш ва инкишофи

[152] Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон.– Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – С. 10-30.

ҳуқуқи инсон ба таҳсил андозем. Ҳамчунон ки Сотиволдиев Р.Ш. дар «Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ» қайд кардааст, «барои муайян намудани мазмуни андешаҳо ва назарияҳои дар ҳаёти имрӯза муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ – моро зарур аст, ки таърихи онро омӯзем»[153]. Маълум аст, ки ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар ҳаёти имрӯза аҳаммияти муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ дорад. Дар айни замон ба ду ҳолати асосӣ диққати махсус додан лозим аст:

а)асосҳои назариявии пайдоиши ҳуқуқи инсон ба таҳсил.

б)инъикоси ҳуқуқ ба таҳсил ва кафолати амалисозии он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Вобаста ба масъалаи пайдоиш ва инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил афкори файласуфони даврони қадим, аз қабили Сукрот, Демокрит, Гераклит, Афлотун, Арасту, Ситсерон, асрҳои миёна Августин, Фомаи Аквинӣ, Марсили Падуанӣ, давраи муосир ва замони нав Френсис Бэкон, Рене Декарт, Томас Гоббс, Бенидикт Спиноза, Ҷон Локк, Имануэл Кант, Томас Ҷеферсон, Фридрих Гегел, ҳамчунин афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷаҳони ислом ва мутафаккирони форсу тоҷик дар қарнҳои миёна ва замони нав, ки аз ҷумлаи беҳтарин файласуфон ва ҳуқуқшиносони он замон ба ҳисоб мерафтанд, бо далелу мисолҳои мантиқиву воқеӣ асоснок карда шудаанд, ки ҳар кадоми онҳо аҳаммияти назариявии худро дорад.

Ба таври васеъ истифода бурдани истилоҳи таҳсил дар асри XVII оғоз гардид. То ин замон олимон ба ҷои истилоҳи таҳсил калимаи таълим ва тарбияи ноболиғон ва наврасон ва ҳамчунин андӯхтани илму донишро истифода мебурданд. Танҳо дар асри XVII истилоҳи таҳсил дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот – таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи умумӣ, олӣ ва баъд аз он истифода бурда мешуд, ки маҳаки он таълиму тарбия ва инкишофи донишу малакаро дар бар мегирад. То замони нав ҳуқуқи инсон ба таҳсил ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқӣ, ки яке аз ҳуқуқҳои субъективии инсон ба ҳисоб меравад, истифода бурда намешуд ва танҳо ҳамчун предмети омӯзиш дар доираи илми педагогика мавриди пажуҳиш ва омӯзиш қарор мегирифт.

[153] Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – С. 9.

Ҳангоми таҳлили мавзуи баррасишаванда зарур аст, ки таълимоти сиёсиву ҳуқуқии олимони мухталиф бо мақсади пайдо намудани тасаввуроти умумӣ оид ба пайдоиши ҳуқуқ ба таҳсил, масъалаҳои назариявию давраҳои ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсилро баррасӣ кунем. Мақасад аз омӯзиши таълимоти сиёсиву ҳуқуқии олимони мухталиф оид ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил ин дарки моҳият ва мазмуни ғоявии он, андешаҳо ва назарияҳо, равшан намудани мазмуну моҳияти назарияҳои гузашта ва ҳозираи сиёсиву ҳуқуқӣ мебошад ва имконият медиҳад, ки ҷараёни таърихии ташаккулу инкишофи донишҳои назариявӣ роҷеъ ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил муайян гардад.

Ибораи ҳуқуқ ба таҳсил аз аввали пайдоишаш дар афкори файласуфон ва ҳуқуқшиносони қадим ба маъноҳои гуногун, аз қабили ҳуқуқ ба гирифтани таълим, талаби дониш (дар фарҳанги ислом) ва дигар маъноҳо истифода мешуд. Ҳамчунин, метавон гуфт, ки олимон пайдоиши падидаи ҳуқуқи инсон ба таҳсилро дар назарияҳои худ бо омилҳои гуногуни ҷамъиятӣ асоснок карда, андешаронӣ намудаанд. Масалан, масъалаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва амалисозии онро мо метавонем, ҳанӯз дар афкори файласуфони Юнони қадим пайдо кунем, ки дар афкори онҳо андешаҳо дар бораи таълими умумии ҳатмӣ, донишомузӣ ва тарбияву таълими ҳатмии кӯдакон андешаронӣ шудааст.

Сукрот менависад, ки «ҳамаи инсонҳо, инсонҳои қобилиятнок ва беистеъдод, бояд таҳсил кунанд ва омӯзанд, то ки тавонанд орзуҳои хостаашонро амалӣ кунанд»[154]. Ба ақидаи ӯ «аз дониш дида, чизи авлотар нест» ва донишҳои асосӣ ин донишҳои фитрӣ мебошанд ва одам ҳангоми таваллуд шуданаш билқувва дорои маърифати илмӣ ва ҳуқуқҳои фитрӣ аст. Аз ин ақидаи Сукрот дида мешавад, ки ӯ назарияи пайдоиши фитрии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон ишора ба он мекунад, ки инсон аз лаҳзаи чашм кушоданаш ба ин олами ҳастӣ аллакай дорои тафаккур буда, шахси донишманд ва шахсе, ки пайваста дар роҳи илмомӯзӣ қарор дорад ва таҳсил мекунад, аз волотарин шахсиятҳост. Ҳамчунин, Сукрот ин ақидаро низ пуштибонӣ мекунад, ки идоракунии давлатӣ бояд аз ҷониби шахси оқилу донишманд ба амал бароварда шавад, на аз ҷониби

[154] Нерсесянц В.С. Сократ. – М.: Наука, 1977. – С. 57.

касоне, ки аз уҳдаи идоракунӣ намебароянду давлатро бо ҳар роҳи ноадолатона идора мекунанд[155].

Афлотун яке аз файласуфони муътабар ва мутафаккири намоён ва асосгузори аввалин Академияи илмҳо ба ҳисоб рафта, дар асари худ «Сиёсатмадор» андешаи худро оид ба гирифтани таҳсил баён намуда, менависад, ки «донишу истеъдод нишонаи аввалиндараҷа ва муҳимми давлатдорист». Ӯ таъкид мекунад, ки дар ҳолати доштани дониши мукаммал ва истеъдод муҳим нест, ки ҳокимиятдорон такя ба қонун мекунанд ё намекунанд «чаро ки ҳар кас аз рӯйи саводу донишаш ҳуқуқу уҳдадориҳояшро ба амал мебарорад ва зарурияти қабули қонунҳои зиёдеро талаб намекунад»[156]. Яъне аз ақидаи Афлотун низ дида мешавад, ки нақши шахси донишманд, ки таълиму таҳсил намуда, дониш андӯхтааст, хело муҳим мебошад.

Афлотун назарияи ҳуқуқ ба таҳсилро ҷонибдорӣ намуда, ҳуқуқ ба таҳсилро яке аз ҳуқуқҳои ҳатмии инсон шуморида, менависад, ки «ҳамаи инсонҳо метавонанд ҳангоми ҳоҳиш доштанашон рафта дар омӯзишгоҳҳо таълим гиранд, ҳам пиру ҳам ҷавон, на танҳо шахсоне, ки падаронашон мехоҳанд ва набояд ҳеҷ кас садди роҳи кӯдакон барои гирифтани таҳсил шаванд, чунки кӯдакон асос ва ояндаи давлатанд».[157] Ҳамчунин, Афлотун пешниҳод мекунад, ки ҳуқуқ ба таҳсил дар давлат барои ҳар як шаҳрванди озод ҳамчун ҳуқуқи ҳатмӣ сарфи назар аз ҷинсият шуморида шавад. Ҳамаи мардон ва занон дар баробари якдигар ҳангоми ба амал баровардани ҳуқуқ ба таҳсилашон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар дошта, давлат дар амалисозии он ба воситаи омӯзишгоҳҳо иштирок кунад[158].

Ин назарияи Афлотун ба як идеяи муҳим табдил ёфта, ҳангоми кушодани омӯзишгоҳҳои илмӣ дар Афина ва Спарта ва таъсис додани низоми таҳсилотӣ, ки гирифтани таҳсили инфиродӣ ва умумиро кафолат медод, амалӣ гаштанд. Баъдан ин ақидаи Афлотунро педагогҳои машҳури Рими қадим Сенека, Ситсерон, Катон,

---

[155] Диноршоев А.М. Права человека в истории общественной мысли. – Душанбе, 2013. – С. 17.
[156] Платон. Политик / Исследование, перевод и комментарии Р.В. Светлова. – СПб.: Платоновское философское общество, 2018. – С. 21.
[157] Платон. Диалоги / Пер. с древнегреч.; Сост., ред. и авт. вступит, статьи А. Ф. Лосев; Авт. примеч. А. А. Тахо-Годи. – М.: Мысль, 1986. – С. 70.
158 Платон. Диалоги / Пер. с древнегреч.; Сост., ред. и авт. вступит, статьи А. Ф. Лосев; Авт. примеч. А. А. Тахо-Годи. – М.: Мысль, 1986. –С. 71.

Плутарх ва Квантилиан ҷонибдорӣ намуда, барои гирифтани таълими баробар дар сатҳу сифати баланд, ки шаҳрвандони Рим битавонанд дар оянда озодона ҳуқуқҳояшонро амалӣ кунанд, пешниҳодҳо намуданд.

Ситсерон, ки яке аз суханварони бузург буда, дар баъзе мурофиаҳои судии Рим ҳамчун ҳимоятгар баромад мекард, чунин менависад: «ягона роҳи расидан ба муваффақшавӣ ҳамчун инсони комил – ин таҳсил намудан ва худомӯзӣ кардан мебошад».[159] Ситсерон дар афкори ҳуқуқии худ қайд менамояд, ки ҳар як шахси бомаърифат ва донишманд барои шахсони дигар, ки ҳоҳиши таҳсил гирифтанро доранд, бояд бо камоли майл дониш омӯзонад. Бо анҷом додани ин амалҳо ҳамаи инсонҳои эҳтиёҷманд метавонанд соҳиби илм гарданд ва таҳсил бикунанд, ки боиси пешрафти маърифати инсонӣ ва фарҳанги ҳар як халқу миллатҳо мегардад. Аз ин ақидаи Ситсерон дида мешавад, ки ӯ таҳсил намуданро боиси инкишофи шахсият ва фарҳанг дар ҷамъият медонад. Мо метавонем ин ақидаро назарияи маърифатӣ-фарҳангии пайдоиши ҳуқуқи нисон ба таҳсил бидонем.

Идеяи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар афкори Квинтилиан низ инъикос гардида буд ва олим ба масъалаи таълиму тарбия дар оила диққати ҷиддӣ медиҳад. Квинтилиан, бузургтарин намояндаи афкори педагогии Рими Қадим, соҳиби ақидаи пешқадам буд, ки ҳамаи кӯдакон табиатан доно ҳастанд ва танҳо бо назардошти хусусиятҳои фардии онҳо тарбия ва таълими дурустро талаб мекунанд[160]. Ӯ мақсади асосии таҳсилро дар рушди мафкураи худи инсон дар ҷамъият ва баромадан аз уҳдаи иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандӣ медид. «...Ва ман, – менависад Марк Фабиус Квинтилиан, – синну солро ба назар мегирам: ман намехоҳам, ки кӯдак маҷбуран таҳсил кунад, ман аз ӯ кӯшиши пурра талаб намекунам. Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки аз ҳама бештар эҳтиёт шавед, то кӯдак аз омӯзиш, ки ҳанӯз вақти дӯсташ надошта бошад, бадбинӣ накунад ва вақте ки як бор талхиро аз сар гузаронидааст, ҳатто дар калонсолӣ аз он натарсад. Таълим барои ӯ бояд шавқовар бошад; гоҳе бо дархост, гоҳе бо таъриф ӯро руҳбаланд кардан, ба дараҷае расондан лозим аст, ки вақте чизе омӯзад, шод

[159] Джуринский А.Н. История зарубежной педагогики. – М: Издательская группа ФОРУМ ИНФРА-М, 1998. – С. 57.
[160] Мир философии: Книга для чтения. Ч. 2. Человек. Общество. Культура / Составители: П.С. Гуревич, В.И Столяров. – М.: Политиздат, 1991. – С. 150.

шавад ва ҳасад барад, ки ба дигарон таълим медиҳад, агар худаш танбалӣ накунад; дар муваффақият бо ҳамсолонаш мусобиқа карда, аксар вақт худро ғолиб мешуморад; барои ин мукофотҳое, ки барои ин синну сол хеле ҷолибанд, зиёдатӣ нахоҳанд буд»[161].

Асрҳои миёна як давраи таназзули инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсилро чи дар Аврупо ва чи дар Осиё рӯйи кор овард. Бо муқоиса аз давлатҳои пешин вазъи инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил бо сабабҳои гуногун паст фаромад. Тундгардии мустамликаҳои бузурги дунёи қадим, моҷароҳои динӣ ва сиёсии кишварҳои алоҳида, таъсиррасонии сахти идеологӣ ва динӣ ба рушд ва инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ то андозае таъсири манфӣ расониданд. Сабабгори ин ҳама муборизаи байниҳамдигарии ҷараёнҳои оштинопазири динҳои ҷаҳонӣ (дини насронӣ, дини буддоӣ ва дини бузурги ислом), ҳисси худхоҳии давлатҳои ҷангҷӯи асрҳои миёна, ки мақсади оламгириро дар сар доштанд, ба шумор мерафт. Вале бо вуҷуди ин ҳама ҳодисаҳо ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар ҷомеа мақоми худро гум накард.

Махсусияти ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар асрҳои миёна дар он буд, ки ҳуқуқи инсон ба таҳсил чун қисми таркибии ҳуқуқ дар тобеияти динҳои ҷаҳонӣ монда буд. Аз ин рӯ, динҳои ҷаҳонии буддоӣ, насронӣ ва дини Ислом дар қатори таълимоти диниро муқаррар намудан, таълимоти ҳуқуқӣ низ доштанд. Муносибатҳои ҷамъиятӣ тибқи меъёрҳои динӣ ва расму одатҳо ба танзим дароварда мешуд.

Давраи эҳё ва замони нав бошад, давраи рушд ва инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ба ҳисоб меравад. Ҷаҳонбинии нави ҳуқуқии замони нав тасаввуроти навро оид ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил кашф кард. Масалан, баъди инқилобҳои буржуазии Англия ва Фаронса ҳуқуқи инсон ба таҳсил ба зинаи нави инкишофи худ расид, чунки ин ҳуқуқ мавқеи устуворро дар конституцсияҳои расмии давлатҳо пайдо намуд, яъне асоси роҳ ёфтани ҳуқуқи инсон ба таҳсил ба санадҳои байналмилалӣ ва конституцсионии дохилидавлатӣ гардид.

[161] Петров М.К. Античная культура. – М.: Росспэн, 1997. – С. 40.

Дар таҳлили мавзуи баррасишаванда муайян кардани нуқтаи назари дуюм, яъне ин шакли меъёрӣ-ҳуқуқӣ гирифтан ва ба расмият даровардани ҳуқуқ ба таҳсил ва кафолати амалисозии он дар қонунгузорӣ ва санадҳои байналмилалӣ аҳаммияти муҳимми илмӣ дорад, чунки муайян кардани сабаб ва асосҳои шакли меъёри ҳуқуқӣ-расмӣ гирифтани ҳуқуқ ба таҳсил ин яке аз ҳадафҳои кори тадқиқотӣ мебошад.

То охирҳои асри XVII дар тамоми кишварҳои дунё ҳуқуқи инсон ба таҳсил қисман амалӣ мегардид ва ё комилан риоя намешуд. Сабаб дар он буд, ки моҷароҳои динӣ ва сиёсӣ баъзе кишварҳои ҷаҳонро ноором карда, муборизаҳои байниҳамдигарии ҷараёнҳои оштинопазир дар байни динҳои ҷаҳонӣ авҷ гирифт, сар задани инқилобҳои гуногун, тағйирёбиҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, таъсиррасонии сахти сиёсӣ ва идеологӣ ба рушди илми ҳуқуқ ва дар натиҷа ба рушди ҳуқуқи инсон ба таҳсил халал ворид карданд. Ягон механизми ҳифзи ҳуқуқ ба кор намеомад ва аз ҳама муҳиммаш ин ҳуқуқ дар ягон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шакли расмиро нагирифта буд, то ки амалисозии онро ба шаҳрвандон кафолат диҳад.

Масъалаи кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз омилҳои муҳимми инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ба шумор меравад. Зеро дар асоси кафолатҳо механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил таъсис меёбанд, ки мо шаҳрвандон дар ҳолати поймол гардидани ин ҳуқуқамон аз он истифода мебарем. Барои истифода намудан аз механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон шаҳрвандон бояд дорои дониши кофӣ ва аз меъёри қонун ва ё санади байналмилалие, ки истифода аз ин механизмро кафолат додааст, бархӯрдор бошанд. Масалан, А.М. Диноршоев қайд менамояд, ки «кафолати ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд – ин восита ва шароитҳое мебошад, ки имконияти истифода аз ҳуқуқҳои пешбинигардидаи Конституцсия, санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таъмин месозад»[162].

[162] Диноршоев А.М. Права человека. – Душанбе, 2012. – С. 212.

Барои кафолати амалӣ гардидани ҳуқуқ ба таҳсил ба шаҳрвандон ва ҳимоя намудани он ҳангоми нақзи ҳуқуқ давлатҳоро зарур омад, ки ин ҳуқуқро шакли расмӣ дода, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ намоянд.

Шакли меъёрии ҳуқуқӣ гирифтан ва ба расмият даровардани ҳуқуқ ба таҳсил ва кафолати амалисозии он дар қонунгузорӣ аввалин маротиба соли 1793 дар Фаронса, ҳангоми қабули конституцияи якум – Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд қабул гардид, ки дар моддаи 22 он ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрвандро ба таҳсил кафолат дода буд[163]. Соли 1919 Конституцияи Веймар уҳдадории давлатро дар бораи таъмин намудани ҳуқуқ ба таҳсил муқаррар намуда, ҳуқуқ ба таҳсили ҳатмии ройгонро кафолат дод[164]. Хулосаи шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ нишон дод, ки баъди Ҷанги якуми ҷаҳон Эъломияи Женева дар соли 1924 ба эътирофнамоии байналмилалии ҳуқуқ ба таҳсил оварда расонид.

Соли 1848 Конституцияи Германия дар моддаи 157-ум таҳсили ибтидоии ройгонро кафолат дода буд. Аввалин маротиба истилоҳи «ҳуқуқи инсон ба таҳсил» дар соли 1917 дар Конституцияи Мексика мустаҳкам гардонида шуда, мавқеи конституциониро гирифт[165]. Дар Россия ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар сатҳи конституционӣ дар моддаи 117-уми Конституцияи соли 1918 мустаҳкам гардонида шуд. Ҳуқуқи инсон ба таҳсил бо нишон додани уҳдадории давлат барои таъмини он бори аввал дар моддаи 121 Конституцияи ИҶШС дар соли 1936 муқаррар гардида буд. Ҷумҳурии Кореи Шимолӣ ҳуқуқ ба таҳсилро ҳам дар сатҳи конституционӣ ва ҳам дар сатҳи қонунгузории ҷорӣ эътироф намуда, кафолат додаанд.[166] Дар баробари ин, давлатҳо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бошад, ҳуқуқ ба таҳсилро дар сатҳи конституционӣ эътироф накардааст. Суди

---

[163] Декларация прав человека и гражданина, принятая национальным собранием 26 августа 1789 г. [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: https://www.vostlit.info/Texts/Dokumenty/France/XVIII/1780-1800/Dokumenty_fr_rev_1789/text.htm (санаи мурочиат: 18.11.2022).

[164] Конституция Германского рейха, 11 августа 1919 г. [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: https://www.1000dokumente.de/index.html?c=dokument_de&dokument=0002_wrv&object=translation&l=ru (санаи мурочиат: 18.11.2022).

[165] Право на образование // Юридическая энциклопедия / Под. ред. Тихомирова М.Ю. - 5-е изд., перераб. и доп. – М.: Изд. Тихомирова, 2014. –С. 115.

[166] Dreams of a Korean Summer: School and a New Cell — New York Times. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:https://www.nytimes.com/2005/08/27/world/asia/dreams-of-a-korean-summer-school-and-a-new-cell.html (санаи мурочиат: 30 сентября 2017).

ИМА дар сатҳи федералӣ ва дар сатҳи иёлотҳо баъзе ҳуқуқҳо, аз ҷумла ҳуқуқ ба имконияти баробар дар гирифтани таҳсилро кафолат додааст.

Кушодани мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи инсон ба таҳсил талаб менамояд, ки пеш аз ҳама ба моҳияти ҳуқуқ ва мафҳуми ҳуқуқи инсон равшанӣ андохта шавад, чунки ҳуқуқ ба таҳсил яке аз шаклҳои асоси ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Ҳуқуқ падидаи беназири ҳаёти инсон ва ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимми ҷамъиятӣ аст, ки аз маҷмуи муқаррароти меъёрии умумиҳатмӣ иборат буда, адолат, озодӣ, ҳуқуқҳои инсон ва дигар арзишҳои ҳуқуқиро инъикос намуда, шаклҳои расмии ифода дорад ва муносибатҳои ҷамъиятиро бо мақсади таъмини муташаккилӣ, тартибот ва рушди ҷомеа танзим мекунад. Ҳуқуқи инсон ин андоза, имкониятҳо ва салоҳиятҳои фитрии фард мебошанд, ки ҳаёт, қадр ва озодии инсонро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъмин мекунад[167]. Ба маънои позитивиаш бошад, ҳуқуқи инсон ин чораи рафтори имконпазири инсон аст, ки бо қонун ҳамчун қоидаҳои динӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ кафолат дода мешавад. Ба маънои фитриаш бошад, ҳуқуқҳои фитрии инсон ин ҳуқуқҳое мебошанд, ки аз фитрати инсонии ӯ ба миён омада, амалисозии он дахолати давалатро талаб намекунад, новобаста аз инъикосаш дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат ҷой доранд, аз тарафи давлат эътироф риоя ва ҳифз карда мешаванд.

Ҳуқуқ ва таҳсилот ҳамчун унсури марказии ҷомеа бо ҳам дар алоқамандии зич қарор доранд, чунки тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷараёни амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд, қатъ мегарданд ва ба воситаи ҳуқуқ ба танзим дароварда мешаванд. Дар зери мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил мо метавонем се категорияи илми мантиқиро фаҳмем:

а) ҳуқуқ ба таҳсил – ҳамчун яке аз намудҳои ҳуқуқи инсон (ҳуқуқи субъективии инсон), имкониятҳои ба шахс додашуда мебошад, ки онро бо тартиби муқаррарнамудаи қонун амалӣ карда мешавад, ки ин нуқтаро [168].

б) ҳуқуқи таҳсил ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, ки дар низоми ҳуқуқии баъзе аз давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла ҶТ эътироф гардидааст. Ҳамин ҷо қайд кардан зарур

[167] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат (китоби дарсӣ). – Душанбе: “Сино”, 2018. – С. 366.
[168] Бондаревский, А.Е. Право человека на образование: сущность и принципы: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2013. – С. 78.

аст, ки олимони барҷастаи рус Е.Д. Волохова, С.В. Куров, В.И. Шкатулла, М.Ю. Федорова, Д.А. Ягофаров ҳуқуқи таҳсилро ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ эътироф мекунанд.

В.М. Сирых дар китоби худ бо номи «Образовательное право как отрасль российского права» ҳуқуқи таҳсилотро ҳамчун соҳаи ҳуқуқ эътироф ва маънидод намуда, мафҳум ва мазмуни онро овардааст.[169] Муалиф қайд менамояд, ки ҳуқуқи таҳсилот хусусияти махсуси танзимнамоии ҳуқуқӣ дошта, муносибатҳои ҳуқуқи таҳсилоти дорои обект, субект ва мазмун мебошад, ки моҳиятан соҳаи ҳуқуқ будани ҳуқуқи таҳсилотро мустаҳкам менамояд.

Як гурӯҳи дигари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки ҳуқуқи таҳсилот – ин низоми меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ байни иштирокчиёни амаликунандаи ҳуқуқ ба таҳсил аст[170].

в) таҳсилоти ҳуқуқӣ – маҷмуи чорабиниҳо оид ба тарбия ва таҳсили ҳуқуқӣ. Ба воситаи он шахс имконияти пурра пайдо намудани донишҳои худро оид ба ҳуқуқ ва меъёрҳои он, принсипҳои ҳуқуқ ва сарчашмаҳои ҳуқуқ, ҳамчунин, амалисозии муносибатҳои ҷамъиятии худро дар доираи қонун пайдо мекунад.[171]

Албатта, маълум аст, ки таҳсилот раванди мутассили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шуда, объекти таҳқиқоти соҳаҳои гуногуни илм буда, аз ҷумла дар соҳаи илми фалсафа, ҳуқуқшиносӣ, педагогика, сотсиология ва иқтисодиёт таҳқиқ карда мешавад[172].

Таълим фаъолияти муштараки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи кӯдак, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии ӯ мебошад.

Тарбия раванди мақсадноки ба воя расонидани кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ, ҷамъият ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ ҳисоб мехӯрад.

---

[169] Сырых В.М. Образовательное право как отрасль российского права. – М., 2000. – С. 104.
[170] Шкатулла В.И. Образовательное право России: Учебник для вузов. – М.: Юстицинформ, 2015. – С. 7.
[171] Кураков Л.П. Экономика и право: словарь-справочник. – М.: Вуз и школа, 2004. – С. 87.
[172] Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 №1 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2013, №2, мод. 33.

Муҳаққиқи рус Е.М. Павленко қайд мекунад, ки «таҳсилоти шаҳрвандӣ – раванди таълимеро ифода месозад, ки дар асоси муносибати расмӣ ва ғайрирасмӣ бо мақсади иҷтимоикунонии шахсият, таъмини рушди устувори инсонҳо, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд амалӣ карда мешавад»[173].

Таҳсилот, ҷараёни муттасили таълиму тарбия мебошад, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона шудааст, таълим раванди аз бар намудани дониш, касб ва малакаи фаъолиятро ифода намуда, чун воситаи асосии тайёршавии шахс ба ҳаёт ва меҳнат муаррифӣ мегардад. Истилоҳи тарбия ташкили шароити мусоид барои инкишоф ва худ инкишофёбии инсон, азхуднамоии таҷрибаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, арзишӣ ва меъёрҳои ҷамъиятиро дар назар дорад[174].

Моҳиятан таҳсилот бо худ ҷараёни мақсадноки тарбия ва таълимро ба манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат ифода менамояд, ки он метавонад аз рӯйи зинаҳои таҳсилотии аз ҷониби давлат муайяншуда ба даст оварда шавад.

Ҳуқуқи инсон ба таҳсил мафҳуми хело мураккабу гуногунҷабҳа буда, оид ба он байни олимон андешаи ягона вуҷуд надорад, аз ин хотир ба он мафҳуми ягона ва тафсири якмаъноӣ додан душвор аст.

Е.М. Павленко фаҳмиши мафҳуми таҳсилоти шаҳрвандиро тавзеҳ дода, чунин қайд менамояд, ки: «Таҳсилоти шаҳрвандӣ раванди таълимиеро фаро мегирад, ки дар асоси муносибати расмӣ ва ғайрирасмӣ бо мақсади иҷтимоикунонии шахсият, таъмини рушди устувори Федератсияи Россия ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд амалӣ карда мешавад, яъне ҷанбаҳои алоҳидаи донишҳои ҳуқуқӣ ва таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсонро фаро мегирад»[175]. Ба андешаи муаллиф таҳсилоти шаҳрвандӣ боиси ташаккули шуури ҳуқуқии конституцсионӣ ва фарҳангӣ мегардад.

---

[173] Павленко Е.М. Формирование культуры прав человека и конституционного правосознания в современной России: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 85.
[174] Сафаров Б.А. Ҳуқуқи инсон (дар нақшаҳо). – Душанбе: Баҳманруд, 2013. – 207 с.
[175] Павленко Е.М. Формирование культуры прав человека и конституционного правосознания в современной России: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 89 .

Дар баробар ин, Саъдизода Ҷ. дар таҳқиқоти илмии худ мафҳуми навъи нави таҳсилро бо номи – таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон пешниҳод менамояд. Муаллиф ба он ақида аст, ки таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон – заминаи асосии инкишофи фарҳанги ҳуқуқи инсон ба ҳисоб рафта, омили асосии баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии инсон дар ҷомеа мегардад. Яъне оммавӣ намудани андешаи «волоияти ҳуқуқи инсон» ин хуб ба роҳ мондани таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аст. Муаллиф қайд мекунад, ки таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон – ин раванди муташаккил ва мақсадноки таълиму тарбия дар руҳияи эҳтиром, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аст, ки мақсад аз он рушди малакаю маҳорат, қобилияти амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва дар асоси стандартҳои таълимӣ дар ҳар як шахс ба вуҷуд овардани фарҳанги ҳуқуқи инсон аст[176].

Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон қисми таркибии сиёсати давлатии таълим буда, дар асоси барномаи таълимӣ ба роҳ монда мешавад ва давлат дар ин ҷода сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф ба роҳ мемонад. Ҳарчанд оид ба мавқеи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми таҳсилот байни олимон ягонаандешӣ нест, аммо мо метавонем ба ақидаи Саъдизода Ҷ. розӣ шуда, пешниҳоди муҳаққиқро дастгирӣ намоем.

И. Кант – яке асосгузорони равияи озодии ҳуқуқи инсон, ба мафҳуми ҳуқуқи инсон ба таҳсил чунин равшанӣ меандозад: «Ҳуқуқи инсон ба таҳсил ин воситаи асосии дурахши (инкишофёбии) инсонҳост, ки инсонро аз вартаи бесаводию бемаърифатӣ, ки дар он худи инсонҳо гунаҳгоранд, мебарорад[177].

Фридрих Гегел менависад, ки «ҳуқуқ ба таҳсил ҳуқуқи табиии инсонҳо ба шумор рафта, ба ҳар як инсони рӯйи Замин имконият медиҳад, ки инсони ҳақиқӣ будани худро дарк кунад ва ба озодӣ ва меҳнати дараҷаи олӣ расад»[178].

Масъалаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар афкори муҳаққиқи фаронсавӣ Д. Дидро низ мавқеи марказиро касб намудааст. Д. Дидро бар ин ақида аст, ки

---

[176] Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2017. – С. 203.

[177] Малер-Матьязова Е. «Что такое Просвещение?» – (философский ответ И.Канта и вопрос М.Фуко (По материалам Международного конгресса, посвященного 280-летию со дня рождения и 200-летию со дня смерти Иммануила Канта). – М.: ИФ РАН, 2005. – С. 182.

[178] Гегель Ф.В. Философия права / под ред. В.С. Нерсесянца. – М.: Мысль, 1990. – С. 232-233.

таҳсил намудан ба инсон озодӣ ва арзишнок буданро меорад, ки дар натиҷаи он ҳатто ғуломон мефаҳманд, ки онҳо барои ғуломӣ таваллуд нашудаанд[179].

Ба ақидаи муҳаққиқи рус П.И. Новогордсев таҳсил ин пайванде ба шумор меравад, ки инсонҳоро аз донишҳои куҳна ба азхудкунии донишҳои нави ҷамъиятӣ равона мекунад. Муҳаққиқ ҳуқуқи инсон ба таҳсилро ҳамчун унсури инкишофи инсон ва озодии ӯ дар табиат, ҷомеа ва давлат мешуморад[180].

Е.А. Лукашева ҳуқуқи инсон ба таҳсилро яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инкишофёбандаи инсон шуморида, чунин тафсир аз мафҳуми ҳуқуқи инсон ба таҳсилро пешниҳод менамояд: «Ҳуқуқи инсон ба таҳсил яке ҳуқуқхои фарҳангии инсон ба шумор рафта, ба ҳар як шахс имконият медиҳад, ки шахси комилҳуқуқи ҷамъият гардад ва мавқеи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии худро дар ҷомеа муайян намояд. Ҳуқуқи инсон ба таҳсил ин ҳуқуқи ҳар як шахс оид ба гирифтани таҳсили ҳатмии ибтидоии ройгон, таҳсилоти миёна, касбии техникӣ ва таҳсилоти олӣ дар доираи муқаррарнамудаи қонун ва санадҳои байналмилалӣ мебошад»[181].

Е.Д. Волохова моҳияти ҳуқуқ ба таҳсилро равшан сохта, бар он ақида аст, ки дар натиҷаи амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил насли инсоният дар натиҷаи амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил дорои донишҳои илмӣ гардида, талаботҳои маънавӣ ва донишҳои дигари ҷамъиятиро, ки боигариҳои илмии аҳли башариятро дар бар мегирад, ба даст меорад. Ӯ ҳамчунин, қайд менамояд, ки ин шарти зарурии омодашавии инсон ба зиндагӣ ва меҳнат мебошад[182].

Л.А. Далникова табиати ҳуқуқии ҳуқуқи инсон ба таҳсилро дар рисолаи номзадии худ бо номи «Ҳуқуқи конституцсионии шаҳрвандони советӣ ба таҳсил» маънидод намуда, дар зери мафҳуми таҳсилот раванд ва натиҷаи азхудкунии низомнокии дониш, маҳорат ва малакаи инсонро мефаҳмад[183].

Равоншиносон бар он ақидаанд, ки бо амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил, инсон метавонад донишу маҳорат ва малакаи касбӣ ба даст оварда, боиси инкишоф

---

[179] Бондаревский, А.Е. Право человека на образование: сущность и принципы: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2013. – С. 113.
[180] Новгородцев П.И. Об общественном идеале. – М.: Издательство «Пресса», 1991. – С. 546–549.
[181] Права человека: учебник / отв. ред. Е.А. Лукашева. – 3-е изд., перераб. – Москва: ИНФРА-М, 2022. – С. 170.
[182] Волохова Е.Д. Понятие и содержание конституционного права на образование // Право и образование. – 2002. – № 3. – С. 22-32.
[183] Дольникова Л.А. Конституционное право на образование советских граждан: дисс... канд. юрид. наук. – Саратов, 1984. – С. 37.

ёфтани ҳолати руҳии инсон гардида, қобилияти даркнамоӣ ва фикрроиаш баланд гардад[184].

«Фарҳанги бузурги энсиклопедии шуравӣ» таҳсилотро ҷараёни инкишоф ва худинкишофёбии шахсият, омӯзиши донишҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи инсоният маънидод кардааст, ки дар донишу мафкура ва эҷодиёту истеъдоди инсонӣ дар алоқамандӣ ба олам таҷассум мегардад ва шартҳои асосии нигоҳдошт ва инкишофи муносибатҳои фарҳангӣ мебошад[185].

Дар «Фарҳанги бузурги ҳуқуқӣ» зери мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил чунин ҷумла оварда шудааст: «Ҳуқуқи инсон ба таҳсил яке аз ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон мебошад, ки қариб дар тамоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ – Конституцсия ва дигар санадҳои ҳуқуқии миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мустаҳкам гардида, кафолати худро ёфтааст ва барои инкишофи худи инсон ҳамчун унсури марказии ҷамъият равона гардидааст»[186].

Як гурӯҳи муаллифон ҳуқуқи инсон ба таҳсилро чун воситаи муваффақшавии инсон ба неъматҳои асосии моддию маънавӣ, амалисозии лаёқату истеъдодҳои худ, гурӯҳи дигар ҳамчун усули худтасдиққунии нотакрору мустақилонаи шахсият маънидод мекунанд, зеро амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил он талаботҳои шахсиятро ошкор месозанд, ки таъминсозии онҳо ба вай имконият медиҳад, чун узви ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишоф ёбад.

Ҷ. Саъдизода чунин қайд менамояд, ки: «Яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани фарҳангии ҳуқуқи инсон ва оммавӣ намудани андешаи волоияти ҳуқуқи инсон ин хуб ба роҳ мондани таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аст».[187] Таълим яке аз унсурҳои асосии ҳуқуқ ба таҳсил мебошад, ки дар шакли талаботҳо ва муқарраротҳо ҷой дорад. Андешаи муҳаққиқро тарафдорӣ карда, қайд менамоем, ки дар замони муосир яке аз омилҳои асосие, ки ба инкишофи фарҳанги ҳуқуқии мардум, шуури ҳуқуқӣ ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон

---

[184] Педагогическая энциклопедия. В 4 томах. Том 3. / ред: И.А. Каиров, Ф.Н. Петров. – М.: Советская энциклопедия, 1966. – С.141.

[185] Большой советский энциклопедический словарь. / ред. А.М. Прахоров – Издание 4-е, испр. и доп. – М.: Советская Энциклопедия, 1989. – С. 907.

[186] Большой юридический словарь / Под ред. А. Я. Сухарева. – 3-е изд., доп. и перераб. – М.: ИНФРА-М, 2007. – С. 518.

[187] Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон. дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2017. – С. 202.

таъсири муҳим мерасонад, ин ҳуқуқ ба таҳсил мебошад, чунки инсон бо амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил соҳиби донишҳои кофӣ гардида, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии худро метавонад ташаккул диҳад.

Е.М. Павленко қайд менамояд, ки мақсади асосии амалӣ гадонидани ҳуқуқ ба таҳсил ин ба даст даровардани донишҳои кофӣ, малакаву маҳорат, таҳким бахшидани эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, рушди пурра ва ҳамаҷонибаи шахсият ва дарки шаъну шарафи инсонӣ, таҳаммулпазирӣ ва иштироки самаранок ва озодона дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад[188].

Б.Т. Лихачев қайд менамояд, ки дар замони муосир дар давлати ҳуқуқбунёд унсури муҳим ва асосии амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ин таълим ва тарбияи хонандагон ба ҳисоб меравад[189]. Воқеан, барои ҳамчун шаҳрванди комилҳуқуқи давлати ҳуқуқбунёд баромад кардан аз ҳар як инсон ва шаҳрванд талаб карда мешавад, ки ҳуқуқ ба таҳсилашро амалӣ гардонида, соҳиби донишҳои муайян гардад, ҳуқуқ ва ухдадориҳои худро донад ва ҷавобгариҳои ҳуқуқиро ба зимааш бигирад. Ҳамаи ин дар ҷараёни гирифтани таълим ба миён меояд ва дар шуури инсон пайвандии ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангиро ба вуҷуд меорад.

Моҳияти ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар мазмун, таъйинот, хусусият, аҳаммият ва мавҷудияти ҳуқуқи инсон ба таҳсил ифода меёбад ва масъалае мебошад, ки то кадом андоза ба инсон муҳим ва аҳаммиятнок будани ин ҳуқукро ҳамчун ҳуқуқи асосӣ муайян мекунад. Асоси ин нуқтаи назарро моддаи 41 Конституцсияи ҶТ муайян намудааст. Амалисозии ин ҳуқуқ бевосита ба инкишофёбии шахсияти инсон равона мегардад. Асосан, моҳияти тамоми ҳуқуқҳои инсон (шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ) шахсӣ мебошад, чунки ҳамаи онҳо барои рушди бемайлони инсон равона гардидаанд[190].

Яке аз махсусиятҳои ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар он ифода меёбад, ки он ҷавҳари асосии амалисозии ҳамаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, кафолати амалисозии ҳамаи ҳуқуқҳои дигари инсон ба ҳисоб меравад. Он

---

[188] Павленко Е.М. Формирование культуры прав человека и конституционного правосознания в современной России: дис... канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 79.
[189] Лихачев Б.Т Педагогика: курс лекции. Учеб пособие. – 4-е изд. перераб. и доп. – М.: Юрайт, 2000. – С. 302.
[190] Саидов И.И. Инкишофи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва сиёсии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2017 – 148 с.

яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи муосир ба шумор меравад, ки дар шароити имрӯзаи дигаргуншавиҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ мавриди таваҷҷуҳи давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ қарор дорад.

Дар ин замина давлат уҳдадор аст, ки ҳуқуқ ба таҳсили инсонро эҳтиром, ҳимоя намояд ва дар амалисозии он чораҳо андешад.

Уҳдадории давлат оид ба эҳтироми ҳуқуқ ба таҳсил давлатро аз содир кардани амалҳое манъ мекунад, ки ба маҳдудсозии ҳуқуқ ба таҳсил оварда расонад. Давлат бояд озодии шахс ва волидайнро дар озодона интихоб намудани шакли таҳсил ва намуди муассисаи таълимӣ кафолат диҳад.

Уҳдадории давлат оид ба ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил талаб менамояд, ки давлат бо истифода аз фаъолияти қонунбарорӣ меъёрҳоеро муқаррар намояд, ки барои ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил равона гардидааст. Масалан, барои аз байн бурдани монеаҳо дар амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил, маҳдудсозии он аз ҷониби дигарон ва ғ.

Андешидани чораҳои зарурӣ оид ба амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил яке аз уҳдадориҳои дигари давлат ба ҳисоб меравад. Моҳияти ин уҳдадорӣ дар он ифода меёбад, ки давлат барои амалӣ гардонидани ҳуқуқ ба таҳсил шароитҳои хуби моддӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва техникиро таъмин намояд. Барои шахсоне, ки имконияти иҷтимоияшон барои амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил маҳдуд аст, барои шахсони дорои қобилияташон маҳдуд ва оҷиз, барои маъюбон бояд шароитҳои махсусро таъмин намояд, то ки онҳо низ дар баробари дигар қишри ҷомеа ҳуқуқ ба таҳсилашонро амалӣ намоянд.

Ин се уҳдадориашро агар давлат иҷро намояд, он гоҳ инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар давлат амалӣ гардида, сатҳи босаводӣ инкишоф меёбад, донишмандону мутахассисон зиёд мегарданд, ки ин барои ҳам инсонҳо ва ҳам давлат манфиатовар аст.

Ҳуқуқ ба таҳсил – ин имкониятҳои воқеии аз ҷониби давлат ва ҷомеаи байналхалқӣ кафолатдодашудаи шахсият барои гирифтани таълим, истифода бурдани донишҳо ва малакаҳои касбӣ ба мақсади баланд бардоштани сатҳи мадании ӯ ба манфиати шахсӣ ва аҳли ҷомеа ва давлат мебошад, ки тибқи тартиби зина ба зина муқарраркардаи давлат амалӣ карда мешавад. Он маҷмуи меъёрҳои

ҳуқуқие мебошад, ки бо мақсади таъмини имконияти шаҳрвандон барои гирифтани донишу таълим равона гардида, тамоми муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки дар раванди дастрасӣ ёфтани инсон ба таҳсилот ба миён меоянд, ба танзим медарорад.

Дар баробари таҳлили мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил, муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқ ба таҳсил яке аз аҳдофи рисолаи мо ба ҳисоб меравад. Ба назари мо, ҳуқуқ ба таҳсил чунин хусусиятҳои муҳимро доро мебошад, ки аз мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи инсон ба таҳсил бармеояд:

1. Ҳатмӣ будани таҳсилоти ибтидоӣ ва моҳияти синнусолӣ доштани он;

2. Мақоми конституцсионӣ доштани он, ки аз арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон ба таҳсил шаҳодат медиҳад;

3. Ҳатмӣ будани риояти он барои риояи дигар ҳуқуқҳои инсон, яъне шинохт, эътироф, амалисозӣ, ҳифз ва ҳимояи комили тамоми ҳуқуқҳои дигари инсон танҳо замоне муяссар мешаванд, ки ҳуқуқ ба таҳсил амалӣ шавад. Бар иловаи ин, амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ба шахс имконияти фароҳам овардани шароит барои амалисозии ҳуқуқҳои дигари инсонро медиҳад;

4. Кафолат доштани он тавассути санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ;

5. Ҷавобгарии ҷиноятӣ доштани нақзи он;

6. Позитивӣ будани ҳуқуқ ба таҳсил. Яъне дар баробари аз тарафи давлат муқаррар гардидани он тартиби зина ба зина амалисозии таҳсилотро низ давлат муайян мекунад;

7. Вертикалӣ будани тамоми муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар раванди амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ба миён меояд. Ба ибораи дигар, иштирокчиёни ин гуна муносибатҳо баробарҳуқуқ набуда, яке аз тарафҳои ҳатмии он давлат ба шумор меравад ва кафолат додани ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби давлат шарти муҳимми амалисозии онро ташкил медиҳад;

8. Манфиати маънавиву моддӣ доштани амалисозии он;

9. Хусусияти барномавӣ доштани ҳуқуқ ба таҳсил. Ҳуқуқҳои барномавӣ гуфта, он ҳуқуқҳоеро меноманд, ки онҳо дар Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дарҷ гардидаанд ва таъмини он

марҳалаҳои зина ба зинаро тақозо менамояд. Барои таъмин намудани онҳо давлат заминаи муайяни иқтисодӣ омода мекунад ва дар асоси таҳияи барномаҳои дахлдор таъмини онҳоро ба анҷом мерасонад.

Аз натиҷаи таҳлилҳои дар боло овардашуда метавон ба чунин хулоса омад, ки асосҳои назариявии пайдоиши ҳуқуқи инсон ба таҳсилро чунин назарияҳо ташкил медиҳад:

– назарияи маърифатӣ-фарҳангии пайдоиши ҳуқуқи инсон ба таҳсил, ки мувофиқи он ҳуқуқ ба таҳсил дар натиҷаи инкишофи маърифати баланди инсонӣ, омӯзиш ва ташаккули фарҳанги қавмҳои алоҳида пайдо шудааст;

– назарияи таълимӣ-тарбиявӣ. Моҳияти ин назария дар он ифода меёбад, ки сарчашмаи гирифтани таҳсил, яъне таълим ва тарбияро оила ва мактаб мешуморад:

– назарияи фитрӣ-ҳуқуқии пайдоиши ҳуқуқи инсон ба таҳсил. Мувофиқи ин назария пайдоиши ҳуқуқи инсон ба таҳсил моҳияти фитрӣ дошта, аз пайдоиши ҳуқуқҳои фитрии инсон сарчашма мегирад;

– назарияи илоҳии пайдоиши ҳуқуқи инсон ба таҳсил, ки гирифтани таълимро тибқи қоидаҳои динҳои ҷаҳонӣ (дини насронӣ, дини буддоӣ ва дини бузурги ислом) дар назар дорад;

– назарияи позитивӣ-ҳуқуқии пайдоиши ҳуқуқ ба таҳсил. Тибқи ин назария муқарракунандаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил давлат буда, дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ онро мустаҳкам намуда, амалисозии онро кафолат медиҳад.

Метавон ба ин натиҷа расид, ки ба маънои объективӣ, ҳуқуқ ба таҳсил як падидаи ҳуқуқӣ, низоми таркибии муқаррароти конституцсионӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки татбиқи он аз ҷониби давлат ба манфиати инсон ва шаҳрванд кафолат дода ва амалӣ карда мешавад. Танзими ибтидоии асосии ҳуқуқ ба таҳсил бо меъёрҳои Конституцсияи ҶТ дар шакли умумӣ амалӣ карда мешавад, ки ҳангоми таҳияи меъёрҳои конституцсионӣ қабули санадҳои ҳуқуқии махсусро талаб мекунад.

Давлат бо ёрии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби ба даст овардани ин ё он сатҳи дониш, малака ва тавононии шахсро бо назардошти тамоми омилҳои инкишофи динамикии шахсият, хусусиятҳои фардии фаъолияти меҳнатӣ, малакаҳои стратегии идоракунии шахс, ки барои идоракунии корҳои ҷомеа ва давлат заруранд, муқаррар мекунад. Дар маҷмуъ давлат барои таъмини фаъолияти пурсамари низоми ҳокимияти худаш ба ташаккули сатҳи баланди маърифати фард манфиатдор аст.

Таъмини ҳуқуқии кафолати амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби давлатро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард. Гурӯҳи якуми меъёрҳои ҳуқуқӣ стратегия, вазифаҳо ва мақсадҳои ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун арзиши иҷтимоии давлат муайян мекунад. Ин меъёрҳо хусусиятҳои асосии объекти танзими ҳуқуқии маориф – мазмуни он, сарҳади фазоию замонӣ, мақсадҳо, тартиби татбиқи ҳуқуқи инсон ба таҳсилотро муқаррар мекунанд. Гурӯҳи дуюми меъёрҳои ҳуқуқиро муваққатӣ номидан лозим аст, зеро онҳоро ташкили идоракунии маориф, намуд ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии соҳаи маориф танзим намуда, вазъи ҳуқуқии онҳо ва инчунин қоидаҳои фаъолияти таълимии соҳаи маорифро муайян мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ба таҳсил ба маънои объективӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи маориф танзим намуда, мазмун, сарҳадҳои фазоию замонӣ, ҳадафҳо, тартиби амалисозии ҳуқуқи шахсро ба таҳсил, инчунин, танзими ташкили идоракунии маориф, намуд ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки дар соҳаи маориф амал мекунанд, вазъи ҳуқуқии онҳо, тартиби фаъолияти раванди таҳсилро муайян менамояд.

2.2. Принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил

Ҳуқуқу озодиҳои инсон идеалҳои инсондӯстӣ, адолат, озодӣ, баробарҳуқуқӣ ва таҳаммулпазириро таҷассум мекунад. Амалишавии ҳуқуқҳои инсон махсусан ҳуқуқи инсон ба таҳсил барои инкишофи ҷомеаи муосир, ҳимояи имрӯзу фардои инсоният нақши ҳалкунанда мебозанд.

Ҳадафи асосии фасли мазкур таҳлили ақидаҳо, назарияҳо ва таҳлили қонунгузорӣ ва санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқ ба таҳсил буда, мақсад аз он муайян кардани принсипҳои асосии ҳуқуқ ба таҳсил аст. Пеш аз ин ки ба масъалаи таҳлили принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил шуруъ намоем, бояд моҳияти принсипҳои ҳуқуқи инсонро муайян намоем.

Ба ақидаи профессор Р.Ш. Сотиволдиев принсипҳои ҳуқуқ – ин асосҳои пешбаранда, нуқтаҳои асосӣ, ғояҳо мебошанд, ки мазмун, моҳият ва таъйиноти ҳуқуқро дар ҷомеа ифода мекунанд[191].

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон ин ақидаро пеш мебаранд, ки принсипҳои ҳуқуқи инсон ин ғояҳои бунёдие мебошанд, ки мундарича ва таъйиноти иҷтимоии ҳуқуқи инсонро муайян мекунанд[192].

Вақте ки дар ҷамъият мундарича ва таъйиноти иҷтимоии ҳуқуқи иснон бо истифода аз принсипҳои ҳуқуқ муайян карда мешавад, дар як навбат арзиши иҷтимоии ҳуқуқи инсон низ муайян мегардад.

Ҳуқуқ ба таҳсил яке аз намудҳои ҳуқуқи иснон ба ҳисоб меравад ва аз ин бармеояд, ки принсипҳои асосии ҳуқуқи инсон дар як навбат принсипҳои асосии ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳисоб меравад. Таъмини пурраи ҳуқуқ ба таҳсил аз бисёр омилҳо, аз ҷумла ба мазмуни принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқ, такмили қонунгузории таълимӣ ҳамчун шакли бартаридоштаи ифодаи берунии меъёрҳои ҳуқуқии низоми ҳуқуқии романӣ-германӣ вобаста аст.

Принсипҳои ҳуқуқ, ки системаи ягонаи ҳамоҳангшударо ташкил медиҳанд, фаъолияти ҳар як падидаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла раванди таъмини ҳуқуқ ба таҳсилро муайян мекунанд.

Ба андешаи муаллиф, барои кафолати таҳсилоти мукаммал тамоми системаи принсипҳо: умумӣ (тамаддунӣ), умумии ҳуқуқӣ дар робита ба ҳуқуқ ба таҳсил муҳим аст, вале ба принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил ҷойи махсус дода мешавад. Мо чунин мешуморем, ки онҳо принсипҳои асосӣ, идеяҳое мебошанд, ки моҳияти ҳуқуқ ба таҳсил ва самти умумии инкишофи онро муайян мекунанд. Принсипҳои

[191] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат (китоби дарсӣ). – Душанбе: “Сино”, 2018. – С. 179.
[192] Сафаров Б.А. Ҳуқуқи инсон (дар нақшаҳо). – Душанбе: Баҳманруд, 2013. – 207 с..

умумии ҳуқуқ ба таҳсил гуфта, принсипҳоеро меноманд, ки дар алоқамандӣ бо тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқии ба инсон алоқаманд муқаррар гардидааст. Аз ин рӯ, мо принсипҳои умумии зерини ҳуқуқ ба таҳсилро ҷудо карда метавонем:

– Принсипи универсалӣ будани ҳуқуқ ба таҳсил;

– Принсипи ба ҳама баробар будани ҳуқуқ ба таҳсил;

– Принсипи ҷудонопазирии ҳуқуқ ба таҳсил;

– Принсипи манъи маҳдудсозӣ;

– Приснипи ҳамбастагии ҳуқуқ ба таҳсил бо дигар ҳуқуқҳои инсон;

Принсипҳои зикргардида аз мазмун ва моҳияти принсипҳои ҳуқуқи инсон гирифта шуда, ҳар кадоме дар худ хусусиятҳои хосро доро мебошад.

Принсипи универсалии ҳуқуқ ба таҳсил чунин маъноро дорад:

– ҳамаи одамони рӯйи замин, сарфи назар аз мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ, динӣ ва моликият соҳиби ҳуқуқ ба таҳсил мебошанд;

– ҳуқуқ ба таҳсил ҳуқуқи аз ҷониби тамои ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшуда мебошад ва ҳамаи одамон сарфи назар аз сохти давлатию сохтори ҷамъиятӣ, низоми сиёсӣ, махсусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ ва мақоми байналмилалии мамлакате, ки дар он зиндагӣ мекунанд, ҳаққи истифода аз онро доранд;

– инсон новобаста аз ҷову макони зист ва муҳоҷираташ аз як сарзамин ба сарзамини дигар соҳиби ҳуқуқ ба таҳсил мебошад;

– ҳуқуқи инсон ба таҳсил танҳо кори дохилии давлат нест, балки ин ҳуқуқ дар сатҳи байналмилалӣ танзим мешавад.

Мушоҳида мешавад, ки баъзе аз принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил ё аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ё аз санадҳои қонунгузории миллӣ дар соҳаи маориф, баъзеи дигар бошад ҳам аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳам аз қонунгузории миллӣ, як қисми онҳо ҳатто аз принсипҳои педагогика баргирифта шудаанд. Аз ин рӯ, бар асоси чунин тасниф меъёре ба монанди дараҷаи детерминизми (аз калимаи лотинии “determino” гирифта шуда, маънои (ягонафаҳмӣ, алоқамандии зия ва моҳияти ягонаи як ҷараён фаҳмида мешавад) принсипҳои қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ дар соҳаи маориф ва

педагогика қабул карда мешавад. Муаллиф дар асоси ин натиҷагириҳо зарур мешуморад, ки ду гурӯҳи принсипҳоро ҷудо намуда, ба аввали инҳоро шомил созад:

– дастрасии умумии таҳсилот ва таъмини ҳуқуқи ҳар кас ба таҳсил;

– озодии интихоби намуди таълим ва ҳуқуқи афзалиятноки падару модар дар интихоби таълими фарзандони хурдсол.

Ба гурӯҳи дуюм принсипҳои зеринро дохил кардан мумкин аст: характери гуманистӣ ва демократӣ доштани ҳуқуқ ба таҳсил ва кафолат додани истифодаи ҳуқуқ ба тахсил дар тамоми давраҳои умр.

Принсипи дастрасии омма ба таҳсилот ва ҳуқуқи ҳар кас ба таҳсил аз афзалият додани ҳар як шахс, давлат ва ҷомеа ба таҳсил ҳамчун падидаи иҷтимоӣ вобаста аст. Дар тафсири байналмилалӣ ин принсип се ҷанбаи ба ҳам алоқамандро дар назар дорад:

1) манъи табъиз дар соҳаи маориф аз рӯйи ҳама гуна асос;

2) дастрасӣ ба макони ҷойгиршавии муассисаҳои таълимӣ барои ҳамаи субектҳои ҳуқуқ ба таҳсил ё мавҷудияти технологияҳои муосир барои татбиқи раванди таълим;

3) дастрасии иқтисодӣ[193].

Принсипи дастрасии аҳолӣ ба таҳсилот ва ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсил дар як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ таҳкими худро пайдо кардааст. Ба андешаи А. Козирин, имрӯз ҳуқуқи байналмилалии маориф зиёда аз 150 намуди санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро муттаҳид менамояд, ки аз ҷониби СММ, ЮНЕСКО, СБМ, Шурои Аврупо ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ қабул шудаанд[194].

Аввалин санади байналмилалие, ки ҳуқуқ ба таҳсилро эълон мекунад, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мебошад. Ҳарчанд ин санад аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ ҳамчун тавсия қабул шуда бошад ҳам, аҳаммияти он барои таъмини ҳуқуқ ба таҳсил ҳанӯз хеле баланд аст. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар

[193] The Protection of the Right to Education by International Law. By Klaus Dieter Beiter. – Leiden, Boston: Martinus Nijhoff Publishers, 2006. – С. 661.

[194] Козырин А. Н. Актуальные проблемы развития образовательного законодателства Российской Федерации // Ежегодник Российского образовательного законодательства. – 2006. – Т. 1. – С. 16.

ҳуқуқҳои табиии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсилро қонунӣ гардонида, як навъ дастур барои қабули санадҳои минбаъдаи СММ дар соҳаи ҳуқуқи инсон гардид. Чунин ба назар мерасад, ки ин санади байналмилалӣ як қатор меъёрҳоеро эълон кардааст, ки барои дарки моҳияти таъмини ҳуқуқ ба таҳсил дар сатҳи байналмилалӣ ҳалкунанда мебошанд. Ин меъёрҳо ба ин қароранд:

1) ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсил;

2) ройгон будани таҳсилоти ибтидоӣ ва умумӣ;

3) таҳсилоти ҳатмии ибтидоӣ;

4) дастрасии умумии таҳсилоти техникӣ ва касбӣ;

5) дастрасии таҳсилоти олӣ вобаста ба қобилияти ҳар як шахс;

6) ҳуқуқи афзалияти падару модар дар интихоби шаклу навъи таҳсил барои фарзандони хурдсол.

Муқаррароте, ки мақсад ва ҳадафи таҳсилро дар ҷомеа муайян мекунанд, хусусияти консептуалӣ доранд. Аз ҷумла, зикр мегардад, ки ҳадафи таҳсил бояд ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон ва баланд бардоштани эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон нигаронида шуда, таҳсил бояд ба ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, дӯстӣ байни ҳамаи халқҳо, гурӯҳҳои нажодӣ ва динӣ ва Фаъолиятҳои ҳифзи сулҳи СММ мусоидат кунад.

Таҳкими минбаъдаи принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мустаҳкам гардида, дар ин санади байналмилалӣ мазмуни ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсил мушаххас ва барои татбиқи пурраи он тадбирҳо пешниҳод шудааст. Паймон давлатҳои иштироккунандаро вазифадор мекунад, ки чораҳои зерини заруриро бинанд: 1) тадриҷан ҷорӣ намудани маълумоти умумӣ ва олӣ; 2) ташвиқ намудани маълумоти ибтидоӣ дар миёни шахсоне, ки маълумоти ибтидоӣ нагирифтаанд; 3) инкишоф додани шабакаи муассисаҳои таҳсилотии ҳамаи зинаҳо, муқаррар намудани системаи қаноатбахши стипендия ва беҳтар намудани шароити моддии кадрҳои педагогӣ.

Яке аз ҳолатҳои ҷолиб дар мавриди эътирофи ҳуқуқи ҳамаи инсонҳо ба таҳсил ҳангоми қабули Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон

аз ҷониби Шурои Аврупо ба миён омадааст. Ҳуқуқ ба таҳсил дар Протоколи Конвенсия қайд карда шудааст, вале шакли пешниҳоди он аз шаклҳои дар ҳуҷҷатҳои байналмилалии СММ истифодашуда фарқ мекунад. Ҳуқуқи таҳсилот бо ибораи манфии он эълон шудааст: «Ҳеҷ кас аз ҳуқуқи таҳсил маҳрум карда намешавад»[195].

Қобили зикр аст, ки Протоколи мазкур ба дӯши давлат уҳдадории таъмини ҳуқуқи ҳар як шахсро ба таҳсил намегузорад, хусусияти ройгон будани онро кафолат намедиҳад. Дар баробари ин эълон карда мешавад, ки давлат ҳангоми ичрои ҳама гуна вазифаҳое, ки дар соҳаи таълиму тарбия ба зимма гирифтааст, бояд ҳуқуқи падару модарро барои додани чунин таҳсилот, ки ба эътиқоди динӣ ва ҷаҳонбинии онҳо мувофиқ бошад, эҳтиром намояд. Чунин ба назар мерасад, ки истифодаи ибораи «Ҳеҷ кас аз ҳуқуқи таҳсил маҳрум карда намешавад» дар мундариҷаи худ танҳо ҷанбаи озодиро таъкид мекунад ва давлат наметавонад ба татбиқи ин ҳуқуқ халал расонад ва бояд барои қонеъ гардонидани ниёзҳои алтернативии инсон ва шаҳрванд дар гирифтани таҳсилот шароит фароҳам оварад.

Мо ба андешаи олимоне розӣ ҳастем, ки аҳаммияти хосаеро дар таъмини дастрасии ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсил дар Конвенсия оид ба муборизаи бар зидди табъиз дар соҳаи маориф, ки 14 декабри соли 1960 аз ҷониби Конфронси генералии СММ оид ба маориф, илм ва фарҳанг қабул шудааст, тазаккур медиҳанд. Бо назардошти гуногунии системаҳои маориф, ки дар кишварҳои алоҳида истифода мешаванд, СММ бояд на танҳо ҳама гуна табъизро дар соҳаи маориф аз байн барад, балки ба баробарии умумии имкониятҳо ва муносибати баробар дар ин соҳа мусоидат намояд[196]. Муҳим он аст, ки ин Конвенсияи СММ имкониятҳои баробари таҳсилро барои ҳама ва бидуни ҳеҷ гуна тафовут, истисно, маҳдудият ё афзалият вобаста ба нажод, ранг, ҷинс, забон, дин, ақидаҳои сиёсӣ ё

[195] Европейская конвенция по правам человека [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.echr.coe.int/documents/convention_rus.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).
[196] Дзвинчук Д. Стасюк Г. Право на образование. Между декларациями и практикой / Д. Дзвинчук, // Вече. – 2007. – № 11. – С. 26.

дигар, пайдоиши миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи иқтисодӣ ё таваллуд кафолат медиҳад[197]. Бо мақсади таъмини имкониятҳои баробар ҷиҳати амалигардонии ҳуқуқ ба таҳсил Конвенсия давлатҳоро вазифадор мекунад, ки усулҳоеро, ки ба шароит ва урфу одатҳои миллӣ мувофиқ бошанд, истифода баранд. Давлатҳо вазифадоранд, ки таҳсили ибтидоиро ҳатмӣ ва бепул, маълумоти миёнаи умумиро барои ҳама муҳайё, маълумоти олиро барои ҳама дар асоси баробарҳуқуқии комил ва вобаста ба қобилияти ҳар кас дастрас гардонанд, риояи таълими ҳатмии пешбининамудаи қонун ва якхелаи таҳсилот, шароити баробари сифати таълимро таъмин намоянд, шахсонеро, ки маълумоти ибтидоӣ нагирифтаанд ё онро тамом накардаанд, барои идома додани таҳсили онҳо мувофиқи қобилияти фардиашон ҳавасманд созанд ва роҳҳои гирифтани таҳсил барои онҳоро рушд диҳанд, омодасозии касбии кадрҳои педагогиро бе табъиз таъмин кунанд[198].

Принсипи дастрасии омма ба таҳсилот ва ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсил низ дар санадҳои СММ, ки вазъи ҳуқуқии категорияҳои алоҳидаи аҳолиро муайян мекунанд, таҳия шудааст. Пеш аз ҳама, инҳо Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон[199], Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак[200], Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон[201] ва ғ. мебошанд.

Чунин ба назар мерасад, ки СММ бо ин роҳ кафолати ҳуқуқҳои табақаҳои бештар «заиф»-и аҳолиро пурзӯр намуда, ҳамзамон системаи тадбирҳои давлатиро, ки ба ҳифзи онҳо нигаронида шудааст, зиёд мекунад. Ин конвенсияҳои байналмилалӣ бо назардошти хусусиятҳои психофизикии ҷисми маъюбон, кӯдакон, занон ва илова бар ин, иштироки онҳо дар тарбияи кӯдакон ва корҳои хона, механизмҳои иловагии ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо, аз ҷумла ҳуқуқи таҳсилро пешбинӣ мекунанд.

---

[197] Конвенция о борьбе с дискриминацией в области образования. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/educat.shtml. (санаи мурољиат: 10.02. 2022).

[198] Конвенция о борьбе с дискриминацией в области образования. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/educat.shtml. (санаи мурољиат: 10.02. 2022).

[199] Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/ конвенсия-оид-ба-ҳуқуқи-маъюбон. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

[200]Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://khit.tj/wp-content/uploads/2016/01/4.-Konventsiya-oid-ba-%D2%B3ukuki-kudak.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

[201] Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/конвенсия-дар-бораи-барҳам-додани-тамоми-шаклҳои-табъиз-нисбати-занон. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

Бо назардошти он ки маъюбон нисбат ба одамони дигар ҳангоми татбиқи ҳуқуқи худ ба таҳсил ба монеаҳо бештар дучор мешаванд, таваҷҷуҳи байналмилалӣ ба он нигаронида шудааст, ки маъюбӣ наметавонад сабаби маҳрум кардани онҳо аз ҳуқуқи таҳсил бошад. Баръакс, бо назардошти имкониятҳои маҳдуди солимии ҷисмонӣ ва руҳӣ, ба ин гуна одамон барои мусоидат намудан ба омӯзиши онҳо, бахусус тавассути ташкили таҳсилоти фарогир дар ҳама сатҳҳо, кумак кардан лозим аст. Барои таъмини иштироки ҳамаҷонибаи маъюбон дар таҳсил, давлатҳои аъзо бояд барои бо кор таъмин намудани омӯзгороне мусоидат намоянд, ки забони имову ишора ва алифбои Брайлро донанд, инчунин барои истифодаи усулҳои алтернативии таълим ва маводи таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ барои дастгирии шахсони маъюб шароит фароҳам оваранд.

Ба далели аз назари ҷисмӣ ва руҳӣ комил набудани ноболиғон, инчунин аҳаммияти ҳалкунанда доштани таҳсил барои иҷтимоикунонии кӯдак, омода кардани ӯ ба ҳаёти мустақил, ташаккули шахсияти мутаносиб дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак муқаррар кардани ҳуқуқ ба таҳсил табиӣ ва мувофиқ ба назар мерасад. Танзими ҳуқуқии байналмилалии ҳуқуқи кӯдакон ба таҳсилот ҳатто дар асри XXI аҳаммияти худро гум намекунад, зеро татбиқи он дар як қатор кишварҳо нигаронкунанда аст. Масалан, тибқи маълумоти Институти байналмилалии омори ЮНЕСКО, то соли 2010 дар ҷаҳон 61 миллион кӯдаки синни ибтидоӣ ба мактаб нарафтанд ва 47% онҳо умуман имкони таҳсилро надоранд[202].

Тадбирҳои иловагӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсил барои занон барои таъмини имкониятхои баробар нисбат ба мардон дар соҳаи маориф зарур аст. Аз ин рӯ, Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбат ба занон ухдадории давлатҳои узвро барои фароҳам овардани шароити баробар барои интихоби касбу кор: дастрасӣ ба таҳсил ва диплом, нақшаҳои таълимӣ, имтиҳонҳо, ҳайати омӯзгорон, бино ва таҷҳизот, стипендия ва ғайра эътироф мекунад. Ин бори дигар аҳаммияти мавҷудияти системаи ҳифзи ҳуқуқи байналхалқиро ба таҳсил таъкид мекунад.

[202] Количество детей, не посещающих школу, снова растет, особенно в Африке. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://ru.osvita.ua/school/news/29917/. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

Натиҷаи фаъолияти ҷомеаи байналмилалӣ таъсиси як низоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳам ҳатмӣ ва ҳам барномавию тавсиякунанда аст, ки ҳуқуқ ба таҳсилро муттаҳид ва таъмин менамоянд[203].

Принсипи иштироки давлат дар амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил – унсури асосӣ буда, аз хусусияти позитивӣ будани ҳуқуқ ба таҳсил шаҳодат медиҳад. Моҳияти принсипи мазкур дар он ифода меёбад, ки шахс ҳуқуқ дорад аз давлат таъмини шароити мусоиди ҳуқуқӣ ва моддиро барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ва иҷрои уҳдадории давлатиро барои таъмини ин гуна шароитҳо талаб намояд. Принсипи мазкур дар инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил нақши муҳимро мегузорад, чунки яке аз тарафҳои иштирокчии ин муносибатҳо давлат ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ доираи муайяни санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалие низ ҳастанд, ки уҳдадории давлатро дар таъмин намудани ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон муқаррар менамоянд. Вазифаи асосии принсипи иштироки давлат дар амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил аз таъмин намудани шароити моддию техникӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва муайян намудани механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил иборат мебошад.

Баробарии расмӣ бояд бо фароҳам овардани шароит барои баробарии воқеӣ таъмин карда шавад, чунки раванди таъмини ҳуқуқ ба таҳсил ба як қатор шартҳо вобаста аст, ки на барои ҳама яксонанд, аз ин рӯ, он ҷорӣ намудани тадбирҳои махсуси дастгирии давлатиро таҳозо мекунад. Вай дар мавҷудияти имтиёзҳо барои дохил шудан ба мактабҳои олӣ ба шаҳрвандони алоҳида ифода меёбад. Муқаррар намудани ин имтиёзҳо ба эҳтиёҷоти объективӣ вобаста аст, зеро чунин шахсон наметавонанд бо дигарон дар шароити баробар рақобат кунанд. Ин падида дар қонун табъизи мусбат номида мешавад. Аз ин рӯ, давлат бояд ба ҳама барои таҳсил имкониятҳои баробар фароҳам оварад, аз ҷумла бо роҳи «барҳам додани» фарқиятҳои объективии байни одамон, ки барои рақобати баробар бо дигарон монеа эҷод мекунанд. Масалан, дар Австрия тибқи моддаи 59 Қонуни федералӣ «Дар бораи ташкили донишгоҳҳо ва таҳсил дар донишгоҳҳо» бо мақсади таъмини ҳуқуқ ба таҳсил ба донишҷӯёне, ки кор мекунанд ё фарзанд

[203] Дзвинчук Д. Стасюк Г. Право на образование. Между декларациями и практикой // Вече. – 2007. – № 11. – С. 25.

доранд, бо пешниҳоди ариза имконият дода мешавад, ки барои супоридани имтиҳонҳо як қисми мувофиқи рӯзро интихоб кунанд. Барои донишҷӯёни маъюб ё онҳое, ки аз муассисаи таълимӣ ҷойи истиқомати дурдаст доранд, таълими фосилавӣ амалӣ карда мешавад[204].

Принсипи озодии интихоби намуди таълим ва ҳуқуқи афзалиятноки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и кӯдакони хурдсол барои имконияти интихоби озоди татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил: дар муассисаҳои таълимӣ ё дар хона; дар муассисаҳои таълимии хусусӣ, давлатӣ ё коммуналӣ; рӯзона ё ғоибона (фосилавӣ)-ро давлат кафолат медиҳад. Ғайр аз ин, ӯ ба ҳуқуқи бартаридоштаи волидайн (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) ҳангоми интихоби таълим барои фарзандони хурдсолашон ишора намуда, нақш ва масъулияти оиларо дар таъмини таълиму тарбияи фарзандон таъкид менамояд. Воқеан, аввалин тарбиятгарони кӯдак волидайни ӯ (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) мебошанд ва барои таъмини таълими ҳатмии кӯдак маҳз онҳо масъуланд. Муҳим он аст, ки ин принсип давлатро вазифадор мекунад, ки на танҳо ба озодии интихоби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи фарзандони хурдсоли худ эҳтиром гузорад, балки ба намояндагони қонунӣ интихоби чунин усулҳоеро, ки ба ҷаҳонбинии онҳо мувофиқ аст, фароҳам орад.

Натиҷагирии мулоҳизаҳо ба чунин хулоса оварда мерасонад, ки мазмуни принсипи таҳлилшуда фарогири ин омилҳост:

1) имконияти интихоби шаклҳои алтернативии мавҷудаи таълим;

2) нақши бартаридоштаи волидайн (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар интихоби таҳсилоти кӯдакони хурдсол;

3) эҳтироми давлат ба интихоби шакл ва намуди таҳсилоти интихобнамудаи таълимгиранда.

Тавре ки дар боло зикр гардид, гурӯҳи дуюми принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил хусусияти хос дорад ва татбиқи онҳо на танҳо дар қонунгузорӣ, балки дар принсипҳои педагогика низ пешбинӣ шудааст. Ба мақсад мувофиқ будани

[204] Bundesgesetz über die Organisation der Universitäten und ihre Studien (Universitätsgesetz 2002) [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.parlament.gv.at/PAKT/VHG/XXI/I/I_01134/fname_000643.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

принсипҳои педагогиро ба дараҷаи принсипҳои ҳуқуқӣ бояд шарҳ дод. Тавассути ин муқаррароти ибтидоӣ метавон мушаххасоти таъмини ҳуқуқ ба таҳсилро таъкид кард. Принсипҳои ҳуқуқӣ хусусияти одилонаи педагогӣ дошта, ба дурусту босифат ташкил кардани раванди таҳсил ва пурра амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил нигаронида шудаанд.

Якумин принсипи марбут ба принсипҳои педагогӣ ин принсипи табиати инсондӯстона доштани ҳуқуқ ба таҳсил мебошад. Он аз асли инсондӯстӣ дар педагогика ва принсипи асосӣ дар ҳуқуқ бармеояд. Принсипи инсондӯстӣ дар таҳсил чун «низоми дидгоҳҳое, ки арзиши инсонро ҳамчун шахсият, ҳуқуқи ӯро ба озодӣ, хушбахтӣ, инкишоф ва зуҳури қобилиятҳои ӯ муайян мекунад» фаҳмида мешавад[205]. Принсипи инсонпарварӣ дар таълимоти ҳуқуқӣ бо «эътироф намудани ғояи шаъну шарафи инсон, ки меъёрҳои озодӣ, баробарӣ, адолат, ҳуқуқҳои асосии инсонро қонунӣ мегардонад ва мазмуни онҳоро муайян мекунад», алоқаманд аст[206]. Ин принсип дар Эъломияи умумии ҳуқуқҳои башар, Паймони байналхалқии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллии як қатор давлатҳо дарҷ гардидааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, принсипи моҳияти инсондӯстонаи ҳуқуқ ба таҳсил дар самти қонеъ гардонидани талаботи таълим барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият, дарки шаъну шарафи инсон, таҳкими эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои ӯ ба роҳ монда мешавад. Принсипи мазкур амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсилро дар шароити инсондӯстӣ, эҳтиромӣ тарафайн ва риояи ҳуқуқу озодиҳои ӯ кафолат медиҳад. Вай аз иштирокчиёни раванди таълим меҳру муҳаббатро нисбат ба кӯдак, боварӣ ба қобилияти ӯ, оштинопазирӣ нисбат ба камбудиҳоро талаб мекунад. Тарбияи шаъну шарафи инсонӣ ҳамчун ғояи марказии инсонпарварӣ дарки вазъ дар ҷомеаро ташаккул медиҳад, ки ин пеш аз ҳама, барои қонеъ гардонидани талаботи ӯ ба таҳсилот мусоидат мекунад.

Татбиқи воқеии принсипи баррасишуда бо раванди демократикунонии соҳаи маориф зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки яке аз принсипҳои

---

[205] Гончаренко С. В. Гуманизация образования // Энциклопедия образования / [гл. ред. Кремень]. – М.: Юринком Интер, 2008. – С. 156-158.

[206] Погребняк С. Воплощение принципа гуманизма в праве // Вестник Академии правовых наук Украины. – 2007. – № 1. – С. 33-42.

ҳуқуқ ба таҳсил моҳияти демократии он мебошад.

Принсипи демократӣ будани ҳуқуқ ба таҳсил дар иштироки фаъолона ва васеи субъектҳои ҳуқуқ ба таҳсил, падару модари кӯдакони ноболиғ ва муаллимон, баробарии омӯзгорон ва соҳибони ҳуқуқ ба таҳсил, ҷалби чунин ниҳодҳои иҷтимоӣ ба раванди таълим, аз қабили оила ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар идоракунии муассисаи таълимӣ ифода меёбад, яъне ин принсип ба татбиқи асосҳои демократӣ дар идоракунии маориф, мувозинати таъсири давлатию ҷамъиятӣ ба ҳолат ва рушди системаи маориф нигаронида шудааст. Принсипи мазкур моҳияти сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф ифода намуда, характери ҷамъиятии идоракуниро таъкид карда, демократикунонии маорифро мушаххас мекунад.

Ба андешаи Н. Ракша, демократикунонии маориф марказикунонӣ (децентрализация) ва минтақавӣ сохтани идоракунии низоми маорифро дар назар дорад, ки додани мустақилият ба муассисаҳои таълимӣ дар ҳалли масъалаҳои асосии фаъолияти онҳо, бартараф намудани монополияи давлатии маориф, ташкили низоми шарикии хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгоронро дар бар мегирад[207].

Ҳамин тариқ, принсипи демократӣ будани ҳуқуқ ба таҳсил таъмини иштироки фаъолона ва васеи ҷомеа дар идоракунии муассисаи таълимӣ, ташаккули услуби муносибатҳои байни иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии таълимӣ дар заминаи баробар мебошад. Ин ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётӣ, тафаккури интиқодӣ, ҳисси масъулият, имкони қабули қарорҳои конструктивӣ ва ташаккули малакаҳои идоракунии мустақилонаи фаъолияти худро дар шахсе, ки ҳуқуқ ба таҳсилро амалӣ менамояд, таъмин менамояд.

Идомаи мантиқии ду принсипи қаблӣ ин принсипи истифодаи ҳуқуқ ба таҳсил дар тули ҳаёт мебошад, ки қобилияти шахсро барои пайваста, дар ҳама марҳилаҳои синну сол, қонеъ гардонидани талаботи дониш, малака ва такмил додани хусусиятҳои шахсии худ бо талаботи доимо тағйирёбанда таъмин

[207] Ракша Н. С. Административно-правовое обеспечение права граждан на образование: дис. ... канд. юрид. наук. – Донецк, 2006. – С. 70

менамояд. Ин принсипро зарурати инкишофи доимии ҳам шахсият ва ҳам ҷомеа муайян мекунад. Аз ин рӯ, гирифтани дараҷаи муайяни маълумот аз ҷониби шахс бояд ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ барои татбиқи минбаъдаи ҳуқуқ ба таҳсил гирифта шавад.

Яке аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил нақши муҳим дорад, ин Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» мебошад. Масалан, моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» бо назардошти вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии давлат сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф ба роҳ монда, низоми муайяни принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсилро муқарар намудааст. Аз ҷумла, принсипҳои:

– баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;

– қонуният, эҳтиромӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;

– дастрасии шаҳрвандон ба таҳсил;

–бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодона шахс;

– ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

– мустақилияти муассисаҳои таълимӣ;

– раванди муттасили таҳсил;

– рушди соҳаи маориф бо назардошти стандартҳои байналмилалии сифати таълим ва меъёрҳои байналмилалии таҳсилот;

– пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозанд;

– ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот;

Принипҳои мазкур моҳияти ҳуқуқ ба таҳсилро дар бар гирифта, дар асоси муқараротҳои Конституцсия ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ тартиб дода шудааст, ки бо ба миён омадани шароити иқтисодию иҷтимоӣ ба роҳ монда мешаванд.

Таъмин намудани кафолати давлатии шаҳрвандон ба таҳсил ва фароҳам овардани кафолатҳои ҳуқуқию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ва инкишофи озоди муассисаҳои таълимӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо бо дигар соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ вазифаи асосии Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ба ҳисоб меравад.

Принсипи баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат бо мақсади инкишофи қобилияти шахс, шавқу рағбат, хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии шахс ва ёрии амалӣ ба падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) равона гардида, инчунин, барои омода намудани онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълими тибқи муқаррарнамудаи қонун ба роҳ монда мешавад. Агар шахс пай барад, ки ба ӯ таҳсили бесифат медиҳанд ва ё ҳис кунанд, ки аз ин таҳсилоти бесифат зарар дидааст, ҳуқуқ дорад аз муассисаи таълимӣ ҷуброни зарарро дар шаклҳои зерин талаб намояд:

– таҳсилоти такрорӣ дар ҳаҷми зарурӣ дар ҳамон муассисаи таълимӣ;

– маблағи барои таҳсил пардохтшударо пас гирад[208].

Дар ин ҳолат, муассисаи таълимӣ уҳдадор аст, ки зарари ба таълимгиранда аз таҳсилоти бесифат расондашударо ҷуброн намояд. Зарари аз таҳсилоти бесифат ба таълимгиранда расонидашуда зараре ба ҳисоб меравад, ки бо гуноҳи муассисаи таълимӣ дар ҳолати номатлуб иҷро кардани талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот, барнома ва нақшаҳои таълимӣ, миқдор ва давомнокии соатҳои таълимии дар нақшаи таълимӣ пешбинишуда расонида шудааст.

Принсипи қонуният эҳтиромии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ба амал баровардани ҳуқуқ ба таҳсил нақши калидӣ дорад, чунки шахс бо эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон ва риояи бечунучарои қонунгузорӣ метавонад озодона ҳуқуқ ба таҳсилашро амалӣ гардонад.

Принсипи ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ дар ҶТ ба мақсади гирифтани маълумоти умумӣ дар бораи табиат, ҷамъият ва арзишҳои таърихию фарҳангии милливу умумибашарӣ равона гардида, давомнокии муҳлати таҳсил нуҳ солро ташкил медиҳад. Равоншиносон қайд менамоянд, ки аҳаммияти ҳатмӣ

[208] Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2004 №1 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2013, №2, мод. 33.

будани таҳсилоти умумии асосӣ дар он аст, ки шахс бояд ҳарчи зудтар дорои маълумотҳои умумӣ дар бораи табиат, ҷамъият ва арзишҳои таърихию фарҳангии милливу умумибашарӣ гардад ва то ба синни 15-солагӣ бо истифода аз ин маълумотҳо шуур ва тафаккури илмии худро мустаҳкам намояд[209].

Принсипи бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстона доштани мазмуни таҳсилот ва рушди озодонаи шахс давлатро дар симои муассисаи таълимӣ водор месозад, ки ҳангоми қабули стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ арзишҳои миллию умумибашарӣ ба инобат гирифта, мазмуни таҳсилот бояд моҳияти башардӯстона дошта бошад ва мақсад аз он таҳсили шаҳрвандон дар роҳи муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ, пос доштани расму ойин ва анъанаҳои миллӣ равона гардида, баҳри рушди озодонаи шахс нигаронида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз қишри алоҳидаи ҷамъият ҷой дорад, ки бидуни заминаҳои моддӣ ва иқтисодӣ имконияти амалигардонии ҳуқуқ ба таҳсилро надоранд ва ҳамчун як ҷузъи таркибии ҷамъият муҳтоҷ ба амалигардонии ҳуқуқ ба таҳсилро ба таври ройгон мебошанд.

Таҳлили қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ оид ба принсипҳои ҳуқуқи инсон ба таҳсил нишон дод, ки яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқ ба таҳсил, ки моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии инсонро дар бар гирифта, амалигардии он ба рушди бемайлони инсоният равона гардидааст, ин принсипи ба таври ройгон дастрас будани таҳсили миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва олии касбӣ дар муассисаҳои таълимии давлатӣ мебошад. Ҳарчанд принсипи мазкур дар муқарраррароти қисми 2, моддаи 41 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи худро ёфта бошад ҳам, вале кафолат ва танзими меъёрӣ-ҳуқуқии он дар қонунгузории соҳавӣ аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” пешбинӣ карда нашудааст.

Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 27 июли соли 2013, ки принсипҳои

[209] Пискунов А.И. Вендровская Р.Б, Кларин В.М и др. История педагогики и образования / Под общ. ред. А.И.Пискунова. – М.: Творческий центр «Сфера», 2001. – С. 217.

асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян мекунад, сархати панҷум дар шакли зерин – “ба таври ройгон дастрас будани таҳсили миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва олии касбӣ дар муассисаҳои таълимии давлатӣ” илова карда шавад.

Хулоса, принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил ғояҳои адолат, озодӣ, баробарӣ, поквичдонӣ, хираднокӣ ва арзишҳои дигари ахлоқӣ-ҳуқуқиро инъикос намуда, дар санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ ифода гардида, нақши муқаррароти меъёриро иҷро карда, чун шакли ифода ё сарчашмаи ҳуқуқ истифода мешаванд ва метавонанд асоси ташкили соҳаи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқ ва ё дигар институтҳои ҳуқуқӣ дар ҷамъият гарданд.

2.3. Мавқеи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд

Ҳамаи ҳуқуқҳои инсон новобаста аз таснифоти гуногуне, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷуд аст, маҷмуи томи ҳуқуқу озодиҳоеро ташкил медиҳанд, ки бо ҳам дар алоқамандии зич қарор дошта, якдигарро пурра намуда, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар низоми ҳуқуқҳои инсон дар баробари дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дорои арзиши олӣ эътироф карда шудааст. Ин ҳуқуқест, ки амалисозии он инкишофёбии шахсиятро кафолат дода, боиси баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии ӯ дар давлат гардида, шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии инсонро баланд мегардонад ва барои амалисозии ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқҳои дигари фарҳангии инсон шароит ва заминаи хуби моддию ҳуқуқӣ фароҳам меорад, то ки инсон дар ҷамъият мавқеи муайяни худро пайдо кунад.

Муайян намудани мавқеи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳаммияти калон дорад, зеро ба дарки моҳият ва хусусиятҳои он мусоидат намуда, барои барқарор намудани алоқаи байни гурӯҳҳои ҳуқуқҳо ва муайян намудани умумият ва фарқияти ин категорияҳо мусоидат мекунад, вусъати кобилиятҳои маърифатиро таъмин менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ шаклҳои гуногуни таснифоти ҳуқуқи инсон муайян гардидааст, ки ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои ҳуқуқҳои иинсонро дар алоҳидагӣ муайян менамояд[210]. Дар мавзуи баррасишаванда аз шаклҳои гуногуни таснифот танҳо он асосҳои таснифоти ҳуқуқ ба таҳсилро таҳлил менамоем, ки барои муайян кардани мавқеъ ва аҳаммияти ҳуқуқ ба таҳсил ва фарқияти он аз дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд имкон медиҳанд.

шаҳрванд

Аке аз асосҳои таснифот, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз руи он таснифбандӣ карда мешавад, ин замони пайдоиши ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Дар ҷараёни таҳаввули муносибатҳои ҷамъиятӣ, мураккаб шудани муносибатҳои шахс ва давлат ҳуқуқҳои нав торафт бештар пайдо мешаванд. Ҳуқуқҳои муосири инсон, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ ва конституцсияҳои давлатҳои алоҳида муқаррар шудаанд, натиҷаи ташаккули дуру дарози таърихии меъёрҳо ва институтҳое мебошад, ки ҳоло ба меъёри ҷомеаи демократӣ табдил ёфтааст.Вобаста ба замони пайдоиши ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқҳои инсон ба ҳуқуқҳои насли якум (охири асри XVIII), насли дуюм (охири асри XIX) ва сеюм (солҳои 70-уми асри XX) таснифбандӣ карда мешавад.

Ҳуқуқҳои насли якум гуфта, он арзишҳои анъанавии либералиеро дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми инқилоби буржуазӣ шакл гирифтаанд ва минбаъд дар амалия ва қонунгузории давлатҳои демократӣ мустаҳкам гардидаанд. Ба ҳуқуқҳои насли якум ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ дохил мешавад.

Ҳуқуқҳои насли дуюм гуфта, ҳуқуқҳое дар назар дошта мешавад, ки онҳо дар раванди муборизаҳо бо нобаробариҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳнгӣ барои некӯаҳволии моддии аҳолӣ, дар рафти баромадҳои иқтисодӣ, ки дар охири асри XIX дар тамоми ҷаҳон ба амал омада буд, пайдо шудааст. Онҳо ба ғояҳои баробарӣ ва дастрасии кафолатнок ба неъматҳои асосии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, фарҳангӣ ва имкониятҳо асос ёфтаанд. Ба ҳуқуқҳои насли дуюм иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳнгӣ дохил мешавад, ки аввалин

[210] Варламова Н. В.., Классификации прав человека – подходы к проблеме / Н.В. Варламова // Сранительное конституцсионное обозрение. – 2009. №4 (71). – С. 152-166.

маротиба расман дар Конституцсияҳои Мексика соли 1917, Олмон соли 1919, Испания соли 1931 ва албатта Конституцсияи ИҶШС 1936 инъикос ёфтаанд.

А. М. Кальяк, дар мақолаи худ бо номи «Наслҳои ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқ ба таҳсил» ҳуқуқ ба таҳсилро вобаста ба хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ доштанаш таҳлил намуда, онро ба ҳуқуқҳои насли дуюм алоқаманд медонанд. А. М. Кальяк, чунин қайд мекунад, ки агар маориф соҳае бошад, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои давлат оид ба таъсиси инфрасохтори мувофиқ ва дастгирии иқтисодӣ, меъёрӣ ва ғайра вобаста бошад, пас талабот ба самаранокии хароҷоти давлатӣ ба соҳаи иҷтимоӣ, паҳн шуда муносибатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки барои сохторҳои тиҷоратӣ истифода мешаванд.[211]

Л.Ф. Хозиева қайд мекунад, ки «Ҳуқуқи ба таҳсил ҳуқуқи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодии шахс буда, татбиқи он шарти ҳатмӣ барои рушди шахсият, ҷомеа ва давлат, ташаккули дарки салоҳиятноки одамон, қобилияти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ ва манфиатҳои давлат» мебошад[212].

П.А. Борноволоков инчунин менависад, ки «хукук ба тахсил ба хукуку озодихои ичтимоию фархангй ва иктисодии шахс дохил мешавад. Ҷанбаи иҷтимоии ҳуқуқ ба таҳсилот аз он иборат аст, ки оё он пулакӣ ё ройгон аст ва гирифтани кафолатҳои иҷтимоӣ аз ҷониби давлат мебошад. Ҷанбаи фарҳангии ҳуқуқ ба таҳсил дар он ифода меёбад, ки таҳсилот шарти зарурии рушди маънавии ҳар як инсон, некӯаҳволӣ ва фарҳанги ӯ мебошад. Ҷанбаи иқтисодии ҳуқуқ ба таҳсилот дар он аст, ки татбиқи он омили муҳимтарини рушди илмию техникӣ ва иқтисодии давлат мебошад, ки онро танҳо шаҳрвандони дорои маълумоти олӣ таъмин карда метавонанд»[213].

Аз ҳама таснифоти паҳншудатарини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин таснифоти хуқуқу озодиҳои инсон вобаста ба соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷамъиятӣ

---

[211] Кальяк, А.М. Поколения прав человека и право на образование / А.М. Кальяк // Ежегодник Российского образовательного законадателства. – Москва, 2019. – №14/19.– С. 31-41. ISSN: 1997-7549

[212] Хазиева Л.Ф. Экономические гарантии реализации конституционного права на образование/ Ф.Л. Хазиева // Публично-правовые исследования (электронный журнал). – Москва, 2012. № 4. – С. 71.

[213] 14 Борноволоков П.А. Экономические гарантии реализации конституционного права на образование А.П. Борноволоков // Правовое регулирование экономических отношений. Альманах / Под ред. А.Н. Козырина. – Москва, “Центр публично-правовых исследований”, 2008. Вып. 1. – С. 107.

буда, ба ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ чудо мешавад, ки бештар ин тартиби таснифот дар конституцсияҳо ва санадҳои байналмилалӣ истифода бурда мешавад[214]. Масалан, И. В. Ростовшиков вобаста ба ин асоси таснифот ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҷудо менамояд[215]. Л.Б. Алексеева, В.Н. Жуйков, И.И. Лукашук вобаста ба навъи муносибатҳои муҳимми ҷамъиятии инсон чунин категорияҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро чудо менамоянд: граждани, меҳнатӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқ ба муҳити атроф[216].

Ба ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста ба соҳаҳои ҳаёту фаъолияти инсон дар ҷамъият ба ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иктисодӣ ва фарҳангии инсон ҷудо карда мешавад[217].

Сарфи назар аз бархӯрдҳои гуногун ба таснифи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, аксар вақт олимон ҷойи ҳуқуқи таҳсилро дар байни гурӯҳи ҳуқуқҳои фарҳангӣ мебинанд. Албатта, дар ин миён ба ақидаҳои мухталифи дигаре ҳам бархӯрдан мумкин аст.

Масалан А. Скакун онро на танҳо ҳуқуқи фарҳангӣ, балки ҳуқуқи иҷтимоӣ низ медонад[218]. Ғайр аз ин, П. Рабинович ва А. Панкевич, ки ҳуқуқҳои иҷтимоиро меомӯзанд, ҳуқуқ ба таҳсилро низ ба ин гурӯҳ дохил мекунанд[219].

Таҳлили рисолаҳои русӣ ва тоҷикӣ, ки ба ин мавзуъ бахшида шудаанд, як набудани нуқтаи назари олимонро дар бораи муайян кардани ҷойгоҳи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нишон медиҳад. Назари олимонро оид ба ин масъала ба низом даровардa, онҳоро ба чор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Ба гуфтаи баъзеи онҳо, ҳуқуқ ба таҳсил ба гурӯҳи ҳуқуқҳои

---

[214] «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Пакти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ; Пакти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ; Чиркин В.Е. Конституцсионное право зарубежных стран / В.Е. Чиркин. – М., 2005. – С. 89–102.

[215] Ростовщиков И.В., Права свабоды и личности в СССР и роль органов внутренных дел в их обеспчении: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1984. – С. 39.

[216] Алексеева Л.Б. и др. Международные нормы о правах человека и применение их судами Росийской Федерации. – М., 1992. – С. 89-132.

[217] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат (китоби дарсӣ). – Душанбе: “Сино”, 2018. – С. 405.

[218] Скакун О. Ф. Теория государства и права: учебник. – Харьков: Консум, 2001. – С. 178-183.

[219] Рабінович П., Панкевич О. Соціальне право: деякі питання загальної теорії // Право України. – 2003. – № 1. – С. 104-107.

фарҳангӣ тааллуқ дорад[220]. Гурӯҳи дувумӣ онро ҳамзамон ба ҳуқуқҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ шомил мекунанд[221]. Баъзе олимони дигар майл доранд, ки ҳуқуқи мавриди назар ба категорияи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ тааллуқ дорад[222]. Баъзан муҳаққиқон даъво мекунанд, ки ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дахл дорад[223].

Ба ин андешаи нисбатан маъмул, ки ҳуқуқ ба таҳсилро ҷузъи ҳуқуқҳои фарҳангӣ медонад, на ҳама олимон розӣ ҳастанд. Комилан рад кардани чунин андеша дар осори муҳаққиқони рус О. Калпинская[224] ва О.Стулникова[225] мушоҳида мешавад. Ҷолиб ин ҷост, ки ин олимон ба тарафдории ақидаи худ далелҳои қобили қабуле баён накардаанд. Ё олими украинӣ А. Копиевская чунин мешуморад, ки танҳо ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти беруназмактабиро метавон ҳамчун ҳуқуқи фарҳангӣ тасниф кард. Вай нуқтаи назари худро бо он асоснок мекунад, ки «таълими беруназмактабӣ тарбияи хонандагонро дар муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ (клубҳои мактабӣ, клубҳо, китобхонаҳои бачагона, хонаҳои санъат ва ғайра) тавассути фаъолиятҳои фарҳангиву маърифатӣ, коммуникативӣ, фароғатӣ ва дигар вазифаҳои фаъолияти фарҳангӣ-истироҳатӣ ба роҳ мегузоранд[226]. Ба андешаи мо, иштибоҳи ин муҳаққиқ дар он аст, ки ӯ соҳаи фарҳангро беасос танг карда, онро бо муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ маҳдуд

---

[220] Голубкова Н.С. Особенности реализации конституционного права на образование в негосударственном образовательном учреждении в России: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2002. – С. 78.

[221] Теплякова О.А. Конституционное право на образование и его обеспечение в деятельности органов государственной власти субъектов Российской Федерации и органов местного самоуправления: дис. ... канд. юрид. наук. – Тюмень, 2005. – С. 29.

[222] Стульникова О.В. Конституционное право граждан на образование и проблемы его реализации в субъектах Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Пенза, 2008. – с. 27; Калпинская О.Е. Право на образование и механизм его реализации в системе МВД России: теоретико-прикладной аспект: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2005. – С. 47.

[223] Рыбакова В.В. Конституционное право на общее образование в Российской Федерации: 12.00.02 Рыбакова, Вероника Владимировна Конституционное право на общее образование в Российской Федерации (Проблемы теории и практики): дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2005. – С. 50; Смирнова М.В. Конституционное право на образование и гарантии его реализации в негосударственных общеобразовательных учреждениях: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2006 – С. 30; Тяпкина И.В. Правовой механизм реализации конституционного права на образование в средних и высших профессиональных учебных заведениях в России: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2009. – С. 8.

[224] Калпинская О. Е. Право на образование и механизм его реализации в системе МВД России: теоретико-прикладной аспект: дис. ... канд. юрид. – СПб., 2005. – С. 35.

[225] Стульникова О. В. Конституционное право граждан на образование и проблемы его реализации в субъектах Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Пенза, 2008. – С. 25.

[226] Копієвська О. Р. Особливості реалізації культурних прав і свобод людини в Україні / О. Р. Копієвська // Ученые записки Таврического национального университета им. В. И. Вернадского. Серия: Юридические науки. – Сімферополь, 2008. – Т. 21 (60). – № 2. – С. 106-112. – С. 108.

мекунад, ки ин боиси тасаввуроти ғалат дар бораи хусусияти ҳуқуқ ба таҳсил мегардад.

Ба тарафдории мансубияти ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳуқуқҳои фарҳангӣ ҳамчунин ин нукта ҳам далолат мекунад, ки луғатҳои энсиклопедӣ ва тафсирӣ бо ба бисёрмаъноии мафҳуми «фарҳанг» ишорат намуда, соҳибмаърифатӣ ва тарбиятдидагиро ҳам нишонаҳои он медонанд[227].

С. Гончаренко қайд мекунад, ки «Одами равшанфикр на танҳо хатмкунандаи мактабест, ки илмҳои дар он ҷо омӯхташударо аз худ кардааст, балки шахсе мебошад, ки қобилияти дарккунӣ, азхудкунии дониш, касб ва маҳоратро дошта, саъю кӯшиши мекунад, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ иштирок намуда, саҳмгузор ва масъулиятнок бошад. Чунин шахс худ ва дигаронро эҳтиром мекунад, нисбат ба намояндагони фарҳангу миллатҳои дигар таҳаммулпазир аст, тафаккури мустақил дорад ва ба фикру андешаҳои дигаргуна ва ғайричашмдоштро мепазирад»[228]. Дар навбати худ, бомаърифатӣ фарҳанги эҳсосот, фарҳанги тафаккур, завқи эстетикӣ, масъулияти шахсӣ ва ғайраро дар назар дорад.

Ҳуқуқҳои фарҳангӣ “имконияти нигоҳ доштан ва инкишоф додани ҳувияти миллӣ ва фарҳангии мардум, дастрасӣ ба сарватҳои моддию маънавии башарият, азхудкунӣ, истифода ва иштироки онҳоро дар рушди минбаъда манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат” таъмин менамояд[229]. Ҳуқуқҳои фарҳангӣ инкишофи маънавии инсонро кафолат дода, ба ҳар як шахс имконият медиҳанд, ки дар пешрафти сиёсӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ иштирокчии муфид бошад.

Бояд гуфт, ки ҳуқуқ ба таҳсил дар байни ҳуқуқҳои фарҳангӣ ҷойи асосиро ишғол мекунад, зеро яке аз вазифаҳои он рушд додан, офаридан ва интиқоли фарҳанги моддию маънавӣ ба наслҳои оянда мебошад. Ба андешаи мо, ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳуқуқҳои фарҳангӣ, бо доштани чунин вижагиҳо аз қабили рушди

---

[227] Фарҳанги забони тоҷикӣ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://vazhaju.tj/word/фарҳанг/NDAwMTk=. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).; Фарҳанги Деҳхудо. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.vajehyab.com/?q=%D9%81%D8%B1%D9%87%D9%86%DA%AF. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[228] Гончаренко С. У. Освіта / С. У. Гончаренко // Енциклопедія освіти / [гол. ред. В. Г. Кремень]. – К.: Юрінком Інтер, 2008. – С. 614-616.

[229] Скакун О. Ф. Теория государства и права: учебник. – Харьков: Консум, 2001. – С. 60-61.

неруи эҷодии шахс, худогоҳӣ ва худшиносии ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва фарди алоҳида, интиқоли иттилооти иҷтимоӣ, эҷоди самтҳои арзишӣ барои шахс дар ҷомеа монандӣ дорад. Пас, моҳияти «фархангӣ»-и ҳуқуқ ба таҳсилро наметавон рад кард, бинобар ин, мо ба гурӯҳи ҳуқуқҳои фарҳангии инсон мансуб будани ҳуқуқ ба таҳсилро дуруст мешуморем.

Таҳқиқ дар вазъи омӯзиши масъалаи баррасишаванда нишон медиҳад, ки дар адабиёти хориҷӣ ҳуқуқ ба таҳсилро на танҳо ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, балки ба категорияи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандиву сиёсӣ низ шомил кардаанд[230]. Олимони аврупоӣ фикри худро бо он асоснок мекунанд, ки ин ҳуқуқ озодиҳои инсонро пешбинӣ мекунад, ки онро аз бисёр ҷиҳат ифода кардан мумкин аст. Яъне, ин ҳуқуқи падару модар дар интихоби муассисаҳои таълимӣ барои фарзандон ба онҳо мувофиқи эътиқоди худ таълимоти динию ахлоқӣ фароҳам овардан, бартарияти озодии академӣ дар муассисаҳои таълимӣ, худдории давлат аз табъизи минбаъдаи донишҷӯён аз рӯйи нажод, ҷинс, забон, дин ё фарҳанг ва аз дахолати зиёдатӣ ба ҳуқуқи таҳсил мебошад[231].

Ба назари мо, чунин мулоҳизаҳои олимони хориҷиро метавон бо сатҳи баланди рушди принсипи озодии таҳсил дар кишварҳои хориҷӣ шарҳ дод. Масалан, тадқиқотҳои гуногуни гузаронидашуда дар ин самт, аз ҷумла пажӯҳиши муҳаққиқ В.М. Смирнова рушди тамоюли кафолати принсипи озодиро дар низоми маорифи аврупоӣ тасдиқ мекунад. Ӯ ба ин натиҷа мерасад, ки принсипи озодӣ дар таҳсил бахше аз низоми маорифи хориҷӣ аст, ки дар баробари озодии эътиқод, озодии иттиҳодия ва озодии баён ба яке аз чаҳор рукни низоми ҳуқуқӣ, сохтори сиёсӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфтааст[232].

Ба назари муаллиф, андешаҳои ҷойдоштаро дар ҳуқуқшиносии аврупоӣ наметавон комилан рад кард. Зеро ҳуқуқ ба таҳсил воқеан ба озодии ҷаҳонбинӣ,

---

[230] Harris I. D. Law of the European Convention of Human Rights / Harris I. D. – L., 1995. – 540 p.; Right to Education Indicator based on the 4 A framework. Concept Paper, Prepared by Gauthier de Beco, Independent Consultant for The Right to Education Project, May 2009, 40 p. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.right-to-education.org/sites/r2e.gn.apc.org/files/Concept%20Paper.pdf с- 32.; The Protection of the Right to Education by International Law. By Klaus Dieter Beiter. – Leiden, Boston: Martinus Nijhoff Publishers. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[231] The Protection of the Right to Education by International Law. By Klaus Dieter Beiter. – Leiden, Boston: Martinus Nijhoff Publishers. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[232] Смирнова В. М. Правовое регулирование частного образования по законодательству зарубежных стран: частная школа – libera, №n privata? // Ежегодник Российского образовательного законодательства. – 2011. – Т. 6. – С. 245-264.

маънавиёт, хислатҳои ахлоқию равонии инсон робитаи ҷиддӣ дорад, ки онро то андозае ба ҳуқуқи шахсӣ, ки ба таҳия ва нигоҳ доштани сифатҳои дар боло зикршуда нигаронида шудааст, наздик мекунад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ барои муайян кардани мавқеи ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муносибати ягона вуҷуд надорад. Андешаи олимонро ба низом даровардa, онҳоро ба панҷ гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) ҳуқуқ ба таҳсил танҳо ба ҳуқуқҳои фарҳангӣ дахл дорад; 2) ба таври ҳамзамонӣ ҳам ба фарҳангӣ ва ҳам иҷтимоӣ дахл дорад; 3) ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад; 4) ба низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дохил мешавад; 5) ба категорияи ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мансуб аст.

Ба андешаи муаллиф, ҳуқуқ ба таҳсил аз лиҳози татбиқи он ба категорияи ҳуқуқҳои фарҳангӣ дохил мешавад. Мақсад аз чунин хулосабарорӣ ин рад ё ин ки инкор намудани андешаҳои олимони болозикр дар бобати хусусияти иқтисодию иҷтимоӣ доштани ҳуқуқ ба таҳсил нест, чунки набояд фаромӯш кард, ки ҳуқуқи инсон ба монанди пирамидаест, ки ҳар як сатҳаш барои сохтани он замина мегузорад. Монанди оне, ки ба татбиқшавии тамоми ҳуқуқҳои инсон – ҳуқуқ ба ҳаёт асос мегузорад. Ҳуқуқ ба таҳсил низ дар аввал сирф хусусияти фарҳангӣ дорад, вале ҳангоми татбиқшавии он таъсиррасонии ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба назар мерасад, ки ин аз ҷудонашаванда будани принсипҳои ҳуқуқи инсон бармеояд.

Ҳуқуқ ба таҳсил бо дигар ҳуқуқҳое, ки шахс дар робитаи зичи диалектикӣ қарор дорад, зич алоқаманд аст. Нақши ҳуқуқ ба таҳсил дар амалисозии дигар ҳуқуқу озодиҳо аз ҷониби олимон баҳои баланд дода мешавад. Аз ҷумла, Т. Матюшева қайд мекунад, ки ҳуқуқ ба таҳсил як навъ кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсонӣ мебошад. Татбиқи воқеии ин имконияти ҳуқуқӣ бо дастовардҳои назаррас дар такмили ҳифзи ҳуқуқии шахс дар маҷмуъ зич алоқаманд аст. Танҳо таҳсилоти босифат имкон медиҳад, ки шахс пас аз гирифтани он ба ҳолатҳои дигар вобаста набошад ва дар баробари мустақилияти иқтисодӣ барои қонеъ гардонидани

манфиатҳои шахс кафолатҳои мукаммалтар фароҳам меорад[233].

Дар илми ҳуқуқшиносии аврупоӣ эътироф мешавад, ки ҳуқуқ ба таҳсил як воситаи асосии амалӣ намудани дигар ҳуқуқҳои инсон мебошад[234]. Ин изҳорот бо як қатор сабабҳо асоснок карда мешавад. Якум, ҳуқуқ ба таҳсил, инкишофи ҳар як шахс бо сатҳи муайяни салоҳият, татбиқи самараноки ҳуқуқи интихобот, иштирок дар фаъолияти сиёсиро таъмин намуда, ба ташаккул ва рушди демократия дар ҷомеа, интиқоли дониш, малака ва маҳорат ба наслҳои оянда мусоидат мекунад. Сониян, бе таҳсил инсон ҳамчун шахс ташаккул намеёбад ва неруи худро дарк карда наметавонад. Сеюм, ҳуқуқ ба таҳсил инсонро бо некуаҳволӣ таъмин мекунад, талаботи ӯро ба хӯрокворӣ, саломатӣ, манзил, кор қонеъ месозад. Аммо аз ҳама муҳимаш он аст, ки он рушди шаъну шарафи инсонро таъмин мекунад.

Ду хусусияти охирини ҳуқуқ ба таҳсил, ки айни замон мавриди баррасӣ қарор гирифт, ба ақидаи К. Дитер[235], далели қавии он аст, ки ҳуқуқи инсон ба таҳсил бояд ҳамчун ҳуқуқи асосӣ эътироф карда шавад.

Дарвоқеъ, байни ҳуқуқ ба таҳсил ва дигар ҳуқуқу озодиҳо, ки дар вобастагии онҳо ба ҳамдигар ва кафолат додани як ҳуқуқ ба воситаи ҳуқуқи дигарӣ ифода ёфтааст, робитаи зич вуҷуд дорад. Одатан ин муносибат чунон қавӣ аст ва баъзан имконнопазир аст, ки ба яке аз ҳуқуқҳо афзалият дода, сатҳи иҷрои рисолати кафолатро нисбат ба дигараш муайян кард.

Дар асоси он ки ҳаёти инсон «ба қонеъ гардонидани талаботи ҷисмонӣ (биологӣ), маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ё иҷтимоӣ нигаронида шудааст»[236] дида мешавад, ки ҳуқуқ ба таҳсил василаи иҷрои баъзеи онҳост. Наметавон инкор кард, ки ҳуқуқ ба таҳсил олами маънавии одамро ғанӣ мегардонад, ӯро аз ҷиҳати ахлоқӣ, фарҳангӣ ва ҷисмонӣ такмил медиҳад, рафтору гуфтор, озодӣ ва дигар хосиятҳои шахсиро ташаккул медиҳад, ки бидуни инкишофи онҳо ҳаёт комил ба

---

[233] Матюшева Т. Н. Общеобразовательные учреждения в механизме реализации конституционного права на образование: проблемы типологии / Т. Н. Матюшева // Право и образование. – 2008. – № 11. – С. 45-55.

[234] Harris I. D. Law of the European Convention of Human Rights / Harris I. D. – L., 1995. – 540 p. – c. 28; Right to Education Indicator based on the 4 A framework. Concept Paper, Prepared by Gauthier de Beco, Independent Consultant for The Right to Education Project, May 2009, 40 p. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.right-to-education.org/sites/r2e.gn.apc.org/files/Concept%20Paper.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

[235] The Protection of the Right to Education by International Law. By Klaus Dieter Beiter. – Leiden, Boston: Martinus Nijhoff Publishers, 2006. – 752 p.

[236] Стефанчук Р. А. Личные неимущественные права физических лиц (понятие, содержание, система, особенности осуществления и защиты): монография. – М.: КНТ, 2008. – С. 273

назар намерасад. Таҳсил барои ташаккули шахсияти мутаносиб инкишофёфта ба роҳ монда мешавад, ки маънои рушди мутаносиб (мувозинат)-и неруҳои руҳӣ, ҷисмонӣ ва маънавии инсонро дорад.

Андозаи маънавии ҳаёт инсонро ба сӯйи худшиносӣ ва худогоҳӣ равона карда, «системаи муайяни донишҳо, пеш аз ҳама, дар бораи худ, ҷаҳон, ҳамчунин, эҳтиёҷот, малака ва қобилиятро» тақозо мекунад[237]. Яъне маънавият чун ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсон ба шарофати объектҳои ҳуқуқ ба таҳсил – дониш, малака, сифатҳои шахсӣ ташаккул меёбад. Ҳамаи ин боварӣ мебахшад, ки татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил яке аз роҳҳои такмили ҷаҳони маънавии инсон мебошад.

Албатта, ҳуқуқ ба таҳсил дар баробари дигар қобилиятҳои инсонӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки ҳуқуқ ба зиндагӣ, ба маънои сатҳи сифатии ӯ амалӣ шавад. Мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ ҳуқуқи ҳар кас ба сатҳи сифати зиндагӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад: 1) ҳуқуқи татбиқи ҳуқуқҳое, ки барои нигоҳ доштани шаъну шараф ва рушди озоди шахсият дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заруранд; 2) ҳуқуқ ба сатҳи зиндагӣ, ки барои нигоҳдории саломатӣ ва некуаҳволии оила мувофиқ аст, аз ҷумла ҳуқуқ ба озуқаворӣ, либос, манзил, хизматрасонии тиббӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ; ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар ҳолатҳои бекорӣ, беморӣ, аз даст додани ҳамсар, пиронсолӣ ё дигар ҳолатҳое, ки аз шахс вобаста нестанд; 3) ҳуқуқ ба беҳбудии доимии шароити зист; 4) ҳуқуқ ба озодӣ аз гуруснагӣ, ки бо чораҳои инфиродӣ ва коллективӣ аз ҷониби давлат барои беҳтар кардани истеҳсолот, тақсимот ва истеъмол таъмин карда мешавад[238].

Дар натиҷа, муносибати байни ҳуқуқ ба таҳсил ва ҳуқуқ ба ҳаёт дар нуктаҳои зерин зоҳир мешавад. Ҳуқуқи зиндагӣ нисбат ба ҳуқуқ ба таҳсил аввалиндараҷа аст, зеро бе қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти зиндагӣ ҳеҷ ҳуқуқ, аз ҷумла таҳсилот, вуҷуд дошта наметавонад. Ҳаёт талаботи инсонро барои қонеъ кардани ниёзҳои ҷисмонӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ муайян мекунад. Андозаи маънавии ҳуқуқ ба зиндагӣ талаботи шахсро ба худшиносӣ ва такмили худ, ҷанбаи биологӣ ба рушди ҷисмонӣ ва ҷанбаи иҷтимоиро ба мавҷудияти

[237] Сохацкая О.А. Духовно-ценностные измерения человеческой жизни / О. А. Сохацкая // Научный вестник Волынского национального университета имени Леси Украинки. – 2009. – № 19. – С. 33-36.
[238] Серегина С.Л. Конституционное право на высшее образование в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 78.

сифатии инсон ташкил медиҳад. Маҳз ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун воситаи қонеъ гардонидани ин талабот амал мекунад, зеро он бевосита инкишоф ва такмили қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавии шахсро таъмин намуда, ҷузъи сифати ҳаёт мебошад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки бидуни эътирофи ҳуқуқи инсон ба шаъну шараф арзиши ҳуқуқ ба таҳсил аз даст меравад. Муносибати байни ҳуқуқ ба таҳсил ва ҳуқуқ ба шаъну шараф дар ҳадафи иҷтимоии таълим ифода ёфтааст, ки «бояд ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти инсон ва дарки шаъну шарафи он нигаронида шуда, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсонро тақвият бахшад»[239]. Ҳуқуқ ба таҳсил барои таъмини ташаккул ва рушди ҳисси шаъну шарафи инсон пешбинӣ шудааст. Татбиқи ин вазифа аз он иборат аст, ки шахс тавассути азхудкунии донишҳои нав, ташаккул додани малака, қобилият ва хосиятҳои муайян сатҳи худшиносӣ ва худогоҳиро баланд мебардорад, аҳаммияти худро дарк мекунад. Ба шарофати инкишофи донишҳои нав ва ташаккули хосиятҳои шахсӣ шахс ба таври сифатӣ «меафзояд» ва ин имкон медиҳад, ки муносибати муайян ба худ ва дигарон ташаккул ёбад. Ҳисси шахсии шаъну шараф касро ба беҳбудӣ водор мекунад, майлу хоҳиши беҳтар шуданро муайян мекунад ва майли дар худ парваридани хислатҳои инсониро ташаккул медиҳад. Ташаккули ахлоқии инсон ба ташаккули шаъну эътибори худи шахс ва ҳар як шахс, сарфи назар аз ҳама гуна аломатҳо, ҳамчун шахсияти беназир мутаносиб аст.

Вазифаи таҳсил тарбия ва ташаккули худбаҳодиҳӣ дар хонандагон аст, яъне ин падидаи иҷтимоӣ барои ташаккули худи шахс пешбинӣ шудааст. Бо фаро гирифтани кӯдакон ба муассисаи томактабӣ ё таҳсилоти умумӣ волидайн ба коллективи педагогӣ шахсияти кӯдакро, ки осебпазир аст ва ба дастгирӣ ниёз дорад, бовар мекунонанд. Ҳар як кӯдакро талаб мекунад, ки ҳамчун мавҷудоти аз ҳама арзишманд дар ҷаҳон муносибат кунанд, бинобар ин муҳим аст, ки шаъну шарафи ӯро паст назананд, то раванди рушдро суст накунанд.

---

[239] Паймони байналхалкии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/паймони-байналхалкии-ҳуқуқҳои-иқтисодӣ-иҷтимоӣ-ва-фарҳангӣ (санаи муроҷиат 20.11. 2022).

Сарфи назар аз он ки маориф дар самти тарбияи эътимод ба нафс, камолоти ҳамаҷонибаи шахс мақоми баланд дорад, аммо он ҳанӯз ба ҳадди камоли худ нарасидааст. Мактаб на танҳо дар ҳаёти кӯдакон ҳамчун муҳити иҷтимоисозии асосӣ нақши муҳим мебозад, балки ҳамчунин маконест, ки кӯдакон дар маҳдудаи онҳо бештар ба хушунат дучор мешаванд, ин албатта мушкилоти системавӣ аст. Ин ҳарфҳоро гузориши нисбатан тозаи ЮНЕСКО дар соли 2017 таъйид намуда мегӯяд, ки миллионҳо духтарону писарон ҳангоми таҳсил дар мактаб ба хушунат ва таҳқиру табъиз рӯ ба рӯ мешаванд. Бар пояи пажӯҳиши ин созмон, 34 дарсади хонандагон дар 19 кишвари мизони даромадашон паст иқрор кардаанд, ки дар як соли охир аз сӯйи ҳамсинфонашон хушунат шудаанд. Дар ҳамин ҳол ҳашт дар садашон гуфтаанд, ки ҳамарӯза мавриди таҳқири ҳамсабақон қарор мегиранд[240]. Муносибати хушунатомез дар миёни мактабиён дар Тоҷикистон низ мавзуи доғ аст. Хушунат дар шаклҳои зӯроварӣ, латукӯб, таҳқир, лагадкӯб, торсакӣ задан, бо лақаби таҳқиромез садо задан, зарар ба молу мулк, маҳрум кардан аз хӯрок ва пул, дастдарозии ҷисмонӣ, канорагирӣ ва ғ. дар мактаб зоҳир мешавад[241]. Ҳолатҳои зӯроварии мактаббачагон нисбат ба ҳамсолонашон кам нестанд, ин ҳолатҳо вақтҳои охир ҳатто бо сабти телефонҳои мобилӣ бо мақсади интишор дар шабакаҳои иҷтимоӣ ё тамошо ҳамроҳ мешаванд. Хабари чунин қонуншиканиҳо дар миёни мактаббачагон, донишҷӯён ва ҳатто муаллимон дар муассисаҳои таълимии ҶТ борҳо нашр шудаанд[242]. Бояд қайд кунем, ки дар давлатҳои аврупоӣ барои пешигирӣ аз чунин ҳолат ва ҳифзи шаъну шарафи иштирокчиёни раванди таҳсил чораҳои муассири ҳуқуқӣ андешида шудаанд. Масалан, дар Фаронса сабту паҳн кардани ҳолатҳои хушунат ва зӯроварӣ (ба ҷуз аз ҳолатҳои пешбинишуда) манъ карда шудааст ва чунин амал ҷавобгарии қонуниро дар пай дорад. Дар ин ҳолат барои чунин амалҳо ҷазо дар шакли маҳрумият аз озодӣ ба муҳлати 5 сол ё

[240] Таҳлилгарон: Табъизу хушунат кӯдаконро бадҷаҳлу ҷангҷӯ мекунад. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ozodi.org/a/bulling-at-tajik-schools-/28325324.html. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

[241] Жестокое обращение с детьми и пренебрежение их нуждами в семье в кыргызской республике. Доклад ЮНИСЕФ [Сарчашмаи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unicef.org/kyrgyzstan/media/2436/file/Child._Abuse_Neglect_In_Families_RU.pdf%20%20.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

[242] Авбошии хонандагони мактаб дар душанбе // Фараж. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://farazh.tj/habari-ruz/avboshii-khonandai-maktab-dar-dushanbe/. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

ҷарима ба маблағи 75 ҳазор евро пешбинӣ шудааст[243]. Бояд тазаккур диҳем, ки ҶТ ҳам бояд аз ин таҷрибаи мусбат истифода намуда, чораҳои мушаххасеро ба мисли иқдоми Фаронса рӯйи кор бигирад.

Шаклҳои гуногуни таҳқир кардани арзиши шахсияти донишҷӯ, шаъну шарафи он аксар вақт сабаби нокомии таҳсил, инҳироф дар рафтор ва ҳатто ҳодисаҳои худкушӣ мегарданд[244]. Ин намуди зӯроварии кӯдакон аз ҷониби Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун таҳқиркунандаи шаъну шараф, яъне. «онҳо ба хотири дар ҷабрдида ҳисси тарс, ранҷ ва ҳақорат, инчунин паст задани шаъну шарафи ӯ ва шикастани муқовимати ҷисмонӣ ва маънавии ӯ пешбинӣ шудаанд»[245]. Яъне амалияи мурофиаи судии аврупоӣ аз имкони ҳимояи судии ҳуқуқ ба шаъну шараф шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ба шаъну шараф ҳуқуқ ба таҳсилро ҳам таъйин мекунад, зеро он имкон медиҳад, ки шахс ҳамчун арзиши олии иҷтимоӣ, ки рушди онро тақозо мекунад, эътироф карда шавад. Маҳз ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун воситаи такмил ва худшиносӣ, инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият, таҳкими эҳтиромии инсон, шаъну шараф, ҳуқуқ ва озодиҳои асосии ӯ амал мекунад. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба таҳсил ҳисси шаъну шарафро ҳам дар шахсият ва ҳам дар шуури ҷамъиятӣ ташаккул ва инкишоф медиҳад.

Вобаста ба ҷойгиршавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба асосӣ (конституцсионӣ) ва ҳуқуқҳои дигари инсон (мушаххасгардонидашуда) тақсим мешаванд[246]. Барои он ҳуқуқҳои асосӣ меноманд, ки онҳо ҳуқуқҳое мебошанд, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ ва конституцсияҳо пешбинӣ мешаванд. Чунин тасниф маънои аввалиндараҷа ҳисобидани ҳуқуқҳои асосӣ ва дуюминдараҷа шуморидани ҳуқуқҳои дигарро надорад. Моҳияти ин таснифот дар он ифода меёбад, ки ҳуқуқҳои дигари инсон аз ҳуқуқҳои асосӣ сарчашма мегирад ва баҳри

---

[243] Меньших А.А. Защита половой неприкосновенности несовершеннолетних в уголовном законодательстве Франции [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://nbpublish.com/library_get_pdf.php?id=31929 (санаи мурочиат: 10.02. 2022).
[244] Таҳлилгарон: Табъизу хушунат кӯдаконро бадҷаҳлу ҷангҷӯ мекунад. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ozodi.org/a/bulling-at-tajik-schools-/28325324.html. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).
[245] Василевич Г. А. Конституционное правосудие / Василевич Г. А. – Минск: Право и экономика, 2012. – С. 115.
[246] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат (китоби дарсӣ). – Душанбе: “Сино”, 2018. – С. 403.

мушаххас гардонидани ҳуқуқҳои асосӣ равона гардидаанд. Масалан, ҳуқуқи асосӣ ба таҳсил ё ба ташкили оила дар алоҳидагӣ дар қонунгузории таҳсил ва дар қонунгузории оила мушаххас мегардад. Вобаста ба ҷойгиршавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон ба таҳсил ба гурӯҳи ҳуқуқҳои асосӣ (конституцсионӣ) дохил мешавад.

Ҳамаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста ба имконияти муваққатан маҳдуд кардани давлат ба ҳуқуқҳои мутлақ ва нисбӣ ҷудо мешавад. Ҳуқуқҳои мутлақ гуфта доираи муайяни хуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро меноманд, ки аз тарафи давлат боздоштану маҳдудсозии он дар ягон ҳолат мумкин нест. Масалан, хуқуқ ба ҳаёт, озодӣ аз шиканҷа ва озодӣ аз ғуломӣ, ки инро ҳатто санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон муқаррар намудаанд. Ҳуқуқҳои нисбӣ гуфта доираи муайяни ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро меноманд, ки аз тарафи давлат дар ҳолати ҷорӣ кардани вазъияти фавқулода ба муҳлати муайян амалаш боздошт ва маҳдуд карда мешавад. Маҳдудсозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил ин бо қонунгузорӣ таҳким бахшидани ҳудуди зарурии амалисозии он буда, бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигар одамон ва муътадил фаъолият кардани давлат ва ҷомеа мебошад.

Ҳуқуқи инсон ба таҳсил ба зумраи ҳуқуқҳои нисбӣ дохил мешавад ва танҳо ба мақсади ҳифзу ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конституцсионӣ ва тамомияти арзии давлат маҳдуд карда мешавад. Агар ба қисми 2 моддаи 29 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар назар кунем, дар он ҷо муқаррар гардидааст, ки «Ҳар як инсон дар бобати татбиқи ҳуқуқу озодиҳои худ бояд танҳо ба дараҷае маҳдуд карда шавад, ки аз тарафи қонун ба мақсади таъмини эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ дар шароити ҷомеаи демократи муқаррар карда шудааст»[247].

Вобаста ба нақши давлат дар амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳуқуқҳои инсонро ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ таснифбандӣ мекунанд.

[247] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content/ эъломияи-умумии-ҳуқуқи-башар. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

Ҳуқуқҳои фитрии инсон маҷмуи ҳуқуқу озодиҳоест, ки то пайдоиши давлат ба вуҷуд омада, аз табиати биологӣ, иҷтимоӣ ва рӯҳии инсонҳо ба миён омада, шарти мавҷудияти ӯро ҳамчун махлуқи бошуур ва иҷтимоӣ ифода менамояд[248]. Ҳуқуқҳои позитивӣ гуфта, маҷмуи ҳуқуқу озодиҳоеро меноманд, ки онҳо дар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ кафолат дода шуда, давлат онҳоро муқаррар, эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Як гуруҳи муҳаққиқон Е.Д. Волохова[249], Л.Ю. Грудцына[250], Е.И. Козлова[251] ва В.И. Шкатулла[252] ҳуқуқ ба таҳсилро, ки моҳияти иҷтимоӣ дошта, аз табиати инсонҳо бар меояд ва инкишофи раванди инсонӣ нигаронида шудааст, ҳамчун ҳуқуқи фитрии инсон меҳисобанд.

Гуруҳи дигари муҳаққиқон А.Н. Кокотов, М.И. Кукушкин. М. ҳуқуқ ба таҳсилро вобаста ба хусусияти жар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мусттаҳкам гардиданашон ба гуруҳи ҳуқуқҳои позитивӣ шомил медонанд[253].

Аз омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ оид ба инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳанӯз то замони пайдоиши институти давлат ва ҳуқуқи позитивӣ инсонҳо ба таълиму тарбияи фарзандони худ машғул буданд. Яъне онҳо бо ҳар роҳ ҳуқуқ ба таҳсили фарзандонашонро амалӣ мегардониданд. Ҳуқуқ ба таҳсил ба зумраи ҳуқуқҳои фитрии шахс дохил мешавад.

Метавон гуфт, ки ҳуқуқи иснсон ба таҳсил дар худ низоми махсуси амалишавииро дорад, ки иштироки муштараки се тарафро дар бар мегирад.

Якум, ин инсон ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳайси ташаббускор баромад намуда, барои инкишофи ҳуқуқи худ ба таҳсил ҳаракатҳои фаъолро анҷом медиҳад ва мустақилона онро ҳимоя мекунад.

---

[248] Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон.– Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – С. 11.

[249] Волохова Е.Д. Законодательное обеспечение права на образование в Российской Федерации. – Москва: Готика, 2004. – С. 9.

[250] Конституция Российской Федерации. Доктринальный комментарий (постатейный) / М.П. Авдеенкова, А.Н. Головистикова, Л.Ю. Грудцына и др.; рук. авт. кол. Ю.А. Дмитриев, науч. ред. Ю.И. Скуратов. 2-е изд., изм. и доп. – Москва.: Статут, 2013.

[251] Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. – Москва, 2006. – С. 255.

[252] Шкатулла В.И. Образовательное право. – Москва.: Норма, 2001. – С. 200.

[5] Конституционное право России: Учебник / Отв. ред. А.Н. Кокотов, М.И. Кукушкин. – Москва: Юрист, 2003. – С. 145.

Дуюм, давлат низ ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳайси як тараф баромад намуда, барои инкишоф ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба таҳсил шароитҳои заруриро фароҳам меорад.

Сеюм, ин ҷамъият мебошад, ки дар симои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратии худ хизматрасонии муайянро ба анҷом расонида, оид ба таъмини сатҳи баланди хизматрасонӣ барои гирифтани таҳсил пешниҳодҳо мекунад ва масъулиятҳои ба уҳдааш бударо пурра ва сари вақт ба ҷо меорад.

Давлат дар асоси принсипҳои озодона интихоб намудани шакли таҳсил, дастрасии баробари таҳсилот ва иштироки давлат дар раванди амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил бояд базаи ягонаи таҳсилотро созмон диҳад, чунки имрӯз мо дар ҷараёни ҷаҳонишавии ҳуқуқу озодиҳо ва демократикунонии давлат қарор дорем ва инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил яке аз унсурҳои муҳимми муносибатҳои байни миллатҳо, фарҳангҳо ва давлатҳо мебошад. Бе созмон додани системаи ягонаи таҳсилот ва таъмини ҳуқуқи инсон ба таҳсили сифатнок инкишофёбии илму техника ва санъату истеҳсолотро фикр кардан ғайриимкон аст. Дар ин ҳолат мо метавонем ҳуқуқи инсон ба таҳсилро ҳуқуқи фундаменталӣ шуморида, кафолатҳои ҳатмии онро барои инкишофи дигар ҳуқуқҳои инсон таъмин намоем.

Таҳлили табиати ҳуқуқии ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва мавқеи онро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба охир расонида, ба ин натиҷагириҳо мерасем:

Ҳуқуқи ба таҳсил – ин меъёри хусусияти ҳаётан муҳимми ҷамъиятидоштае мебошад, ки барои инкишофёбии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва дар амал татбиқ намудани манфиатҳои шахсии ӯ, ки қонун кафолат додааст, ба роҳ монда шуда, инчунин, фаъолияти давлатро оид ба таъмин намудани шароитҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ки барои гирифтани таҳсилот зарур аст, ба танзим медарорад.

Объекти батанзимдарории ҳуқуқи инсон ба таҳсилро тамоми муносибатҳои ҷамъиятие, ки бевосита дар раванди амалигардонии ҳуқуқ ба таҳсил, гирифтани таълим пайдо мешаванд, тағйир меёбанд ва қатъ мегардад ва ҳамчунин, дигар муносибатҳои бо гирифтани таълиму тарбия алоқаманд дар бар мегирад.

Дар амал татбиқ намудани ҳуқуқи инсон ба таҳсил аз фаъолияти давлат ва вазъи иқтисодии он, танзими давлатии ҳатмии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар раванди гирифтани таҳсилот ва барои инкишофёбии ҳуқуқҳои субъективии инсон зарур аст, вобастагӣ дорад.

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар раванди гирифтани таҳсилот ба миён меоянд, дар якҷоягӣ бо иштироки муштараки инсон, давлат ва ҷамъият дар симои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ амалӣ карда мешаванд. Аз ин ҳолат маълум мегардад, ки нақши асосиро барои дар амал татбиқ намудани ҳуқуқ ба таҳсил давлат мебозад. Манфиати иштирокчиёни муносибатҳои таҳсилотӣ барои пурра кардани якдигар равона гардидааст.

Ҳуқуқи инсон ба таҳсил ба ҳар як инсон сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, вазъи иқтисодӣ, оилавӣ ва сиёсӣ кафолат дода мешавад. Таъмини таҳсилоти босифат, ки асоси инкишофёбии фарҳанг ва фаҳмиши ҳуқуқии инсон гардида, имконият медиҳад, ки инсон озодона ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиашро амалӣ гардонад, кафолати давлатии ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ба таҳсил, аз меъёри ба соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ шомил буданаш, ба категорияи ҳуқуқҳои фарҳангӣ мансуб аст. Дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд он яке аз ҷойҳои асосиро ишғол карда, асоси инкишофи дигар ҳуқуқҳо мебошад. Муносибати байни ҳуқуқ ба таҳсил ва дигар ҳуқуқҳо дар робитаи зичи байни онҳо ва вобастагии мутақобилаи як ҳуқуқ ба ҳуқуқи дигар ифода меёбад. Татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил бидуни мавҷудияти ҳуқуқ ба ҳаёт ва нопурра бидуни қонеъ кардани ҳуқуқ ба саломатӣ, шаъну шараф, озодии эҷодкорӣ, фикр ва сухан, баёни озоди ақида ва эътиқоди худ, дастрасӣ ба маълумот, меҳнат, инкишофи озодонаи шахс, ҳифзи иҷтимоӣ ғайриимкон аст. Дар навбати худ, татбиқи ин ҳуқуқҳо низ бе татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил, ки воситаи таъмини аксари онҳо мебошад, бесамар хоҳад буд. Аз ҷумла, ин ҳолат ба ҳуқуқҳои зерин дахл дорад: а) ҳаёти инсон (таълим бевосита ба инкишоф ва такмили қобилиятҳои маънавии шахс ва бавосита ба хотири вуҷуд овардани шароити босифати зиндагӣ нигаронида шудааст); б) шаъну шараф (ба даст

овардани таҳсил ба дарк намудани шаъну шарафи инсон, арзиши аслии он, таҳкими эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон нигаронида шудааст); в) озодии эҷодкорӣ (ҳуқуқ ба таҳсил барои ошкор, ташаккул ва рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон, инчунин худидоракунии онҳо шароит фароҳам меорад); г) меҳнат (мавҷудияти маълумот қобилияти одам ва шаҳрвандро дар ҷустуҷӯи кор, интихоби касбу кор, шароити муносиби меҳнат ва музди меҳнат зиёд мекунад); ғ) инкишофи озодонаи шахсият (амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил барои инсон ва шаҳрванд имконият фароҳам меорад, ки ба инкишофи ҳамаҷониба, мутаносиби онҳо нигаронида шудааст).

2.4. Омилҳои ҳуқуқӣ-идории таъсиррасон ба инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҷрибаи байналмилалӣ, дар навбати аввал дар кишварҳои рӯ ба инкишоф, нишон медиҳад, ки манбаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии давлат ин таҳсилоти миллат аст. Сармоягузорӣ ба иқтисодиёте, ки аҳолии он дорои сатҳи пасти таҳсилот ё таҳсилоти ба талаботи замон ҷавобгӯ ҳастанд, танҳо ба бунёди истеҳсолоти аз ҷиҳати технологӣ камсамару қафомонда, қафомонии ҳарчи бештари давлат аз тамоюлоти ҷаҳонии рушди иқтисодӣ мунҷар мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми мавзуи рисолаи мо муайян кардани омилҳои ҳуқуқӣ-идориест, ки дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил таъсир гузоранд. Шароит ва равандҳои зеринро, ки ба ташаккули ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар даврони Истиқлол заминаи муҳим гузошт, метавон ба омилҳои таъсиррасон шомил кард: фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва мукаммал гардонидани қонунгузории мамлакат дар соҳаи ҳуқуқ ба таҳсил; эътироф, риоя ва ҳифз ва кафолати ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳимояи он; шомилшавии давлат ба созмонҳои байналмилалӣ ва эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии вобаста ба ҳуқуқ ба таҳсил; ба як низоми муайяни танзимнамоӣ даровардани низоми таҳсилот дар ҶТ; амалисозии сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф (таҳсилот); заминасозии

шароитҳои моддӣ (иқтисодӣ) барои ташкили раванди таҳсилот; тасвиб ва риояи принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз ҷониби давлат; татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар раванди амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби давлат; омодасозии пояҳои методии таълим ва тарбия бар асоси таҷрибаҳои миллии таърихӣ ва пешрафтаи ҷаҳонӣ.

Ҳукумати ҶТ ба ҳалли масъалаҳои марбут ба таъмин намудани шароити зиндагии арзанда ва некуаҳволии мардуми Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд, чунки ҶТ тибқи Конституцсия давлати иҷтимоӣ эълон гардида, ухдадор шудааст, ки ба ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Дар баробари ин, таъмин намудани шароити мусоид барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил низ яке аз ухдадориҳои давлат ба ҳисоб рафта, ҳалли тадриҷии масъалаҳои иҷтимоии бо ҳуқуқ ба таҳсил алоқаманд дар кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии давлат ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд, ки: «Мо ба хотири рушди илму маориф тамоми захираву имкониятҳоро равона кардаем ва ин корро минбаъд низ бомаром идома медиҳем. Зеро ояндаи миллат ва фардои давлат ба наслҳои ватандӯсту ватанпараст, бонангу номус, дорои ҳисси баланди миллӣ, соҳибмаърифату донишманд, забондон, дорои ҷаҳонбинии васеъ, меъморону муҳандисон, ихтироъкорону навоварон, дигар ихтисосҳои замонавӣ ва касбу ҳунарҳои муосир вобастагии мустақим дорад»[254].

Яке аз омилҳои асосии инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ин заминаи моддии (иқтисодии) давлат ва дар асоси он таъмин намудани шароити мусоид ба ҳисоб меравад, чунки бидуни иқтисодиёти инкишофёфта ва заминаҳои моддии давлат таъмин намудани шароити мусоид барои ба пуррагӣ амалӣ гардидани ҳуқуқи инсон ба таҳсил имконнопазир мегардад. Ҳамчунин, бе аҳаммиятии давлат дар таъмин намудани шароити муосид ҷиҳати амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ба косташавии сатҳи саводнокӣ ва иқтидори зеҳнии аҳолӣ оварда мерасонад. Мо

[254] Суханронӣ дар Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://tojikmatlubot.tj/syhanron%D3%A3-dar-r%D3%AFzi-donish-va-iftito%D2%B3i-bi№i-asosii-donishgo%D2%B3i-davlatii-tibbii-to%D2%B7ikiston-2/. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

бояд дарк кунем, ки инкишофи давлатдорӣ ва рушди ҷомеа аз мутахассисони донишманду босавод вобаста аст. Чи тавре ки аз талаботҳои яке аз категорияҳои Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ барои то соли 2020 бармеояд, иқтидори зеҳнии аҳолӣ яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи рушди ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад[255].

Яке аз омилҳои асосии дигаре, ки ба инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил замина гузошт, ин фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва мукаммал гардонидани қонунгузории мамлакат дар соҳаи ҳуқуқ ба таҳсил ва ба як низоми муайяни танзимнамоӣ даровардани низоми таҳсилот дар ҶТ мебошад. Агар ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқ ба таҳсил то давраи Истиқлол дар ҶТ назар намоем, маълум мегардад, ки он низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо назардошти шароит ва вазъи онрӯзаи ҷамъият тартиб дода шуда, бо мурури замон, баробари пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятии ҳуқуқ ба таҳсил алоқаманд куҳна гардидаанд. Баъди қабули Конституцсияи ҶТ мо ба низоми мукаммалгардонии қонунгузории соҳаи таҳсилот ворид гашта, вобаста ба ҳар як зина ва низоми таҳсилот санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида қабул намудем. Масалан, дар робита ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар раванди амалисози ҳуқуқ ба таҳсили олии касбӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 амал мекунад, ки тамоми муносибатҳои ҷамъиятии дар раванди амалигардии ҳуқуқи мазкурро ба танзим медарорад.[256] Ва ба ҳамин монанд, вобаста ба ҳар як зинаҳои таҳсилот ва тартиби амалисозии онҳо қонунҳои алоҳида қабул карда шудааст.

Омили дигари асосии инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ин коркарди сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таҳсилот мебошад. Павленко Е.М. қайд менамояд, ки «дар ин роҳ коркард ва амалӣ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таҳсилот аз

[255] Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://maorif.tj/storage/Dokument%27s/Bar№maho/85bef317aed011a78e9f15c1273d6ca7.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[256] Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content/. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

вазифаҳои муҳимми давлатӣ ба шумор рафта, омили асосии инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил мебошад»[257].

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии ҶТ маҳсуб меёбад. Давлат барои амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот мақомоти ваколатдори давлатӣ (Вазорати маориф)-ро вазифадор намуда, фаъолияти онро ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил равона мекунад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот дар ҶТ дар заминаи усулҳое қарор мегирад, ки онҳо моҳият, мақсад, мазмун ва таъиноти низоми таҳсилот дар мамалакат бо тартиб додани стратегияҳои рушди маорифи ҶТ муайян менамояд.[258] Аз ҷумла, баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат, қонуният, эҳтиромиҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бартарии соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳои идоракунии давлатӣ, ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ, дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот ва ғ.

Масъалаи дарк ва фаҳмиши ҳуқуқ ба таҳсил низ аз омилҳои зикргардида ба ҳисоб рафта, предмети омӯзиши фанни таълимӣ гардидааст. Имрӯз дар кафедраи ҳуқуқи конституцсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фанни ҳуқуқи таҳсилот ба донишҷуён дарс дода мешавад.

Аъзошавии давлат ба созмонҳои байналмилалӣ ва тасвиби санадҳои байналмилалӣ низ аз омилҳое мебошанд, ки ба инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил мусоидат менамояд. Равандҳои ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ сабаб гардид, ки ҶТ муҳимтарин санадҳои байналмилалиро дар самти ҳуқуқи инсон ба таҳсил ба имзо расонида, дар амал татбиқ намояд. Аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак, Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ва ғ. Масалан, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат дода, давлатҳоро

---

[257] Павленко Е.М.. Формирование культуры прав человека и конституцционного правосознания в современной России. – М., 2004. – С.79

[258] Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.maorif.tj/storage/Dokument's/СТРАТЕГИЯҲО/b1f1813e0654f705a506e718fd627bc8.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

уҳдадор намудааст, ки барои амалисозидани он шароити мусоид фароҳам оварад, дар сурати баръакст паймон ҷавобгариро пешбинӣ менамояд. Махсусан, ҶТ баъди аъзои созмонҳои байналмилалӣ шудан ва ба тасвиб расонидани онҳо уҳдадориҳои муайянро дар бахши ҳуқуқи инсон (аз он ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил) бар дӯши худ гирифт, ки иҷроиши онҳо барои давлати мо ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳони шарти муҳим ба ҳисоб меравад.

Ин санадҳои байналмилалӣ, ки кафолатдиҳандаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил буда, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҶТ-ро ташкил медиҳанд. Воридшавии ҶТ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба имзо расонидани созишномаю санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба мо имкон дод, ки низоми таҳсилотӣ дар ҳамгиро̄ бо низоми ҷаҳонии маориф; мубодилаи дуҷонибаи донишҷӯён ва кадрҳои илмӣ; эътирофи дипломҳо ва дигар санадҳои расмӣ ба роҳ монда шавад; ҳамкориҳои чандҷониба дар робита ба пажӯҳишоти илмӣ дар сатҳи ниҳодҳо ва муассисаҳои илмӣ ва таҳсилот ба роҳ монда шавад. Дар доираи созишномаҳои дар ҶТ амалкунандаи соҳаи маориф ҳар сол ба шаҳрвандони Тоҷикистон барои идомаи таҳсил дар мактабҳои олии кишварҳои ИДМ (Федератсияи Россия, Белоруссия, Қазоқистон, Қирғизистон, Украина ва ғ.) квотаҳо ҷудо карда мешаванд. Теъдоди созишномаҳои байни мактабҳои олӣ дар доираи ИДМ меафзояд. Шумораи донишҷӯёни кишварҳои ИДМ, ки дар муассисаҳои таълимии олии ҶТ таҳсил мекунанд, афзоиш меёбад. Масалан, бино бар омори расмӣ ҳар сол беш аз 5 ҳазор нафар ҷавонони тоҷик барои таҳсил ба мактабҳои олии хориҷи кишвар фиристода мешаванд. [259]

Кафолати ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва механизмҳои ҳимояи он аз омили дигари инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил мегардад. Дар асоси кафолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил таъсис дода шуда, шаҳрвандон ҳангоми вайрон гардидани ҳуқуқашон аз онҳо истифода мебаранд. Чуноне, ки А.М. Диноршоев қайд менамояд: «Кафолати ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд - ин восита ва шароитҳое мебошанд, ки имконияти истифода аз ҳуқуқҳои пешбиникардаи Конституцсия, шартномаҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва

[259] Паёми Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/9389/pajomi-prezidenti-tojikiston-peshvoi-millat-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri. (Санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро таъмин месозанд»[260]. Масалан, қонун ба шаҳрвандон ҳуқуқи озодона интихоб намудани шакл ва намуди таҳсилро додааст ё ин ки шахс ҳуқуқ ба шароити мусоиди барои таҳсил таъминшударо дорад.

Дар ин ҷо дар хусуси кафолатҳои амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил метавонем ба фикри устод А.И. Имомов розӣ шавем. Чи хеле ки муҳаққиқ кайд мекунад, ҳуқуқ ба таҳсил мувофиқи моддаи 41 Конституцияи ҶТ аз зумраи ҳуқуқҳои позитивӣ мебошад. ҶТ дар танзими ҳуқуқи инсон ба таҳсил имкониятҳои худро дар сатҳи солҳои анҷоми асри XX ва оғози асри XXI, давраи номуайяни сохти иҷтимоӣ иқтисодии мамлакат ба асос гирифтааст[261]. Минбаъд пурзӯр намудани кафолати ҳуқуқ ба таҳсил ба рушди имкониятҳои ҶТ дар самтҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, давлатро зарур меояд, ки вобаста ба шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодии имрӯзаи давлат низоми таҳсилот ва кафолатҳои ҳуқуқии онро баробар намояд.

Риояи принсипҳои ахлоқӣ дар ҷараёни амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил яке аз омилҳои инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳисоб меравад. Пеш аз ҳама, шинохти хонандаро бояд ба роҳ монд. Ӯро надониста набояд таълимро оғоз кард. Бахусус, ҳолати руҳии хонандаро бояд омӯхт, то ки аз тарзи рафтори муаллимон дар ӯ аксуламале ба вуҷуд наояд. Таҳсилро танҳо баъди анҷом додани ин зина метавон шуруъ кард. Ба инобат гирифтани ин ҷиҳатҳо имконият медиҳад, ки хонандагон соҳиби дониш шаванд ва дар баробари ин сатҳи маданияти ахлоқиашон низ баланд гардад.

Сатҳи зиндагонии аҳолӣ дар амалисозии ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон омили асосӣ ба ҳисоб меравад. Агар сатҳи зиндагии оила аз ҷиҳати молиявӣ хуб бошад, фарзанд барои таҳсил намудан дар шароити хуб қарор мегирад. Агар сатҳи молиявии оила имконияти дар шароити хуб таҳсил намуданро надиҳад, оқибат ба нокомӣ оварда мерасонад.

Омили дигар ин татбиқ намудани чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар раванди амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби давлат мебошад. Масалан, озод намудан аз

[260] Диноршоев А.М. Права человека. – Душанбе, 2010. – С. 212.
[261] Имомов А.И. Ҳуқуқ ба таҳсил қисми таркибии сиёсати иҷтимоии давлат // Конституция роҳнамои ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил (бахшида ба 20 солагии Конституцияи ҶТ). – Душанбе, 2014. – С. 13-25.

пардохти ҳаққи таҳсил дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва ғ. Ҳамчунин, имрӯзҳо Ҳукумати ҶТ мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва бо мақсади ҳавасманд гардонидани талабагон, донишҷӯёну аспирантон ва толибилмони дигари манфиатдор, ҳар сол барои донишомӯзӣ дар кишварҳои хориҷӣ стипендияҳои байналмилалии Президенти ҶТ (Дурахшандагон)-ро ҷудо менамояд[262].

Таълими сифатнок дар муассисаҳои таълимӣ низ метавонад ба сифати омили таъсиркунандаи инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил гардад. Чунки таълими сифатнок дар муассисаи таълимӣ на танҳо сатҳи интелектулии хонандаро баланд мекунад, балки ба гузаштани мақсадҳои олӣ ва интихоби озодонаи роҳи ҳаёташ шароити хуб фароҳам меорад.

Яке аз омилҳои дигаре, ки дар амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил аҳаммияти хосса дорад, ин забони таҳсил мебошад. Аз ин сабаб қонун забони асосии таҳсилро дар муассисаҳои таълимии ҶТ забони давлатӣ эълон кардааст. Давлат ба шаҳрвандон интихоби забони таҳсилро кафолат дода, ба забони давлатӣ ва дар маҳалҳои сукунати сернуфузи миллатҳои дигар, дар доираи имконоти мавҷудаи соҳаи маориф, ба забони модарии онҳо гирифтани таҳсилоти умумиро кафолат медиҳад. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ забони таҳсил бо роҳи ташкил намудани шумораи зарурии хонандагон синфҳо, гурӯҳҳо ва фароҳам овардани шароит барои фаъолияти онҳо муайян карда мешавад. Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ омӯзиши забони давлатӣ тибқи қонунгузории ҶТ ва стандартҳои давлатии таҳсилот ҳатмист[263].

Таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо техникаву технологияҳои нав дар раванди таълим яке аз омилҳои дигари инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳисоб рафта, рушди пурра ва ҳамматарафаи сатҳу сифати таълимро таъмин менамояд. Президенти ҶТ ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, қайд мекунад, ки «...дар ин раванд як

[262] Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02 апрели соли 2009 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи стипендияи байналмилалии Президенти ҶТ (Дурахшандагон)» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content/. (санаи мурочиат: 10.02.2022).

[263] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ (06.11.1994) / Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии ҶТ, академики Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М. Маҳмудзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – С. 35.

нуктаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳу сифати таҳсил ва маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд...»[264].

Бо назардошти вазъияти иҷтимоии давлат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ба роҳ мондани қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятии бо ҳуқуқ ба таҳсил алоқаманд, яке аз омилҳои дигари инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳисоб меравад.

ЮНИСЕФ яке аз мақоми байналмилалӣ дар самти назорати ҳуқуқ ба таҳсил ҳангоми гузаронидани санҷишҳо дар давлатҳои дунё 6 омилҳои асосии инкишофи ҳуқуқ ба таҳсилро муайян намудааст. Аз он ҷумла:

– Вазъи иқтисодӣ ва молиявии давлат дар таъмин намудани шароити мусоид барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил;

– Арзиши олӣ доштани ҳуқуқҳои инсон дар давлат ва эътироф, риоя ва ҳифзи онҳо;

– Таъмини Истиқлол ва оромӣ;

– Вуҷуд доштани сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот;

– Сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ ва кам кардани арзиши ҳаққи таҳсил дар мактабҳо;

– Тарбияи дуруст ва насли солим дар оила[265].

Фаъолияти самараноки мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори давлат аз қабили Ҳукумати ҶТ, Парлумони ҶТ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Вазорати маориф ва илми ҶТ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагии онҳо дар маҳалҳо ва ғ. ҳамчун татбиққунандагони сиёсати ҳуқуқӣ дар ҶТ дар инкишофи соҳаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил хело назаррас мебошанд.

Ҳамчунин, омилҳои дигар аз кабили алоқамандии ҳуқуқ ба таҳсил бо ҳуқуқҳои дигари инсон низ асоси инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил мегардад.

---

[264] Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 24 апрели соли 2010. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/taxo№my/term/5/69. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[265] ЮНИСЕФ. Что такое Конвенция о Правах Ребенка? [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.unicef.org/tajikistan/ru/что-такое-конвенция-о-правах-ребенка. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

Тарбияи нодуруст дар муҳити оила, паст будани шуури ҳуқуқӣ ва мафкураи ҳуқуқӣ, таъсири мафкураи бегона ба шуури ҳуқуқии шахс, ки боиси шомилшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мегардад, сатҳи пасти зиндагии аҳолӣ, иқтидори иқисодии давлат дар таъмин намудани шароити мусоид барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон ва танҳо дар доираи расмиёт мондани баъзе аз меъёрҳои қонунгузорӣ (кафолатҳо) дар амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар инкишофи ин ҳуқуқ мушкилотро ба вуҷуд меоранд.

Тарбияи дуруст дар оила бо мақсади дар руҳияи кӯдак бедор намудани шавқу рағбат ба таҳсил, аз омилҳое мебошанд, ки иҷро намудани он шарт ва ҳатмист. Имрӯз ин талаботро Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011 расмӣ гардонида, иҷрои онро яке аз уҳдадориҳои падару модар муқаррар кардааст.

Сатҳи баланди таваллуд дар ҶТ боиси афзоиши рӯзафзуни шумораи аҳолии синну соли таҳсил мегардад. Ба ибораи дигар, ҳатто барои нигоҳ доштани ҳолати имрӯзаи соҳаи маориф махсусан, таъмини шароит барои таҳсил ҳаҷми бештари захираҳои молиявӣ, моддию техникӣ лозим аст. Дар шароити маҳдудиятҳои сахти буҷетӣ кишвар бояд на танҳо роҳҳои нигоҳ доштан, балки инчунин инкишоф додани соҳаи таҳсилотро дар назар бигирад.

Сатҳи баланди бекорӣ ва ташаккул наёфтани бозори меҳнат боиси он мегардад, ки шаҳрвандон фарзандони худро ба таҳсил фаро гирифта наметавонанд. Ин ҳолат маҳдудиятро дар таъминоти пурраи фарзандон ба маводи таълимӣ ва сару либосҳои дарсӣ гардида, оқибат боиси дур мондани онҳо аз таҳсил мегардад.

Дар шароити тағйир ёфтани вазъи геополитикии ҷаҳон ва афзоиши таҳдиду хатарҳои нав идеологияи гурӯҳҳои тундрав ва ифротгаро низ метавонад, ки ба рушди давлатдории миллӣ ва манфиатҳои милливу давлатии мо, аз ҷумла ба амлигардии ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон монеаҳои ҷиддӣ эҷод намуда, мафкураи ҳуқуқии шаҳрвандонро кунд гардонида, оқибат онҳоро ба гурӯҳҳои ифротӣ шомил созад. Муҳаққиқон муайян кардаанд, ки яке аз сабабҳои шомил шудан ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ин аз таҳсил дур мондани онҳо ва таъсири ақидаҳои тундрави гурӯҳҳо мебошад. Ҳукумати ҶТ ҷиҳати роҳ надодан

ба воридашавии ақидаҳои носолим ба зеҳну тафаккури ҷавонон дар ҷомеа ва пешгирии тарзи ҳаёти хурофотӣ чораҳои зарурӣ андешида, фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро ва сомонаву саҳифаҳои интернетие, ки ба амнияти миллии кишвар таҳдид менамоянд, қатъ намуд[266].

Бо мақсади аз байн бурдани камбудиҳои дар раванди амалисозии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил ҷойдошта ва таъмин намудани шароити мусоид, Ҳукумати ҶТ 29 сентябри соли 2020 Қарор «Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2030» қабул намуд. Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2030 бо мақсади «бунёди низоми самараноки маориф, ки имконияти фарогир ва баробарро барои инкишофи қобилият, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некуаҳволии аҳолии ҶТ муҳайё месозад», қабул шудааст[267].

Дар системаи кафолатҳои ҳуқуқ ба таҳсил фаъолияти мақомоти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Нақши онҳоро муайян карда, пеш аз ҳама ба мақомоти давлатӣ арҷ гузоштан лозим аст, зеро он худи давлатро таҷассум мекунад ва вазифадор аст ин ҳуқуқро таъмин намояд. Пажуҳишгари хориҷӣ К. Дитер бар ин назар аст, ки нисбат ба ҳуқуқ ба таҳсил уҳдадории давлат се ҷиҳат дорад: эҳтиром кардан (аз амалҳои бар хилофи иродаи шахс нигаронидашуда худдорӣ кардан), ҳимоя (андешидани чораҳо барои пешгирии нақзи ҳуқуқ) ва амалӣ кардан (таъмин кардан, дастгирӣ кардан, ташвиқ кардан)[268]. Моҳияти уҳдадории охирин аз он иборат аст, ки давлат бояд ҳуқуқ ба таҳсилро таъмин (дар сурати мавҷуд набудани дастрасӣ ба таҳсил, кафолати он), дастгирӣ (сиёсати мувофиқеро, ки ба таъмини дастрасии таҳсилот равона шудааст) ва ҳавасманд (паҳн кардани дониш дар бораи ҳуқуқи инсон ба имкониятҳои ҳифзи он) намояд.

1. Ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби давлат тавассути:

– фаъолияти шабакаи васеи муассисахои таълимӣ, муассисаҳои илмӣ,

---

[266] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2018. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/taxo№my/term/5/69. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[267] Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.maorif.tj/storage/Dokument's/СТРАТЕГИЯҲО/b1f1813e0654f705a506e718fd627bc8.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[268] The Protection of the Right to Education by International Law. By Klaus Dieter Beiter. – Leiden, Boston: Martinus Nijhoff Publishers, 2006. – 752 p.

марказҳои таҷрибаомӯзӣ;

– интихоби озоди намудҳо ва шаклҳои таълим;

– татбиқи ҳифзи иҷтимоии донишҷӯён;

– маблағгузории тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби хароҷоти буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ;

– фароҳам овардани шароит барои гирифтани маълумот аз ҷониби шахсони дорои эҳтиёҷоти махсуси таҳсилот.

Чунин ба назар мерасад, ки барои иҷрои вазифаи амнияти тамоми механизми давлат бояд мураттаб кор кунад, ки дар он сарвари давлат нақши муҳим дорад. Таҳлили мақоми ҳуқуқии сарвари давлат дар шароити корпаративизми расмӣ-конституцсионӣ[269] шаҳодат медиҳад, ки сарвари давлат дар татбиқи ҳуқуқи мавриди назар баъзан ҳамчун миёнарав, дар ҳолатҳои дигар бевосита иштирок менамояд. Албатта, он мақоми махсуси соҳаи маориф нест ва пеш аз ҳама вазифаи намояндагиро иҷро мекунад. Аммо бо вуҷуди ин «дар ҳалли вазифаҳои сершумори дар назди давлат истода ва татбиқи вазифаҳое, ки давлат рӯ ба рӯ аст, сухани ҳалкунандаро маҳз ӯ дорад»[270].

Қобили зикр аст, ки вазифаи сарвари давлат дар сатҳи конституцсионӣ дар давлатҳои зиёде муқаррар шудааст. Хусусан, тибқи моддаи 102-и Конституцсияи Украина[271], моддаи Моддаи 79-и Конституцсияи Ҷумҳурии Беларус[272], моддаи 80-и Конституцсияи Федератсияи Россия[273] Президенти кишвар кафили конституцсия ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф шудааст. Мувофиқи моддаи 5-и Конституцсияи Фаронса, вай риояи конституцсияро назорат мекунад. Моддаи 62-и Конституцсияи Испания[274], салоҳияти подшоҳро аз он иборат медонад, ки

---

[269] Теория государства и права: курс лекций / [под ред. Н. И. Матузова и А. В. Малько]. – М.: Юристъ, 1999. – С. 86-134.

[270] Теория государства и права: курс лекций / [под ред. Н. И. Матузова и А. В. Малько]. – М.: Юристъ, 1999.– С. 133.

[271] Конституция Республики Украина. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://zakon.rada.gov.ua /laws/show/254%D0%BA/96-%D0%B2%D1%80#Text. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[272] Конституция Республики Беларуси. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://president.gov.by/ru/gosudarstvo/constitution#:~:text=Конституция%20Беларуси%20была%20принята%2015,была%20изложена%20в%20новой%20редакции. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[273] Конституция Республики Российской Федерации. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.constitution.ru/10003000/10003000-6.htm. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[274] Конституция Королества Испании. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://legalns.com/компетентные-юристы/правовая-библиотека/конституции-стран-мира/конституция-испании. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

сарпарастии олии академияҳои шоҳигариро амалӣ созад.

Аммо Конституцсияи ҶТ президентро на кафил, балки ҳомии «қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» медонад. Барои таъмини риояи конституцсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба Сарвари давлат вазифа ва ваколатҳои дахлдор дода шудааст. Вай вазифаи қонунбарориро амалӣ намуда, дар кори қонунгузорӣ ширкат варзида, меъёрҳои ҳуқуқэҷодкунии худро, ки ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нигаронида шудааст, амалӣ менамояд. Санадҳои Сарвари давлат кафолати муҳимми ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил мебошанд.

Имрӯз дар як қатор кишварҳои ҷаҳон чи дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи минтақавӣ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак фаъолият мекунанд, ки Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳост. Ин ниҳод дар кишварҳои аврупоӣ, аз қабили Австрия, Белгия, Юнон, Британияи Кабир, Исландия, Испания, Латвия, Литва, Олмон, Норвегия, Полша, Русия, Шветсия ва ғайра хуб рушд кардааст. Масалан, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Австрия дар асоси қонунгузории таъминоти иҷтимоӣ амал карда, на танҳо ҳифзи иҷтимоии кӯдакон, балки ҳифзи ҳуқуқи онҳоро ба таҳсил низ таъмин менамояд. Ӯ ба кӯдакон маслиҳат медиҳад, ҳуқуқҳои онҳоро мефаҳмонад, барои ҳалли баҳси байни кӯдакон ва намояндагони қонунии онҳо ҳамчун миёнарав баромад мекунад ва ғайра. Мо чунин мешуморем, ки ба мақсад мувофиқ будани фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ низ бо як қатор сабабҳои объективӣ – хусусиятҳои инкишофи рӯҳӣ ва ҷисмонии кӯдакон, имконнопазирии ҳифзи мустақилонаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо, вобастагӣ ба калонсолон, мавҷуд набудани адлияи ноболиғон дар кишвар муайян карда мешавад. Таҳлили таҷрибаи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак аз мавқеи фаъоли ӯ дар самти ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил шаҳодат медиҳад. Ҳамин тариқ, ин ниҳод дар як муддати фаъолияташ дар соли 2020 ҳудуди 238 адад[275] муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро баррасӣ намуда, дар 26 (соли 2019 – 46) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернатҳо ва муассисаҳои тарбиявӣ боздид, санҷиш ва мониторингҳо гузаронидааст

[275] Маърӯзаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://www.vhk.tj/images/reports/tj/Маърӯзаи_ВҲК_-_2020_-_фото_шрифт_14_тоҷ_-_копия.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

(Камшавии теъдоди муассисаҳои мавриди санҷиш қарордодашуда ба маҳдудиятҳои бинобар пешгирии паҳншавии бемории сироятии КОВИД-19 вобаста карда шудааст). Тамоми муроҷиатҳои воридгардида аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ бо тартиб ва дар доираи муҳлатҳои дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» пешбинишуда баррасӣ гардида, ба муроҷиаткунандагон ҷавобҳои муфассал ирсол карда шудаанд[276].

Ҳокимияти қонунгузор кафолати ҷудонашавандаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад. Мо ба максад мувофиқ мешуморем, ки моҳияти фаъолияти кафолатдиҳии парлумон дар механизми таъминоти ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил тавассути таҳлили вазифаҳои ба зиммаш гузошташуда ошкор карда шавад.

Парлумон вазифаи қонунгузориро амалӣ намуда, на танҳо қонунигардонии ҳуқуқ ба таҳсилро амалӣ мегардонад, балки эътирофи он ва дар қонунҳои асосии соҳаи маориф муайян намудани онро таъмин менамояд. Кафолати муҳимми парлумонии ҳуқуқ ба таҳсил дар сатҳи конституцсионӣ муқаррар намудани ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсил ва сатҳи ҳатмии таҳсилот мебошад. Чунин муносибати қонунгузор нишон медиҳад, ки ҳеҷ кас, аз ҷумла шахси воқеӣ, ба татбиқи ҳуқуқи таҳсил монеъ шуда наметавонад. Аз тарафи парлумон тасдиқ шудани барномаҳои миллии рушди иҷтимоӣ, аз ҷониби он муайян намудани принсипҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ кафолати таъмини ҳуқуқ ба таҳсил мебошад, чунки ин самтҳои стратегии рушди давлат бевосита ба рушди минбаъдаи ҳуқуқ ба таҳсил ва имкониятҳои татбиқи он марбутанд.

Бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла маориф, мақомоти қонунгузор назорати парламентиро тавассути истифодаи чунин воситаҳо, аз қабили ирсоли дархостҳои намояндагӣ, саволҳо, шарҳҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз тобеият ва шакли моликияташон, гузаронидани тафтишот ва муҳокимаи парлумонӣ амалӣ

[276] Маърӯзаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://www.vhk.tj/images/reports/tj/Маърӯзаи_ВҲК_-_2020_-_фото_шрифт_14_точ_-_копия.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

менамояд. Амалияи назорати парлумоние, ки Маҷлиси намояндагон амалӣ мекунад, аз аҳаммияти он барои таъмини ҳуқуқ ба таҳсил шаҳодат медиҳад. Аз рӯйи натиҷаҳои он, парламент қарор қабул мекунад ва тавсияҳои дахлдорро оид ба ҳалли масъалаи манфиатҳои ҷамъиятӣ тасдиқ мекунад. Масалан, 28 апрели соли 2022 таҳти раёсати раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагон, намояндагони Вазорати маориф ва илми ҶТ дар мавзуи «Омӯзиш ва пешниҳоди роҳҳо ва усулҳои нави омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ, ташаккул додани тафаккури техникӣ ва вусъат бахшидан ба навовариву ихтирокорӣ» ҳамоиш баргузор гардидааст[277].

Мустақилият дар низоми мақомоти давлатӣ, ошкорбаёнӣ, набудани расмиёти барзиёд дар баррасии муроҷиатҳо, кумаки ройгон ба таҳкими нуфузи институти Ваколатдор дар системаи кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқ мусоидат мекунанд. Ин эътимоди мардум ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ирсоли муроҷиатҳо ба ӯ бо дархости ҳифзи ҳуқуқи поймолшуда ба таҳсилро шарҳ медиҳад.

Мутобиқи қонунгузории ҶТ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолияти худро дар асоси маълумот дар бораи вайрон кардани ҳуқуқ ба таҳсил, ки на танҳо аз дархостҳои хаттии дигар субъектҳо, балки бо ташаббуси худ гирифта шудааст, амалӣ менамояд. Ғайр аз ин, вай чунин маълумотро аз воситаҳои ахбори омма гирифта, чораҳои дахлдор меандешад.

Воситаи муҳимми назорати парлумонӣ оид ба риояи ҳуқуқи инсон ҳисоботи солона ва махсуси Ваколатдор мебошад. Таҳлили муқоисавии онҳо моро ба ин натиҷа мерасонад, ки чун қоида, мазмуни ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби Ваколатдор ба талаботи қатъи ихтисори муассисаҳои таълимӣ, таъмини имконияти амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва кӯдакони эҳтиёҷманд ба кумаки иҷтимоӣ ва тавонбахшӣ, истифодаи китобхои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва маслиҳатҳои методӣ аз ҷониби муҳассилин, барҳам додани таъхир дар додани стипендия ва ёрдампулии

[277] Бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад. Доир ба пешниҳоди роҳҳои нави омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ ҳамоиш баргузор гардид. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ https://parlament.tj/news/1099-mizi-mudavvar-barguzor-gardid. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

донишҷӯёну курсантон ва ғ. ифода меёбад.

Дар маърузаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ барои соли 2020, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар робита ба ҳуқуқ ба таҳсил чунин тавсияву пешниҳодотро ироа кардааст:

– андешидани чораҳо ҷиҳати азнавсозии муассисаҳои таълимӣ ва тақвият додани заминаҳои моддиву техникии онҳо;

– таъмини риояи ҳуқуқи кӯдак дар раванди таълим.

– дар таҳрири нав таҳия намудани китоби дарсии «Ҳуқуқи инсон» бо забонҳои давлатӣ ва русӣ;

– тақвият додани дониши хонандагон оид ба санадҳо ва механизмҳои милливу байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак;

– тақвият додани фаъолият дар самти ҳамгироии кӯдакони ақаллиятҳои миллӣ ва зиѐд намудани соатҳои дарсӣ аз фанни забони давлатӣ;

– ба эҳтиѐҷоти кӯдакони дорои маъюбият мутобиқ намудани инфрасохтор ва заминаҳои моддию техникӣ ва кадрии муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ ва мактаб-интернатҳо, махсусан дар маҳалҳо;

– рушди низоми фарогири таҳсилот ва қабул намудани Стратегияи нави таҳсилоти фарогир;

– бо такмили ихтисос фаро гирифтани омӯзгорон вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдак, аз ҷумла кӯдакони маъюбиятдошта ба таҳсили фарогир;

– мутобиқ намудани санадҳои дохилиидоравии муассисаҳои махсуси кӯдакона бо қонунгузории миллӣ;

– тақвият додани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои махсуси кӯдакона[278].

Рушди ниҳоди Ваколатдори махсусгардонидашуда дар кишварҳои Аврупо моро водор мекунад, ки дар бораи ба мақсад мувофиқ будани омӯзиши таҷрибаи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи иштирокчиёни раванди таҳсил фикр кунем. Таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ин ниҳодро дар осори А. Батанов, А. Марселяк, М. Рудольф ва дигар олимон, ки дар пажӯҳишҳои худ таҷрибаи

[278] Маърӯзаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://www.vhk.tj/images/reports/tj/Маърӯзаи_ВҲК_-_2020_-_фото_шрифт_14_точ_-_копия.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

хориҷии фаъолияти Ваколатдор ва комиссарони ҳуқуқи хонандагон ва донишҷӯёнро ошкор менамоянд, дидан мумкин аст.

Таҷрибаи фаъолияти омбудсменҳо оид ба ҳуқуқи донишҷӯён дар ИМА ва Русия вуҷуд дорад. Масалан, мактабҳои миёнаи Руссия чунин омбудсменҳои ғайрирасмӣ доранд, ки ҳуқуқи хонандагонро ҳимоя мекунанд. Онҳо дар асоси низомномаҳои тасдиқнамудаи мудирияти мактаб фаъолият мекунанд[279]. Онҳо шикояти инфиродии мактаббачагон ва намояндагони қонунии онҳоро баррасӣ намуда, ба мақомоти салоҳиятдор оид ба ҳуқуқҳои поймолшудаи кӯдакон маълумот медиҳанд, қонунҳоро ба донишҷӯён мефаҳмонанд, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва ғайра ташкил мекунанд. Мо чунин мешуморем, ки фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи иштирокчиёни раванди таҳсилот, пеш аз ҳама, аз нигоҳи ба даст овардани таҷрибаи ҳуқуқи инсон барои кӯдаконе, ки дар кӯдакистонҳо ба тарбият фаро гирифта шудаанд, хонандагони муассисаҳои таълимӣ, донишҷӯён, курсантон, мураббиёни кӯдакистонҳо, омӯзгорон, устодони донишгоҳ ва мудирияти тамоми муассисаҳое, ки дар зери роҳбарии Вазорати маориф ва илми ҶТ ҳастанд, муҳим аст.

Албатта, фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои донишҷӯён дар бисёр кишварҳо роиҷ нест, аммо чунин таҷриба дар Австрия, Британияи Кабир, Нидерландия, Русия, Канада ва ИМА вуҷуд дорад. Аз ҷумла, дар Федератсияи Русия вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи донишҷӯён дар сатҳи федералӣ ҷорӣ шудааст ва ин ниҳоди ҳуқуқи инсон дар минтақаҳо – дар вилоятҳои Тюмен, Челябинск, Ярославл, Санкт-Петербург низ фаъолият мекунад. Ваколатдори донишҷӯён фаъолияти худро ба ҳифзи ҳуқуқҳои донишҷӯён, рушди худидоракунии мактабҳои олӣ, такмили қонунгузорӣ дар бораи таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии донишҷӯён равона мекунанд[280].

Дар Ҷумҳурии Австрия мутобиқи моддаи 31 Қонуни федералӣ «Дар бораи кафолати сифати берунии таҳсилоти олӣ ва Агентии кафолати сифат ва

---

[279] Уполномоченный по защите прав участников образовательного процесса. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://skola-8.ru/upol№mochennyy-po-zashchite-prav-uchastnikov-obrazovatel№go-protsessa. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

[280] Ешев, М. А. Уполномоченный по правам студентов как элемент механизма защиты прав и свобод // Бизнес. Образование. Право. – 2018. – № 2(43). – С. 269-272.

аккредитатсия (Қонун дар бораи назорати сифати таҳсилот)» аз 29 июли соли 2011, ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи донишҷӯён низ ҷорӣ карда шудааст. Ин ниҳод дар сохтори Вазорати илм ва инноватсия кор мекунад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи донишҷӯён мақоми расмӣ нест, он манфиатҳои қонунии донишҷӯёнро дар судҳо ва дигар мақомоти давлатӣ намояндагӣ намекунад. Воқеан, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи донишҷӯён нақши маркази иттилоотӣ ва хидматрасонии донишҷӯёнро мебозад. Вай мушкилоти онҳоро меомӯзад, оид ба таълим, тадқиқот, хидматрасонии маъмурӣ дар муассисаи таълимӣ ва ғайра маслиҳат медиҳад. Ваколатдор бо мақомоти худидоракунии донишҷӯён, бо муассисаҳое, ки ба салоҳияташон масъалаҳои маориф дохил мешаванд, зич ҳамкорӣ менамояд. Дар навбати худ, ӯ ҳақ дорад аз муассисаҳои таълимӣ маълумот ва маслиҳатҳои зарурӣ гирад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи донишҷӯёни Австрия ҳар сол на дертар аз 15 декабр дар бораи натиҷаҳои фаъолияти худ ҳисобот медиҳад. Таҷрибаи фаъолияти омбудсмени донишҷӯён нишон медиҳад, ки онҳо ҳамчун воситаи оштӣ байни шахсони ҳуқуқ ба таҳсил амалкунанда, омӯзгорон, маъмурияти муассисаи таълимӣ ва алтернативаи татбиқи ҷазоҳои интизомӣ хизмат мекунанд.

Ба боварии мо истифодаи таҷрибаи чунин ниҳод барои дар ҶТ ҷорӣ намудани ин муассиса муфид хоҳад буд. Чунин тахассусгардонӣ ба ҳифзи самарабахштари ҳуқуқи мавриди назар мусоидат мекунад. Бо мақсади пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни раванди таҳсилот, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» иловаҳо дар мавриди ба меъёри фаъолиятҳои қонунӣ даровардани фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқ ба таҳсил, аз ҷумла, ҳуқуқ ва ухдадорихо, ба даст овардан ва қатъ намудани ваколатҳо ва кафолатҳои фаъолияти ӯ пешниҳод карда мешавад. Ба андешаи мо, азбаски яке аз салоҳиятҳои Ҳукумати ҶТ таъмини татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аст, таъсиси ниҳоди доимӣ (Ваколатдор оид ба ҳуқуқ ба таҳсилот) дар назди он додан ба мақсад мувофиқ аст, то ки аз вайронкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ин соҳа пешгирӣ бикунад.

Ба андешаи мо, Ваколатдор оид ба ҳуқуқ ба таҳсил бояд ваколатҳои зеринро дошта бошад: шикояти хонандагон, донишҷӯён ва падару модарони

кӯдакони ноболиғ ва ҳамчунин, кормандони соҳаи маорифро дар бораи амал ё беамалии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, муассисон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар соҳаи маориф барои баррасӣ қабул намояд; ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ оид ба таъмини шароит барои пурра амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби шаҳрвандон тавсияҳо диҳад; бо дархост ба мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ оид ба андешидани чораҳо оид ба таъмини ҳуқуқ ба таҳсил муроҷиат намояд; ба Ҳукумати ҶТ оид ба такмили конунгузорӣ дар соҳаи маориф тавсияҳо пешниҳод кунад. Фаъолияти ин ниҳод дар сохтори Ҳукумат барои боз ҳам комилтар амалӣ шудани ҳуқуқи инсон ба таҳсил мусоидат менамояд.

Бо назардошти таҷрибаи кишварҳои Аврупо, мо чунин мешуморем, ки барои таъмини ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ танзими қонунгузорӣ ва амалияи назорати ҷамъиятиро дар соҳаи маориф такмил додан зарур аст. Воқеан, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» танҳо як модда ба назорати давлатии муассисаҳои таълимӣ бахшида шудааст, ки муқаррароти умумиро дар бар мегирад. Мо чунин мешуморем, ки бояд ба Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» фасли алоҳидаи «Назорат дар соҳаи маориф» дохил карда шавад, ки дар он мафҳумҳо ва намудҳои ин гуна назорат ба таври муфассал муқаррар гардида, салоҳиятҳои мақомоти назорати давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф пешбинӣ гардад. Дар баробари ин, азбаски Қонуни ҶТ дар бораи таҳсилоти олӣ (моддаи 33) қайд мекунад, ки назорати давлатӣ аз болои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм амалӣ карда мешавад, бояд дар сатҳи қонунӣ ваколатҳои ин ниҳодро муайян кард. Таъкид мекунем, ки дар ягон санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба соҳаи таҳсилот ва маориф вобаста ба ҷуз аз ишора ба ин мақом ҳеҷ маълумоти дигар вуҷуд надорад. Масъалаи дақиқ сохтани тамоми паҳлуҳои фаъолияти ин мақоми давлатиро мо яке аз масъалаҳои зарурӣ мешуморем.

Омодасозии хонандагони мактабҳои миёна ва ҳамчунин дигар

шаҳрвандон ба имтиҳоноти марказонидаи дохилшавӣ яке аз омилҳои дигаре мебошад, ки ба инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил таъсири мусбӣ мерасонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза омодасозии хонандагони мактабҳои миёна ва ҳамчунин дигар шаҳрвандон ба имтиҳоноти марказонидаи дохилшавӣ бештар вақт дар муассисаҳои ғайридавлатии таҳсилоти иловагӣ, марказҳои омӯзишӣ-омодасозии хусусӣ, ки ба муштариёни худ мувофиқи ихтисосҳои интихобнамудаашон машғулиятҳо мегузаронанд, ҷараён мегирад. Ин муассисаву марказҳо аксаран ба таҳияи барномаҳои инноватсионии илмӣ-таълимӣ ҳам таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо ин роҳ машғулиятҳои омӯзишии худро муассиртар месозанд. Махсусан дар шаҳрҳо, аксар вақт маҳз ин муассисаҳо сабаб мешаванд, ки довталабон дар имтиҳоноти дохилшавӣ муваффақ гардида, ба зинаи таҳсилоти олӣ қадам гузоранд. Аммо то кунун қонунгузории кишвар ва соҳаи маориф ба ин марказҳои омӯзишӣ-омодасозӣ ва муассисаҳои ғайридавлатии таълимӣ ҳамчун як навъи тиҷорат муносибат карда, саҳму тавонмандиҳои онҳоро дар роҳи рушди ҳуқуқ ба таҳсил ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нодида мегиранд. Аз ҳамин сабаб, бо мақсади таъмини беҳтари ҳуқуқ ба таҳсили олии босифати қишри бештари аҳолӣ, ки аз сабаби гаронии хидматрасониҳои чунин марказҳо, аз истифодаи он маҳрум мемонанд, пешниҳод карда мешавад, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва қонунгузориҳои дахлдори соҳаи андоз барои чунин муассисаҳо ва марказҳо чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва сабукиҳои махсус ҷорӣ карда шаванд, то ки бештари шаҳрвандон тавонанд аз ин гуна муассисаю марказҳо истифода баранд.

Яке аз омилҳои диагар, ки ба инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил таъсир мерасонад, ин қабули барнома ва стратегияҳое мебошад, ки дар кишвар ҷорӣ намудани он вобаста ба вазъиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва техникии ҷойдошта мувофиқи мақсад намебошад. Таҷрибаи амалигардии зинаҳои таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки аз соли 2016 то инҷониб дар муассисаҳои олии таълимии кишварамон низоми кредитии таҳсилот, ки онро дар арсаи

байналмилалӣ бо номи Раванди Болония машҳур аст, амал намуда истодааст[281].

Соли 1999 дар Италия масъалаҳои мубрам, ба монанди зинаҳои таҳсилоти олӣ, робитаи байни зинаҳои таҳсилот ва бозори меҳнат, таъмини сифати таҳсилот, муҳлати таҳсил дар зинаҳои таҳсилоти олӣ, интиқоли донишҷӯён аз як донишгоҳ ба донишгоҳҳои дигар, шуғли хатмкунандагон пас аз хатм ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мутобиқати сатҳи таҳсилоти кишварҳои гуногун, баланд бардоштани рақобатпазирии донишгоҳҳои Аврупо ба меҳвари баҳсҳо табдил ёфтаанд. Сипас, як силсила вохӯриҳо ва созишномаҳои вазирон дар байни кишварҳои Аврупо оид ба таъсис додани низоми нави таҳсилоти олӣ-раванди Болонӣ гузаронида шуда, вазирони маорифи 29 кишвари Аврупо ба хулоса омаданд, ки раванди Болонӣ ҷиҳати хамоҳангсозии стандартҳо ва сифати тахассуси таҳсилоти олӣ равона гардида, қабули он ба манфиати кор мебошад. Дар ин асос, Раванди Болония ба номи Донишгоҳи Болонияи Италия гузошта шуда, 29 кишвари Аврупо дар соли 1999 Эъломияи Болонияро имзо карданд. Ин раванд минтақаи таҳсилоти олии аврупоиро мутобиқи Конвенсияи Лиссабон ба вуҷуд овард[282]. Санаи расмии оғози раванд 19 июни соли 1999, вақте ки Эъломияи Болония ба имзо расид, ҳисобида мешавад. Раванди Болония дар нишасти 600 намояндаи донишгоҳҳои Аврупо дар моҳи марти соли 2001 таҳия ва мушаххас карда шуд.

Раванди Боллония низоми бисёрсатҳии низоми таҳсилоти олӣ буда, барои ягона кардани низоми таҳсилоти олӣ дар донишгоҳҳо, ҳамгироии фарҳангҳо ва ақалиятҳои миллӣ ҷиҳати дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ, боз ҳам беҳтар кардани сифат ва ҷаззобияти таҳсилоти олии аврупоӣ, вусъат бахшидан ба ҳаракати донишҷӯён ва омӯзгорон, инчунин таъмини шуғли муваффақонаи хатмкардагони донишгоҳҳо мебошад.

---

[281] Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:https://maorif.tj/storage/Dokument's/Nizomnomaho/bc7 e965170ab1177d33bd4 eda322638b.pdf. (дата обращения 30.02.2021).

[282] Лиссабонская Конвенция. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://nic.gov.ru/ru/docs/foreign/lis/ Conv_Recog_Qualif_High. (дата обращения 30.02.2021).

Раванди Боллония низоми бисёрсатҳии низоми таҳсилоти олии зеринро дар бар мегирад:

1) бакалавр-мутахассис (таҳсилоти олии нопурра 4 сола);

2) магистр-дар давлатҳои раванди болония мавқеи номзади илмҳоро дошта, 2 соли таҳсилро талаб мекунад;

3) ph.D-доктори илм ба шумор рафта, ин як зинаи таҳсилот ба шумор рафта, таҳсилоти 3 соларо талаб менамояд.

Ҳадафи асосии раванди Боллония, ки дар муқаррароти асосии Эъломияи Болония нишон дода шудааст, чунин аст:

1. Баланд бардоштани сатҳи коршоямии шаҳрвандони Аврупо ва рақобатпазирии байналмилалии системаи таҳсилоти олии аврупоӣ.

2. Дар доираи консепсияи «омӯзиши якумрӣ» баҳоҳои системавӣ додан.

3. Баҳо додани систематикии стандартҳои таҳсилоти фаромиллӣ.

4. Мусоидат ба ҳамкории Аврупо дар самти таъмини сифат бо мақсади таҳияи меъёрҳо ва методологияи муқоисашаванда.

5. Пешбурди омӯзиш ва тадқиқоти амалӣ Магистр (аз лот. Magister "мураббӣ, муаллим") “ унвони илмӣ, тахассус (дар баъзе кишварҳо – дараҷаи илм), ки магистрант пас аз хатми магистратура ба даст овардааст. Дараҷаи магистр (дар баъзе кишварҳо онро магистр меноманд) ин сатҳи таҳсилоти олии касбӣ дар пайи дараҷаи бакалавр мебошад, ки ба кас имкон медиҳад, ки тахассусро дар самти муайяни касбӣ амиқтар кунад ва дар баъзе ҳолатҳо тағйир диҳад.[283]

Ба андешаи мо, низми таҳсилоти кредитӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ он қдар ба фоидаи таълимгирандагон ва омӯзгорон нест, чунки дар ин низом донишҷӯ фикри худро мустақилона ба омӯзгор гуфта натавонсита, имтиҳонро бошад тавассути барномаи компютерӣ месупорад. Дар як навбати дигар бошад, вақте ки омӯзгор дарсҳоро гузашта, имтиҳони шифоҳӣ ва ё ин ки пурсишҳои шифоҳӣ нагузаронад, донишҳои андӯхтаашро фаромӯш карда, тарзи дурусти таълимро ба роҳ монда наметавонад. Хуб мешуд, ки Ҳукумати

[283] Совместная декларация министров образования Европы, Болонья, 19 июня 1999 г. – С.1-10.

мамлакат дар зинаи олии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таҳсилоти анъанавиро барқарор намояд.

Яке аз омилҳои дигаре, ки ба амалигардии ҳуқуқ озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсир мерасонад, ин фаъолияти дурусти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти қонунгузор мебошад.

Қонунҳо бояд тавре қабул карда шаванд, ки дар вақти дар амал ҷорӣ гардидани меъёрҳои он дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар конституцсия ва қонунҳо кафолат дода шудааст маҳдуд ва ё ин ки поймол нагардад.

Масалан, мувофиқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, №1753 – ба хизмати ҳатмии ҳарбии муҳлатнок шаҳрвандони ҷинси марди аз 18 то 27-солаи дар қайди ҳарбӣ қарордошта ё шаҳрвандоне, ки уҳдадоранд дар қайди ҳарбӣ бошанд ва барои ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ё озод шудан аз даъват ба хизмати ҳатмии ҳарбии муҳлатнок ҳуқуқ надоранд, ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳо ва воҳидҳои дигари ҳарбӣ, дар вазифаҳои сарбозон ва сержантон даъват карда мешаванд.

Мувофиқи банди 3 қисми 2-и моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» барои ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбӣ шаҳрвандони зерин ҳуқуқ доранд:

– Онҳое, ки дар шуъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои дарёфти тахассуси дараҷаи бакалавр ва мутахассис бори аввал таҳсил менамоянд – дар давраи таҳсил.

Вале, мутаассифона, талаботи меъёри зикршуда имрӯз сабаби поймол гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил гардида истодааст, чунки меъёри мазкур муқаррар намудааст, ки онҳое, ки дар шуъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои дарёфти тахассуси дараҷаи бакалавр ва мутахассис бори аввал таҳсил менамоянд, дар давраи таҳсил ҳуқуқи ба таъхир андохтани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбиро доранд. Масалан, агар шаҳрванди ҶТ моҳи сентябри соли 2021 ба факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

дохил шуда, бинобар сабаби давомоти нокифоя ва ё ин ки ҳар сабаби дигар, дар охири соли таҳсил аз донишгоҳ хориҷ гардад ва агар соли 2022 таҳсили худро барқарор кунад, номбурда фақат ба хотири як маротиба аз таҳсил хориҷ шуданаш ба хизмати ҳарбӣ сафарбар карда мешавад. Қонунгузорӣ ин ҳолатро тамоман ба назар нагирифтааст, ки сарфи назар аз он ки ин шаҳрванд як маротиба хориҷ шудааст, аммо айни замон ӯ донишҷӯ аст ва донишҷӯ дар кадом шароите набошад, ҳуқуқи ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбиро бояд дошта бошад.

Дар шароити имрӯза комиссариатҳои ҳарбии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи банди 3 қисми 2-и моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»-ро ба инобат гирифта, тамоми донишҷӯёнро, ки як маротиба хориҷ шуда, боз барқарор гардидаанд, дар давраи таҳсил ба хизмати ҳарбӣ сафарбар менамоянд. Ба андешаи мо, таҷрибаи сафарбар намудани донишҷӯёни хориҷшуда ба хизмати ҳарбӣ бояд дар давраи то барқарор гардиданашон дар муассисаи олии таълимӣ амалӣ гардад. Дар сурати пас аз хориҷшавӣ дубора дар муассисаи олии таълимӣ барқарор шудани донишҷӯён, хуб мешуд баъд аз анҷоми таҳсил ва хатми муассисаи олии таълимӣ онҳо ба хизмати ҳарбӣ сафарбар карда мешуданд. Дар чунин сурат кафолатҳои ҳуқуқи шахс ба таҳсилоти олӣ боз ҳам мукаммал мегардид.

Омили мазкур ба амалигардии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсири манфӣ расонида, баъзе нофаҳмиҳоро ба вуҷуд оварданаш мумкин аст.

Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки талаботи банди 3, қисми 2-и моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» бо таклифи дар боло зикргардида ҳамоҳанг карда шавад.

ХУЛОСА

Муаллиф дар таҳқиқи диссертатсионӣ масъалаи илмии таҳияи консепсияи ҳамаҷонибаи кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсилро дар ҶТ дар заминаи таҷрибаи аврупоӣ, аз ҷумла таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузорӣ дар робита ба таъмини ҳуқуқ ба таҳсил, асарҳои илмӣ, инчунин мушкилоти амалии татбиқ, муҳофизат ва ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ҳуқуқ ба таҳсилро танзим мекунанд, ҳал кардааст. Маҷмуи принсипҳои методологӣ (илмӣ, объективӣ, ҳамаҷониба, мураккабӣ, таърихӣ, конкретӣ), равишҳои методологӣ (диалектикӣ, антропологӣ, феноменологӣ, герменевтикӣ, арзишӣ, тамаддунӣ), усулҳои умумии илмӣ ва махсус ба эътимоднокии таҳқиқ далолат мекунанд

Натиҷаи таҳқиқ таҳияи хулоса ва пешниҳодҳои зерин гашт:

1. Пайдоиши асосҳои моҳиятии ҳуқуқ ба таҳсил дар афкори ҳуқуқии тоҷикон дар чор давра ба амал омад: 1) давраи фаҳмишу дарки худи мафҳум ва истилоҳи ҳуқуқ; 2) ташаккули ғояи ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун ҳуқуқи табиӣ, ки барои қонеъ гардондани талаботи инфиродии шахс ва манфиатҳои давлат равона шудааст; 3) пазируфтани ғояи илмпарваронаи дини Ислом дар мавриди зарурати илмомӯзӣ ва касби дониш кардан ҳамчун воситаи муҳимми такмил додани ҳар як шахс ва ҷомеа дар маҷмуъ; 4) таҳияи идеяи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ҳуқуқ ба таҳсил дар мафҳуму истилоҳоти муқарраршудаи фаҳмиши ҳуқуқӣ.

2. Ташаккул ва инкишофи ғояҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ марҳалаҳои зеринро тай кардааст: 1) пайдоиши идеяи ҳуқуқ ба таҳсил дар таълимоти илмии исломии асрҳои IX-XIX; 2) Тасдиқи идеяи ҳуқуқ ба таҳсил дар назарияҳои маорифпарваронаи фаҳмиши ҳуқуқии ибтидои асри XX; 3) ташаккули ғояи ҳуқуқ ба таҳсил дар замони шуравӣ (солҳои 20-уми асри XX – то соли 1991); 4) ташаккул ва инкишофи равишҳои гуногунандешии назариявӣ ва методологии омӯзиши ҳуқуқ ба таҳсил (аз соли 1991). **[1–М]**

3. Таҳаввули мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ дар робита бо

парадигмаи Аврупои Ғарбии ин ҳуқуқ, ки тавассути низоми шуравӣ ворид шудааст, дорои хусусиятҳои муайян аст: пайдоиши идеяи ҳуқуқ ба таҳсил тавассути шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ дар афкори ҳуқуқии тоҷикон дар давраи баъдӣ ба амал омад; асосҳои динии ҳуқуқ ба таҳсил дар назарияи олимони ҶТ то ҳанӯз устувор боқӣ мондаанд; мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил дар натиҷаи ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар давраҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо асосҳои демократӣ-миллӣ ғанӣ гардид. Дар замони шуравӣ ҳуқуқ ба таҳсил дар заминаи интиқод аз таълимоти илмии ғарбӣ ва демократӣ-миллатгароӣ аз ҷониби давлат рӯйи кор омода буд. Аз соли 1991 инҷониб эҳёи равишҳои гуногунандешии назариявӣ ва методологӣ барои фаҳмидани ҳуқуқ ба таҳсил ба амал омад.

4. Мафҳуми «ҳуқуқ ба таҳсил» ба маънои субъективӣ бояд ҳамчун имконияти ҳар як шахс маънидод карда шавад, ки дар Конституцсия ва қонунҳо ифода ёфта, ба инкишофи зеҳнӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ, фарҳангӣ, иҷтимоишавии бомуваффақ ва расидан ба шароити сазовори иқтисодӣ мусоидат мекунад. **[1–М]**

Ба таври объективӣ бошад, ҳуқуқ ба таҳсил бояд ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие шинохта шавад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи маориф танзим намуда, ҳадафҳо, мазмун, ҳудуди фазоиву замонӣ, тартиби амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсилотро муайян мекунанд, инчунин ташкили мудирияти раванди таҳсилот, намуд ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро, ки дар соҳаи маориф амал мекунанд, танзим менамояд, вазъи ҳуқуқуии онҳо, тартиби амалӣ намуданӣ фаъолияти таҳсилотро муқаррар месозад;

5. Механизми таъмини ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил зерсистемаҳои зеринро дар бар мегирад: механизми татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил; механизми ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил; механизми ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсил. **[6–М]**

Сохтори механизми таъмини ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил тавассути унсурҳои зерин ошкор карда мешавад: принсипҳои ҳуқуқ; меъёрҳои қонун;

муносибатҳои ҳуқуқӣ (субъектҳо, объектҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ); далелҳои ҳуқуқӣ; фаъолияти ҳуқуқӣ; низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; огоҳии ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқ; марҳилаҳои таъмини ҳуқуқ ба таҳсил; кафолатҳои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил

6. Принсипҳои ҳуқуқ ба таҳсил принсипҳои бунёдӣ, идеяҳое мебошанд, ки моҳият ва самти умумии рушди онро муайян мекунанд. Принсипҳои мазкур ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) дастрасии умумии таҳсилот ва таъмини ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсил, озодии интихоби намудҳои таълим ва ҳуқуқи афзалиятноки волидони кӯдакони хурдсол дар интихоби таҳсил; 2) хусусияти инсондӯстона, демократии ҳуқуқ ба таҳсил ва кафолат додани истифодаи ҳуқуқ ба таҳсил дар тамоми умр. **[1–М]**

7. Мафҳуми «таъминоти меъёрии ҳуқуқии ҳуқуқи шахс ба таҳсилот» ҳамчун танзими меъёрии муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи маориф ва истифодаи қонун ҳамчун воситаи идоракунии соҳаи маориф инкишоф ёфтаву бо мақсади мусоидат намудан ба ҷустуҷӯи роҳҳои такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда ва таҳияи санадҳои нави ҳуқуқӣ, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқи шахс ба таҳсил заруранд, муайян карда шудааст.

8. Кафолатҳои ҳуқуқ ба таҳсил ба умумӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо карда мешавад. Дувумӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад: онҳо падидаҳои воқеияти ҳуқуқӣ мебошанд; дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зикр гардидааанд; аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иштирокчиёни раванди таълим дар доираи ваколатҳои таъмини ҳуқуқ ба таҳсил амалӣ карда мешаванд; объекти кафолати онхо ҳуқуқ ба таҳсил мебошад. Пешниҳод мешавад, ки таснифоти мавҷудаи кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил бо меъёрҳои зерин пурра карда шавад: шаклҳои ҳуқуқии фаъолияти давлат ва дигар мақомоти ваколатдор (кафолатҳои қонунбарорӣ, ҳифзи ҳуқуқ, ва тафсири ҳуқуқ); мақоми онтологӣ (кафолатҳои соҳаи шуури ҳуқуқӣ ва кафолатҳои олами моддӣ); тарафи субъективии воқеияти ҳуқуқӣ

(огоҳии ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, таълимоти ҳуқуқӣ); усулҳои таъсиррасонӣ ба рафтори ҳуқуқии иштирокчиёни раванди таҳсил (кафолатҳои ҳавасмандкунанда ва маҳдудкунандаи ҳуқуқ) ва ғ.

9. Барои таҳияи кафолатҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ дар заминаи таҷрибаҳои пешрафтаи кишварҳои демократӣ зарур аст: мустақилияти воқеии муассисаҳои таълимӣ; фаъолияти сохторҳои миллӣ ва мустақили арзёбии сифати таҳсилот; ҳаракати академии донишҷӯён ва омӯзгорон; 8) таъмир, сохтмон ва навсозии муассисаҳои таълимӣ ва рушди заминаи моддию техникии онҳо; ҷорӣ намудани маблағгузории бисёрҷонибаи муассисаҳои таълимӣ; якпорчасозии маориф, илм ва истеҳсолот; аз ҷониби давлат, мақомоти маҳаллӣ, корфармоён татбиқи сиёсати фаъоли иҷтимоӣ, ки ба таъмини беҳтарини иҷтимоии донишҷӯён нигаронида шудааст; шароитҳои мувофиқ барои амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил барои шахсони дорои эҳтиёҷоти махсуси таҳсилот; таҷассуми ғояи арзиши инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил дар шуури ҷамъиятӣ.

10. Ҳуқуқ ба таҳсил дар ҳолате самаранок ва ба таври комил амалӣ мегардад, ки давлат ва ҷомеа ба дарки ин нукоти асосӣ бирасанд: а) ҳуқуқ ба таҳсил асоси рушди дигар ҳуқуқҳо мебошад; б) табъиз дар соҳаи маориф бо ҳама гуна асос қобили қабул нест; в) ҳуқуқ ба таҳсил дастрасӣ ба муассисаҳои таълимӣ, таҳсилоти босифат ва расман эътироф шудани таҳсилоти гирифтаро таъмин менамояд; г) гуногунандешӣ дар соҳаи маориф таъмин карда шавад; ғ) ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсил дар робитаи мунтазам бо дигар ҳуқуқҳои бунёдӣ сурат мегирад; д) ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба масъалаҳои таҳсилот хусусияти танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вазъи ба вуҷудомада дар ҳолати мушаххас ба инобат гирифта мешавад.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚИҚОТ

Дар диссертатсия, дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзуи барррасишаванда, муаллиф баҳри такмили қонунгузорӣ иҷрои пешниҳодоти зеринро лозим мешуморад:

1. Ба андешаи мо, бинобар сабаби васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва инкишофи қонунгузории соҳаи таҳсилот хуб мешуд, ки ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардидаро якҷоя намуда, бо назардошти талаботҳои қонунгузорӣ як санади кодификатсионӣ – механизми ягонаи амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил дар шакли пурра ва оммафаҳм бо номи Кодекси Таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешуд, чунки, Кодекси таҳсилот метвонад вазифаҳо ва ҳадафҳои ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун арзиши иҷтимоӣ муайян намуда, хусусиятҳои асосии таҳсил – моҳият, ҳадаф, намуд ва зинаҳои таҳсилот, ҳудуди замониву маконӣ ва тартиби амалисозии ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ муқаррар мекунанд ва ташкили идоракунии маориф, намудҳо ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии соҳаи маориф, вазъи ҳуқуқии онҳо ва тартиби пешбурди фаъолияти таълиму тарбияро дар муассисаҳои таҳсилотӣ муқаррар ва танзим мекунад.

2. Таҳлили қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ оид ба принсипҳои ҳуқуқи инсон ба таҳсил нишон дод, ки яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқ ба таҳсил, ки моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии инсонро дар бар гирифта, амалигардии он ба рушди бемайлони инсоният равона гардидааст, ин принсипи ба таври ройгон дастрас будани таҳсили миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва олии касбӣ дар муассисаҳои таълимии давлатӣ мебошад. Ҳарчанд принсипи мазкур дар муқарররароти қисми 2 моддаи 41 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи худро ёфта бошад ҳам, вале кафолат ва танзими меъёрӣ-ҳуқуқии он дар қонунгузории соҳавӣ аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” пешбинӣ карда нашудааст. **[7–М]**

Аз ин рӯ пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 27 июли соли 2013, ки принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян мекунад, сархати панҷум дар шакли зерин – “ба таври ройгон дастрас будани таҳсили миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва олии касбӣ дар муассисаҳои таълимии давлатӣ” илова карда шавад.

3. Ҳамчунон ки аз муқаррароти банди 3-юми Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2018 №12/28 “Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои қабул ба магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бармеояд, барои дохил шудани шаҳрвандон ба магистратура ва таҳсил намудани онҳо маҳдудияти синнусолӣ ҷорӣ карда шудааст. Банди сеюми ин қарор эълом мекунад, ки «ба зинаи магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ мувофиқи шартномаву созишномаҳои байнидавлатӣ ва шахсони бетабааи муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зинаҳои бакалавр ва ё мутахассисро хатм намудаанд, қабул карда мешаванд. Қабули довталабон дар зинаи магистратура то сини 35-сола ба амал бароварда мешавад». Ин дар ҳолест, ки Қонуни ҶТ дар бораи маориф, дар пайравӣ аз муқаррароти моддаи 41-уми Конституцияи ҶТ дар моддаи 4 “баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат” ва ҳамчунин “дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун”-ро кафолат медиҳад. Ҳамин тавр, вуҷуд надоштани табақабандии қонунгузориҳо дар соҳаи маориф, ки мо дар боло ишора кардем, сабаби номувофиқатӣ ва мухолифатҳои ҳуқуқӣ гаштааст. Бо назардошти ин ки маҳдудияти синнусолӣ дар робита ба таҳсил дар зинаи магистратура асоси ҳуқуқӣ, педагогӣ ва илмӣ надорад, пешниҳод мегирдад, ки ин маҳдудият аз қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бардошта шавад. **[7–М]**

4. Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” мафҳуми “Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф” пешбинӣ шудааст, ки мазмунан он

қадар аломатҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро дар худ таҷассум намекунад.

Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки дар қисми 1 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” мафҳуми “Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф” дар таърифи зерин илова карда шавад:

“Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф – маҷмуи омилҳои барномавӣ ва амалии дар қонунгузорӣ муқарраргардидаи таъсири давлатию маъмурӣ ба муносибатҳои соҳаи маориф аст, ки бо мақсади ба даст овардани самараи ҳадди аксар аз рушди он, таъмини ҳуқуқи шахрвандон ба таҳсил, дастрасии умумии хидматрасониҳои таълимӣ, инчунин фаъолияти муътадили муассисаҳои таълимӣ, ки метавонад аз ҳисоби низоми махсус ташкилшудаи ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ амалӣ шавад, роҳандозӣ карда шудааст”.

Бояд қайд кард, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар заминаи аломатҳои зерин фаҳмида мешавад:

–аввалан, объекти сиёсат дар самти маориф низоми маориф дар давлат мебошад, ки бояд аз маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар робита ба ҷамъоварӣ, танзим ва интишор додани донишҳо иборат бошад;

–дуюм, он як қатор унсурҳоро (мақсад, низоми принсипҳо, механизмҳо ва воситаҳои амалсозӣ, ки он дар маҷмуъ дорои сифати зарурии таъсири давлатию маъмурӣ ба субъектҳои соҳаи маориф ва муносибатҳои дар доираи он амалишаванда мебошад) дар бар мегирад;

–сеюм, давлат тавассути сиёсат дар самти маориф риояи ҳуқуқҳои шахс ва қонеъ гардонидани манфиатҳои ҷомеаро дар рушди ҳамаҷонибаи онҳо амалӣ ва таъмин менамояд, аз ҷумла таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсилро ба роҳ мемонад;

– чорум, сиёсати давлатӣ дар самти маориф дар маҷмуи барномаҳои таълимӣ ва комплексҳои методӣ ифода меёбад ва таҳияи онҳо имкон медиҳад, ки донишҳо ба низом дароварда шуда, мақсад ва ҳадафҳои муайяни донишҳои илмӣ, ки ба талаботи иҷтимоӣ ҷавобгӯ мебошанд, мушаххас карда шаванд.

5. Қонунҳо бояд тавре қабул карда шаванд, ки дар вақти дар амал

татбиқ гардидани меъёрҳои он дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар конституцсия ва қонунҳо кафолат дода шудааст маҳдуд ва ё ин ки поймол нагардад. Омили мазкур ба амалигардии ҳуқуқ озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсири манфӣ расонида, нофаҳмии мардумро ба ҳокимияти қонунгузор ба вуҷуд меорад.

Масалан, мувофиқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, №1753 – ба хизмати ҳатмии ҳарбии муҳлатнок шаҳрвандони ҷинси марди аз 18 то 27-солаи дар қайди ҳарбӣ қарордошта ё шаҳрвандоне, ки уҳдадоранд дар қайди ҳарбӣ бошанд ва барои ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ё озод шудан аз даъват ба хизмати ҳатмии ҳарбии муҳлатнок ҳуқуқ надоранд, ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳо ва воҳидҳои дигари ҳарбӣ, дар вазифаҳои сарбозон ва сержантон даъват карда мешаванд.

Мувофиқи банди 3 қисми 2-и моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» барои ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбӣ шаҳрвандони зерин ҳуқуқ доранд:

– Онҳое, ки дар шуъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои дарёфти тахассуси дараҷаи бакалавр ва мутахассис бори аввал таҳсил менамоянд – дар давраи таҳсил.

Вале мутаассифона, талаботи меъёри зикршуда имрӯз сабаби поймол гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил гардида истодааст, чунки меъёри мазкур муқаррар намудааст, ки онҳое, ки дар шуъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои дарёфти тахассуси дараҷаи бакалавр ва мутахассис бори аввал таҳсил менамоянд, дар давраи таҳсил ҳуқуқи ба таъхир андохтани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбиро доранд. Масалан, агар шаҳрванди ҶТ моҳи сентябри соли 2021 ба факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, бинобар сабаби давомоти нокифоя ва ё ин ки ҳар сабаби дигар, дар охири соли таҳсил аз донишгоҳ хориҷ гардад ва агар соли 2022 таҳсили худро барқарор кунад, номбурда фақат ба хотири як маротиба аз таҳсил хориҷ шудан ба хизмати ҳарбӣ сафарбар карда мешавад. Қонунгузорӣ ин ҳолатро тамоман ба назар

нагирифтааст, ки сарфи назар аз он ки ин шаҳрванд як маротиба хорӣ шудааст, аммо айни замон ӯ донишҷӯ аст ва донишҷӯ дар кадом шароите набошад ҳуқуқи ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбиро бояд дошта бошад.

